Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

В. ҚӮЧҚОРОВ, О. МАҲМУДОВ, З. ЗАМОНОВ

# АСОСҲОИ МАЪНАВИЯТ

*Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таълими миёна*

*Нашри дуюм*

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст*

Тошканд
«Yangiyoʻl Poligraf Servis»
2018

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК: 17.022.1(075.3)
КБК: 87.60(5Ў)
Қ 99 Қӯчқоров, Ваҳоб.
Асосҳои маънавият: Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таълими миёна / В.Қӯчқоров, О.Маҳмудов, З.Замонов. — Нашри дуюм. — Тошканд: Yangiyo'l Poligraf Servis, 2018. — 144 с.

**УЎК: 17.022.1(075.3)**
**ISBN 978-9943-5244-7-7** **КБК: 87.60(5Ў)я72**

**Муҳаррири масъул:**

А. Холбеков — доктори илмҳои сотсиология, профессор.

Н.Исматова — корманди Академияи байналмилали ислом дар Ўзбекистон.

**Муқарризон:**

Ш.Тӯраев — мудири шӯъбаи экспертизаи илмии Маркази маънавият ва маърифати республика, номзади илмҳои фалсафа, дотсент;

Д. Бозоров — Дотсенти кафедраи «Фалсафа ва мантиқ»-и Донишгоҳи миллии Ўзбекистон;

А. Холов — Ходими калони Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Республикаи Ўзбекистон;

М. Холиқова — дотсенти Марказии худудии ДБТИМКРСТХ (Донишкадаи бозомӯзи ва такмили ихтисоси мутахассис ва кормандони роҳбари сохтори таълими халқ)-и назди ДДОТ ба номи Низомӣ, номзади илмҳои филологӣ;

Д.Эргашева — Омӯзгори фанни «Асосҳои маънавият»-и мактаби таълими умумии рақами 8-уми ноҳияи Сергелӣ.

Шӯрои илмиву методии фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият»-и Маркази таълими республика ба чоп тавсия кардааст.

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-5244-7-7
© В. Қӯчқоров, О. Маҳмудов, З. Замонов. 2017-2018.
© «Yangiyo'l Poligraf Servis», 2017-2018.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Муқаддима

**Хонандаи азиз!** Дар дунё ҳар як чиз мағз ва моҳият дорад. Моҳияти одамизод дар эҷодкорӣ, иродаи мустаҳкам, дину диёнат, ба дигарон ба кӯмаки холис омадан, дар вақти ба сари дигарон офату ғам афтидан тасаллият додан ва ба шодии онҳо ҳам шарик будан, меҳру оқибат ифода меёбад, агар ба як калима гӯем, олами маънавии зеборо ташкил медиҳад.

Агар чунин бошад, маънавият дар рафтори одамон чӣ тавр зоҳир мешавад? Масалан, Шумо ба калонсолон аввалин шуда салом медиҳед, зеро волидонатон ба Шумо чунин таълим додаанд. Шумо кӯшиш менамоед, ки бо баҳои аъло хонед, зеро, ки Шумо аз устоду мураббиятон чунин таълим гирифтаед. Шумо дар таълимгоҳҳо, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ калимаҳои умуман шармгин, дағал истифода нахоҳед кард, зеро ба он фарҳанги ботиниятон роҳ намедиҳад. Шумо Ватанатонро намефурӯшед, зеро он баробари фурӯхтани виҷдону худшиносиятон аст. Ҳамаи ин ба туфайли рафтори зебои Шумо, зебоии маънавии қалбатон, мустаҳкамии эътиқоди некатон аст. Ҳамин тавр, маънавият хазинаи нафис ва нодири олами ботинии инсоният буда, одамонро ба сӯйи бунёдкориҳои бузург мебарад. Зиёд шудани одамони дорои маънавияти баланд ба инкишоф ёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ сабаб мешавад. Ислоҳоти иқтисодии аз ҷониби халқ ва давлати Ўзбекистони соҳибистиқлол амалишаванда дар муштаракӣ бо фазилатҳои оличанобии инсонӣ эҳсоси маърифати баланд пеш бурда шуд. Аз ҷумла, обидаҳои бостониямон аз нав пурра таъмир гардида, асарҳои қадима ва навиштаҷотҳо нашр карда шуда, ба оммаи умум пешниҳод шуданд, анъана ва арзишҳои пешин аз нав барқарор карда шуданд. Нисбат ба анъана ва арзишҳои миллии миллат ва қавмҳои гуногуни дар мамлакати мо маскун, эътимод ва эҳтироми баланд нишон дода шуд ва ғайраҳо.

Имрӯз дар мамлакати мо, сулҳу осоиштагӣ, ваҳдат, ҳамҷиҳатӣ устувор аст. Давлати Ўзбекистон манфиатҳои ҳамаи халқу миллатҳо ва қавмҳоеро, ки дар ҳудуди он зиндагӣ мекунанд, як хел ҳимоя ва муҳофизат мекунад. Инкишофи маънавӣ, худшиносии миллӣ бе шуури таърихӣ ва хотираи таърихӣ ба тарзи мукаммал рушд ва ташаккул намеёбад.

Дар асари «Маънавияти воло – неруи мағлубнопазир» чунин оварда шудааст: «... агар имрӯз барои нигоҳ доштани маънавият ва бар зидди хуруҷҳои ба он таҳдидовар чӣ бояд кард гуфта пурсанд, ман пеш аз ҳама мегуфтам, ки ҳар як инсоне, ки дар ин кишвар зиндагӣ мекунад, бояд худро шиносад, меросҳои



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

гаронбаҳои аҷдоди бузургамонро амиқ омӯзад, ба воқеияти имрӯза, ки босуръат пеш меравад, бошуурона нигоҳ кунад ва ба дигаргуниҳои дар кишварамон амалишаванда бо ҳисси дахлдорӣ зиндагӣ кунад».

Ана аз ҳамин сабаб дар кишварамон рӯзи Хотира ва қадр ҷашн гирифта шуда, нисбат ба рӯҳи поки аҷдодӣ эҳтироми воло нишон дода мешавад. Бесабаб нест, ки 2 сентябр – рӯзи аввали соли нави хониш ба хотираи асосгузори давлати Ӯзбекистони соҳибистиқлол Ислом Каримов бахшида шудааст.

Ҳаёти бо мақсаду маром гузарондашуда, пурмазмун ва бобаракат хоҳад буд. Айнан ҳамин тавр, кишваре, ки ҳадафҳои бузургро ба худ пеша кардааст, дар варақҳои тиллоии таърих накши фаромӯшношуданӣ хоҳад гузошт. Имрӯз ҳадафи асосии Стратегияи ҳаракати Ӯзбекистон таъмини манфиатҳои халқ, офаридани омилҳои зарурӣ барои зиндагии ором ва фаровон мебошад.

Меҳру оқибат, самимият, эҳтироми калонсолон, махсусан, падару модарро қадр кардан ва дар куҳансолӣ ғамхорӣ намудан, ки ба халқи мо хос аст, ба мардуми бисёри ҷаҳон дарси ибрат хоҳад буд. Ин арзишҳои мо дар оила ташаккул ёфта, сипас ба рушди маънавии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи ба марҳилаи нав бардоштани ташаккули маънавӣ чунин гуфтааст: «барои боз ҳам мустаҳкам кардани асосҳои оила, ки барои ҳар яки мо муқаддас аст, барқарор нигоҳ доштани осудагиву тифоқӣ, барпо намудани муҳити ҳурмату эҳтиром дар он, бояд корҳои маънавию маърифиро ҷоннок намоем».

Китоби дарсии мазкур ҷавонони донишомӯзро водор месозад, то ки асолати маънавиро ба воситаи тафаккури миллӣ ва асосҳои ҷаҳонбинии солим, истодагарӣ бар зидди таҷовузҳои маънавӣ, тарбияи инсонҳои боматонат, фидоӣ, ватанпарвар дарк намоянд. Дар оғози ҳар як мавзӯъ савол ва супоришҳои фаъолкунанда дода шудааст. Дар бисёр мавридҳо мисолҳо аз ҳаёти худи Шумо ва ҳамсолонатон гирд оварда шуд. Онҳо барои ба хотир овардани он дониш ва малакаҳое, ки дар синфҳои ибтидоӣ гирифтед, чун имтиҳон хизмат мекунанд.

Дар охири ҳар як мавзӯъ «Сабақҳои дарс» ва «Чистонҳо» дода шудааст. Онҳоро бодиққат хонед, ҷавоби чистонҳоро якҷоя бо аъзои оилаатон баррасӣ кунед. Боварӣ дорем, ки онҳо барои боз ҳам васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, фикру мушоҳидаи Шумо хизмат мекунанд.

Донишомӯзони азиз! Гурӯҳи муаллифон барои мукаммал аз худ карда шудани фанни «Асосҳои маънавият» ба Шумо муваффақиятҳо орзу менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 1 Маънавият — қудрати беҳамто

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА :

1. Дар асоси расмҳои мазкур ба маънавият таъриф диҳед ва омилҳои ба маънавият таъсиррасонандаро эзоҳ диҳед.
2. Дар кадом вақт маънавият ба қувваи беқиёс табдил меёбад?
3. Ҳангоми зиёрат кардани ҷойҳои таърихӣ кадом ҳиссиёт шуморо фаро мегирад? Чӣ гуна қудрати маънавӣ-руҳӣ пайдо мекунед? Оё шумо фикр кардаед, чаро ин гуна ҳолат рӯй медиҳад?



Маънавият қудратест, ки ба шуури инсон таъсир намуда, ҷаҳонбинӣ ва тарзи фикрронии ӯро ба самти муайян медарорад.

Ҷанбаи маънавиятро асосҳои фарҳангӣ ва моддӣ, анъанаву арзишҳо, тарзи зиндагонӣ, мафҳумҳои ғоя ва фикрҳоро ҷамъбасткунанда, ки ба ҷамъият ва миллат хос мебошанд, ташкил медиҳанд.

Дар ташаккули маънавияти инсон хотираи таърихӣ аҳамияти хос дорад. Шахсе, ки пагоҳӣ аз хоб мехезад, мабодо кӣ будани худ ва номашро фаромӯш кунад ва наздиконашро нашиносад, ин гуна ҳолат барои ҳамон инсон ва аҳли оилааш ба фоҷиа табдил меёбад.

Агар миллат кӣ будани худро фаромӯш созад, ин барои ҳамон миллат ҳалокати гарон аст.

Кадоме аз қувваҳои ғосиби дунё халқ ва ё мамлакатро ба худ тобеъ намуда, сарватҳои онро аз худ кардани шавад, пеш аз ҳама, беярок кардани он, яъне ҷудо кардан аз сарвати бебаҳояш – арзишҳои миллӣ, таъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рихӣ ва маънавӣ кӯшиш менамояд. Миллати ҳастии худро фаромӯшкарда, ба асорат маҳкум аст.

Хуб донистани таърихи халқу Ватани худ, пайваста омӯхтани он, муносиб давом додани кори пурсавоби авлодон, ҳимоя кардани мероси гаронбаҳои таърихӣ ва хулоса баровардан аз гузашта, баҳои холисона додан ба воқеаҳои таърихӣ, дуруст дарк намудани воқеаҳои таърихӣ мазмуни ҳаёти инсони ақли расо дошта аст.

Инсоне, ки хотираи таърихӣ надорад, моҳияти тағйиротҳои иҷтимоии дар ҳаёт рӯйдиҳандаро намефаҳмад, ояндаи худро дуруст тасаввур карда наметавонад. Бинобар ин агар ҳар як аъзои ҷамъият гузаштаи худро хуб донад, ин гуна одам ба асорати ақидаҳои гуногун намеафтад. Сабақҳои таърихӣ инсонро ба ҳушёрӣ даъват карда, иродаи ӯро мустаҳкам менамоянд.

### ДОНИСТА ГИРЕД

Тамоили «Дирӯз кӣ будему имрӯз кӣ ҳастем», ин амиқ ҳис кардани масъулияти хотираи таърихӣ, муносибат дар назди ҷамъият, иҷро кардани қарзи худ дар назди авлодон мебошад.

### БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Ҳикояи мазкурро хонед: моҳияти се мафҳум «Ватан – оила – сулола»-ро эзоҳ диҳед.
2. Оё Шумо боре фикр кардаед? Вақте мо бо калонсолон суҳбат мекунем, онҳо аз мо чунин мепурсанд: «Шумо фарзанди кистед, падару модари Шумо кист, оё Шумо бобо ва бобокалони худро медонед?»

## РАВНАҚИ СУЛОЛАҲО

«Ватан аз остона оғоз меёбад» – мегӯяд халқ.

Остона – ин хонадон, яъне оила аст. Авлодони як насл ин сулола мешавад. Вақте ки аъзоёни сулола барои мардум ва манфиати Ватан хизмат карда, халқ онҳоро ҷонибдорӣ мекунад, ин роҳ бар дигарон ибрат аст. Аммо на ҳар як оила ва сулола ба чунин эҳтиром сазовор шуда метавонад. Барои ин, касе аз ин сулола ояд аввалин шуда «роҳ кушояд» дигарон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ба ин анъана равнақ бахшанд. Нигоҳ доштани обрӯи сулолаҳо, идома додани ин кори шарафнок ва ба воя расонидани насли нав – масъалаи муҳим мебошад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Таҳкурсии маънавият ва хусусиятҳои асосии маънову мазмуни онро муайянкунада – покизагии рух ва бузургии қалби ӯро инъикос мекунад.

Дар ҳаёт шахсоне низ дучор меоянд, ки аз чунин фазилати олӣ ба мисли зиндагонии поку осоишта дур буда, мазмуни ҳаётро ба таври худ талқин менамоянд. Онҳо худро аз дигарон баландтар гузошта, худро чунон ҳис мекунанд, ки гӯё паррандаи бахт ба китфи онҳо нишастааст. Агар шумо шоҳиди ин гуна ҳолатҳо шуда бошед, дудила нашавед ва шубҳа пайдо накунед. Чунки китобҳои муқаддас ва арзишҳо, мероси мутафаккирони барҷастаи мо доимо ба меҳнати ҳалолу пурсамар, мардонагӣ, саховат ва хоксорӣ даъват менамояд.

Дар ҳаёти мо шахсоне низ вомехӯранд, ки аз ҳаёти поку осоишта дур буда, мазмуни ҳаётро ба тарзи худ талқин карданӣ мешаванд. Онҳо худро нисбат ба дигарон болотар гузошта, гумон мекунанд дар болҳои мурғи бахт – ҳумо нишастаанд. Агар дучори чунин ҳолат шуда бошед, ҳаргиз дудила нашавед. Чунки китобҳои муқаддас ва арзишҳои миллии мо, моро танҳо ба меҳнати ҳалол, мардӣ, саховатпешагӣ ва хоксорӣ даъват менамоянд.

Дорои фазилатҳои хуби росткорӣ, поксириштӣ, ҳалолӣ, сариштакорӣ, меҳнатдӯстӣ, ибрати шахсӣ будан, ҳамеша ба онҳо амал карда зиндагонӣ кардан – меъёри асосие ба ҳисоб меравад, ки боигарии маънавии инсони комилро муайян менамояд.

Дар ин замони босуръат тараққикунанда танҳо шахси бомаънавият ва бомаърифат ба воситаи баланд бардоштани арзишҳои миллии худ ба худшиносии миллӣ ноил мегардад ва барои зиндагонии обод ва озод дар ҷамъият, мавқеи муносиб пайдо кардани Ӯзбекистон дар иттиҳоди давлатҳои ҷаҳон фидокорӣ нишон дода метавонад.

Шахсоне, ки бо эътимод зиндагонии пок ва ҳалолро ба худ чун мақсади олӣ пеша намудаанд, дар мамлакати мо хеле зиёданд. Ба туфайли чунин одамон ва ниятҳои поки онҳо дар олам маънавият ҳамеша барқарор мондааст.



Маънавият – меъёре мебошад, ки барои руҳан пок намудан, қалбан бузург будани инсон даъват намуда, иродаи ӯро бақувват менамояд, имон ва эътиқодашро бутун мегардонад, ҳамчунин қудрати беқиёсест, ки виҷдони инсонро бедор намуда, нигоҳҳои гуногуни ӯро инъикос мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


1


2


3


4

Таърих гувоҳ аст, ки дар одами бемаънавият ҳеҷ гоҳ чунин фазилатҳои наҷиб чун меҳру оқибат вуҷуд дошта наметавонад.

Барои фаҳмидан ва дарк намудани маънавият, пеш аз ҳама, фаҳмидани инсон ва дарк намудани он зарур аст. Маънавият аз хун то ба устухони инсон дар давоми солҳо бо шири модар, тарбияи оила, панди ниёгон, эҳсоси Ватан, дар баъзеҳо бо ҳаёти талх, дар баъзеҳо бо рӯзгори хуб қатра-қатра ворид мешавад. Пеш аз ҳама дар табиат, ба инсон наздик будан, ҳамеша бо ниятҳои нек зистан, меҳнати ҳалолро пеша кардан, аз неъмати бебаҳои олам баҳраманд шудан ба маънавият ғизои руҳӣ дода, онро боз ҳам мустаҳкам мегардонад.

Омилҳои асосии ташаккули маънавият ин *мероси маънавӣ, сарватҳои маданӣ, ёдгориҳои таърихии куҳан* мебошанд. Дар баробари ин мавқеи *дини ислом,*

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Маънавият чӣ гуна дар олами ботинии одам ва мустаҳкам шудани иродаи ӯ, мустаҳкам шудани имону эътиқоди вай намоён мешавад? Фикрҳои худро бо рақамҳои 1, 2, 3 муайян кунед.
2. Тасвири дар расми 4 нишондодашуда ба кадом фикр меорад? Оё чунин ҳолатро пешгирӣ карда мешавад?
3. Имрӯз ба маънавият чӣ гуна таҳдидҳо вуҷуд дорад?
4. Матнро хонед ва дар бораи мафҳумҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ фикри худро гӯед.

*Маънавият воситаи муҳими муайян кардани нигоҳҳои иҷтимоӣ , иқтисодӣ, ва мадании инсон аст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*тараққиёти илму фан* низ дар ташаккули маънавият муҳим аст. Тарбияи фарзанди камолёфтаро бидуни маҳалла, оила, таълиму тарбия тасавур кардан номумкин аст. Онҳо меъёрҳои асосии ташаккули маънавияти инсон мебошанд.

Диёри қадима ва зебои мо на танҳо гаҳвораи тамаддуни Шарқ, балки тамоми ҷаҳон аст. Дар ин замини табарруки мо бузургон, олиму уламо, сиёсатмадор ва саркардаҳо ба воя расидаанд.

Онҳо ба тамаддуни умумибашарӣ ва қисми узвии маданият табдил ёфтаанд. Илмҳои дунявӣ ва диниро пеш аз ҳама донишҳои ба дин алоқаманд ба дараҷаи баланд расонидаанд.

**Сабақ аз дарс.** Инсонҳои боиродаву имон, эътиқодаш мустаҳкам, виҷдонаш пок, руҳаш тоза асоси маънавият ва шахсони бофазилати ҷамъият ба ҳисоб меравand.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. «Сарвати бузургтарини халқ»-ро дар чӣ мебинед?
2. Аз китоби “Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир”-и И.А. Каримов оид ба маънавият чиҳо медонед?
3. Маънавияти инсонро чӣ гуна шарҳ медиҳед?

## ЧИСТОН

Ба ҳама як хел хуш меояд. Ӯ кист?

## ДОНИСТА ГИРЕД

Дар ҳаёти маънавӣ чун дар ҳаёти амалӣ шахси соҳибилм камол ёфта ба комёбиҳо ноил мешавад.

**«Гулшани тафаккур»**

«Одамон! Пеш аз ҳама кӯшиш намоед, ки ахлоқи хуб дошта бошед, зеро ахлоқ асоси қонун аст».

**Пифагор**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 2 Дарки инсон ва худшиносӣ


1


2


3


4


5


6

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:



1. Андешаи зерини Абдулло Авлониро хонед: фикри мазкурро бо ақидаҳои худшиносиву худогоҳӣ, бахти инсон ва камолот пайваст карда фаҳмонед.

*«Ҷавҳари инсон қобил аст, агар тарбияи хуб ёбад, аз хулқҳои бад худро нигоҳ дорад, ба хулқҳои зебо одат намуда ба воя расад, дар назди ҳар як кас инсони мақбул ва бахтиёр мешавад».*

2. «Ҳар қадаре ки инсон худро мешиносад, ҳамон қадар маънавияти ӯ боло меравад»-ро чӣ хел мефаҳмед?
3. Дар байни ҷомеа зиндагӣ кардани инсон ба ӯ чӣ манфиат дорад? Оё имкони ҳама фазилатҳои хуби ӯро чен кардан ё маҳдуд кардан ҳаст? Ақидаҳои худро асоснок намоед.
4. Дар асоси расмҳои 2, 3 ва 5 ба фаҳмиши «бани башар зоти муъҷизакор аст, ки инсонро сӯи некӣ ҳидоят месозад»-ро эзоҳ диҳед.
5. Аз расмҳои 1, 2, 4, 6 дар мисоли писарбача ва духтарон фаҳмиши «худшиносӣ»-ро шарҳ диҳед.

Инсоният дар ҳастии худ мекӯшад, ки ба панҷ савол: «мо кистем», «аз куҷо омадем», «бо кадом кор машғул будем», «чиро ёфтем», «ба куҷо меравем» ҷавоб ёбад. Чун инсон худро мешиносад, ба ин саволҳо низ ҷавобҳои муносиб пайдо мешаванд. Бо ёрии муносибатҳои атрофиён ва чораёнҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ фаҳмидани урфу одат, анъана ва арзишҳоро худшиносӣ меноманд. Он се дараҷа дорад:



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

- ***якум,*** дар оила ва дар муҳити он ташаккул ёфтани индивид чун шахс;
- ***дуюм,*** дар мактаб ва дар баъзе ҷомеаҳо бо роҳи таълим ва фаъолият ба дигарон дар муносибат будан;
- ***сеюм,*** аз ҷониби дигарон, баҳодиҳӣ ба шахс назорат карда шуда, дар қадрият дар назди дигарон мушоҳида мешавад.

Дар баробари ин дарки худшиносӣ ифодаи шуур ва тафаккур буда, пайвастагии руҳию маънавии байни авлодҳо бо ёрии забон ифода меёбад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими муайянкунандаи инсонгарии инсон дорои сифатҳои маънавӣ — фарҳангӣ будани он аст.

Инсон гултоҷи ҷомеа мебошад. Ӯ метавонад ҷомеаро беҳтар кунад ё баръакс. Меҳнати инсон муҳити табииеро, ки ӯ зиндагӣ дорад, тағйир медиҳад, сарвати моддиву маънавӣ меофарад ва худро ташаккул медиҳад.

То он даме, ки инсон зинда аст, нияти поки ӯ танҳо ба корҳои неку аҷоиб, пеш аз ҳама, барои оила ва одамони наздик манфиат мерасонад. Он маънан инкишоф ёфта, ба дараҷаи комил мерасад. Зеро ақл ва идроки инсони комил танҳо барои бунёдкорӣ ва воломақомӣ хизмат мекунад, чашмонаш нигарони некӣ буда, гӯшҳояш фақат барои шунавидани суханҳои судманд моил мешаванд.

«Инсон ҳар қадаре, ки худро дарк карда, наслу насаби худро мешиносад, ҳамон қадар дар дили ӯ нисбат ба Ватан муҳаббат чуқур реша гирифта, ташаккул меёбад. Ин реша ҳар қадаре қавӣ бошад, ҳамон қадар муҳаббати ӯ нисбат ба Ватан воло хоҳад буд.

**Ислом Каримов**

«Махсуси ҳар як миллате, ки мавҷудияти ӯро дар дунё нишон медиҳад, забон ва адабиёти ӯст. Гум намудани забони миллӣ худшиносии миллатро аз даст додан аст».

**Абдуллоҳ Авлонӣ**



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед: мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро ба ҳаёти худ вобаста намуда шарҳ диҳед.

*Ватандӯстӣ қувваи қавиест, ки камбудиҳои инсонро пинҳон мекунад ва дар вазъиятҳои душвор ва мураккаби ҳаёт масъулиятро ба зимма гирифта, неруи бузурги сӯи шуҷоат пешбаранда аст.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Нуктаи ибтидоии асосии васлкунандаи одамон инсонгарӣ буда, дар баробари ба ин гурӯҳ шомил шудан инсон бояд осоишта зиндагӣ кунад.

**Абӯнасри Форобӣ**

«Меъёри олии инсонигарӣ – дарду ташвишҳои дигаронро фикр карда зиндагонӣ кардани инсон мебошад».

**Шавкат Мирзиёев**

Дарки инсон вобаста ба шароитҳои объективии ҷомеа, дар асоси омилҳои субъективӣ ташаккул меёбад. Ин раванд дар муносибатҳои байни аъзоёни ҷомеа, дар давоми таҷрибаи ҳаётӣ сайқал ёфта, ҳамчун маҷмӯи арзишҳои ташаккулёбанда дар ҳаёти ҳаррӯза мавқеи муҳим пайдо мекунад.

Дониш ибтидои таълиму тарбия, асоси бахт ва саодати зиндагӣ аст. Арзиши инсонро бузургкунанда, ганҷи бебаҳоест, ки моҳияти баҳри беканори пурасрорро воқиф мегардонад. Ҳар як шахс бояд одоб омӯзад, дониш ва касбу ҳунари заруриро аз худ карда, аз ҷиҳати иқтидор такомул ёбад. Санҷишҳои гуногуни дар ҳаёт вохӯранда барои мушкилот ва муаммоҳоро бартараф намудан зарур мешаванд.

Пас, инсон кадом кореро мекунанд – хуб аст ё бад, пеш аз ҳама бар манфиати худ мекунад. Ба ғайр аз дониш ва касбомӯзӣ, лаҳзаҳои пурқимати ҷавонӣ, қобилияти беҳамто ва зеҳни бурроро ба корҳои беҳуда сарф кардан – барои ҳар як инсон хатои нобахшанда аст.

Ҷаҳолат ботлоқест, ки дар дили инсон рӯҳафтодагӣ ва ҳисси нобовариро ба оянда пайдо мекунад. Шахси ба ботлоқи разолат побанд шуда, аз худ меравад.



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Барои худшиносии инсон нақши илму дониш аз чӣ иборат аст?
2. Матни зеринро хонед. Ақидаи Гегелро дар бораи дониш ва худшиносӣ аз худ карда, ба ақидаҳои худ вобаста намуда фаҳмонед.

*Ҳаққонияти дониш ин худфаҳмист, худшиносӣ асоси дониш аст, чунки барои дигар предметро фаҳмидан мавҷуд будани худдарккунӣ зарур аст. Ман медонам,ки предмет аз они ман аст (дар тасаввури ман), пас ман онро медонам ва худро дарк мекунам.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Сабақҳои дарс.** Инсон мӯъҷизакор аст. Он дурдонаи моҳияти олам, хазинаи маънавият, соҳиби қалби покиза, тинати ором ва хушахлоқӣ ба ҳисоб рафта, башариятро ба корҳои нек равона карда метавонад. Ин хислати нодири ӯ тавонистааст ҷаҳонро ба боғу бӯстон табдил дода, тарзи зиндагии фаровонро бунёд намояд. Он ҳамчунин қувваеро дорост, ки дар якҷоягӣ метавонад кураи заминро ба майдони ҷангу ҷидол табдил диҳад. Моҳияти мавҷудияти инсонӣ дар ҳамин аст.



## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Мавқеи илм дар таърих чӣ гуна аст?
2. Барои чӣ инсон шахсияти худро фаҳмидан мехоҳад?
3. Муносибати байни худшиносӣ ва маънавияти инсонӣ чист?
4. Ҳикматҳои зеринро хонед, мафҳуми худшиносӣ, мазмун ва моҳияти онҳоро вобаста кунед;

а) «Агар Шумо худро маҷбур накунед, коре карда наметавонед»;

б) «Китоб – воситаи хабардиҳӣ ҳам аз гузашта ва ҳам аз оянда аст»;

г) «Муҳокима кардани касе осон аст, худро мард пиндорӣ, аввал хешро таҳлил намо».

На ҳама инро карда метавонанд. Онҳо чӣ гунаанд?



## ЧИСТОН

Аз дасти ҳар касе намеояд. Онҳо чист?



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Мутафаккири бузург Абӯалӣ ибни Сино, ки дар синни 5-солагӣ савод баровард, дар синни 10-солагӣ арифметика, алгебра ва мантиқро омӯхтааст. Дар ин бора ӯ чунин гуфтааст:

«Аз субҳ то шом ман ғайр аз илм ба дигар фаъолият машғул нашудам. Шабҳо ба назди худ шамъ монда мутолиа кардам ва навиштам. Дар асное, ки сахт хобам мебурд, ба пинак мерафтам ё рӯзона дар бораи ҳамон масъалаҳо фикр мекардам. Муаммоҳои зиёдеро ман дар хоб ҳал намудаам. То амиқ омӯхтани ҳамаи фанҳо ман бо чунин тарз зиндагӣ намудам».

**Ҳамид Содиқов. «Лавҳаҳои таърихӣ дар суратҳо»**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 3 Маънавияти оила







## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:



1. Аз суратҳо истифода бурда, дар бораи маънавияти оила фаҳмиши худро гӯед.
2. Муқаддасоти оиларо бо чӣ чен мекунанд?
3. Вақте ки ба оила тавсиф медиҳанду мегӯянд: «Оила – ин Ватанест дар ботини Ватан», Шумо ба ни ақида розӣ ҳастед? Ҷавобҳои худро асоснок намоед.
4. Шумо аз романи Абдуллоҳ Қодирӣ «Рӯзҳои мозӣ» кадоме аз матнҳоро, ки дар бораи маънавияти оила аст, хондаед?

Оила – рамзи Ватан мебошад. Маънавияти оила ва Ватан ба ҳам зич алоқаманд аст. Эҳсоси Ватан аз оила ва модар сарчашма мегирад. Оила сарвати иҷтимоию маънавии ҷомеа мебошад. Муҳити оилавӣ, омили асосии маънавияти ба худ хоси инсон, ҷаҳонбинӣ, тасаввур ва ташаккулёбии эътиқоди вай аст. Ҳиссиёти покизатарин дар дил ва ақли инсон, дарки фаҳмиш ва тасаввурҳои муҳим дар муҳити оила ташаккул меёбад.

Халқ чӣ гуна будани шахс, худро нигоҳ доштанаш, рафтор, тарбияашро аз рӯи муносибаташ ба оила баҳо медиҳад. Ин барои ҷои худро дар ҷомеа пайдо карданаш зарур аст.

Дар оила чунин қоидаҳои нонавиштае вуҷуд дорад, ки он дар давоми садсолаҳо аз насл ба насл гузашта сайқал меёбанд. Қоидаҳои асосии оила калонсолонро



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

эҳтиром намудан, ба хурдон ғамхорӣ зоҳир намудан, дар бораи наслҳои оянда фикр кардан аст.

Дар ин даргоҳ нафақат фарзандон ба дунё меоянд, балки инсони дорои тарбияи маънан ва ахлоқан зебо ба воя мерасад. Оила чунин маконест, ки дар он наслҳои оянда камол меёбанд.

Аҷдоди мо ҳамеша ба мустаҳкам кардани оила ва насли солим эътибор додаанд. Чунин идеяҳо дар дили наслҳо ҷойгир шудаанд. Омилҳои эҳтироми ҳамдигар, меҳрубонӣ ва таъсири аъзоёни оила муҳити солимро фароҳам меорад.

Ҳурмату эҳтироми байни аъзоёни оила, меҳру мурувват ва оқибат муҳити солимро барпо менамоянд. Зеро ба туфайли тарбияи солим, дар байни аъзоёни оила якдигарфаҳмӣ, муштаракиии фикрҳо ва мақсадҳо ба вуҷуд меоянд.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Тарбияи шаҳзодагони Темуриҳо дар зиммаи момоҳояшон буд. Сароймулкхонум бо тарбияи Шоҳрух Мирзо, наберагони маҳбубаш Муҳаммадсултон Мирзо, Халилсултон Мирзо ва Улуғбек Мирзо машғул буд.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Матни зеринро хонед. Муносибати худро ба мафҳумҳои «файзу баракат, ибрат, тарбия, серию пурӣ, шодию хуррамӣ» баён намоед.
2. Ҳикмати «Фарзанд меросхӯри тарбияи зебост»-ро Шумо чӣ гуна мефаҳмед? Дар ин масъала чӣ гуна мерос доред?

### ОИЛАИ ТИФОҚ – ТАКЯГОҲИ ҶАМЪИЯТ




Дар оила, падар – рамзи файзу баракат ва ибрат аст, модар – тимсоли меҳру муҳаббат ва тарбия, фарзанд бошад, меросхӯри тарбияи нек аст. Дар чунин хонадон серию пурӣ, шодиву хурсандӣ, эҳтироми байнихудӣ ва якдилӣ ҳукмрон мебошад. Дар ин шароит ҳамаи кӯдакон аз калонсолон манфиат мегиранд. Чунин оила метавонад ба некӯаҳволии ҷомеа мусоидат намояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE











Тарбияи фарзанд! Дар ин ибора муносибати комил, пурмазмун, муносибатҳои инсонҳо ҷамъ оварда шудааст. Фарзанди хуб – мулки бебаҳои волидайн, гавҳари дил, сирри муборак ва кашфиёти бузурги онҳост. Аз камоли онҳо қалби волидайн нурафшон хоҳад шуд. Баръакс аз ҳаракати ноҷояи фарзанди ноқобил сари падару модар хам шуда, дилаш озор меёбад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Дар расмҳо кадом арзишҳое, ки ба оила хос аст, акс ёфтааст?
2. Кадоме аз ин арзишҳо дар хонаводаи Шумо ба чашм мерасанд?
3. Дар ҳикояи зер кадом арзишҳо ба забон гирифта шудааст? Макони ташаккулёбии ин арзишҳо дар куҷост ?

**«НАБЕРАИ ҶОПОНИИ БИБИ ГИРГИТТОН»**

... Ҳай-ҳай, гиргиттон, ба чормағз, нарас, нарас! – Чунин гуфту давида омада чормағзҳоро аз дастам гирифт ва ба он тарафи девори пастак партофт.

Сипас дигар чормағзҳоеро, ки байни хазонҳо буд, хам шуда чида, ба он тарафи девор партофт. Аз ин «хасисӣ»-и Бибӣ ҳайрон шуда шах шуда мондам. Ниҳоят Бибӣ боварӣ ҳосил кард, ки дар замин ягон дона ҳам чормағз нест, аз дастам гирифта бурд. «Рафтем, гиргиттон, ба ту дигар чормағз медиҳам!» Чунин гуфту моро ба зери айвончаи пастак даровард. Он ҷо сабади пур аз чормағз буд, якчанд каф гирифта, тоқиямро пур кард.

**Ӯткир Ҳошимов.**
**«Навиштаҷотҳо дар ҳошияи дафтар»**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар ҳақиқат, бадбахтии инсон дар бетарбиягии ӯст. Шахси бетарбия аз ҷиҳати маънавӣ инкишоф намеёбад, дараҷаи фикррониаш низ паст аст. Дар ӯ ҳиссиётҳои хиёнат ба Ватан ва оила ташаккул ёфта метавонад. Ин гуна одамон «бараҳна» буда, онҳоро танҳо одоби ҳамида ва таълим, ки аз ахлоқи ибратбахш реша гирифтааст «либос пӯшонида» метавонад ва сӯи камолоти маънавӣ ҳидоят мекунад.

Дар он ҷое, ки мустақилияти оила дар низом буда, мақоми тарбия волост, мамлакат ва миллат низ ҳамин қадар қавӣ ва барқарор хоҳад буд.

Ҳамаи дигаргуниҳое, ки дар олам рӯй медиҳанд, хоҳ дар соҳаҳои иқтисодиёт бошад, хоҳ сиёсат ё маънавият пеш аз ҳама дар муҳити оила намоён мешавад. Саодат ва равнақи ҳар як миллат, албатта ба низоми дохила ва ба якдилии онҳо бевосита вобастааст. Оромӣ ва якдилӣ бошад, ба интизоми оилаҳои он такя мекунад. Амнияти оила дар Ӯзбекистон дар муҳофазаи давлат аст. Зеро ғамхории мунтазам ба оила, таъмини онҳо бо таъминоти моддӣ ва маънавӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлати демократии гуманистӣ мебошад.

Боби XIV-уми «Оила», моддаҳои 63, 64, 65, 66-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, оиларо асоси ҷомеа ва рукни ҷудонашаванда ҳисоб мекунад, масъулияти падару модарро дар тарбияи фарзанд, дар давраи пиронсолӣ бошад, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ғамхорӣ зоҳир намуданро чун вазифаи ҳар як фарзанд кафолат додааст.



**ДОНИСТА ГИРЕД**

Ҳар сол 15 май ҳамчун Рӯзи байналмилалии оила таҷлил мегардад. Дар кишвари мо соли 1998 – «Соли оила» номида шудааст. Соли 2012 ҳамчун «Соли оилаи мустаҳкам» эълон карда шуд.

«Агар аҳолии як мамлакат муносибатҳои оилавиро заиф гардонад ва ба беинтизомӣ роҳ диҳад, саодат ва ҳаёти ин миллат дар зери шубҳа мемонад».

**Абдурауф Фитрат**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Сабакҳои дарс.** Мақсади асосии муносибатҳои падару модар ва фарзанд чунин аст: падару модар бояд дар ташаккули фарзанд чун инсони комил мусоидат намоянд. Барои дар ҷамъият мавқеи муносиб пайдо кардан кӯмак расонанд. Аз ин сабаб падару модарро намунаи ибрат меноманд.

## САВОЛҲОИ БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

*Рӯзе, ман ба хонаи яке аз дӯстонам меҳмон шудам, дар сари дастурхон аз дӯстам ҳолу аҳвол пурсида нишаста будам, ки борон сахт ба бориш даромад. Шояд ба тарнов хазон монеъ шуда бошад, ки об рост ба хона заҳида, ҳама ҷоро тар кард. Дӯстам ин ҳолатро дида зуд писарашро даъват кард, то аз тарнов хабар гирад. Вале, писари дӯстам ба гапи падар аҳамият надода, ба хона баргашта даромад. Дӯстам ин ҳолатро дида гуфт: «Биёед, ба берун бароем». Вақте ки рӯи ҳавлӣ баромадем, писари дӯстам дарҳол ба болои бом баромад ва тарнавро дуруст карда фаромад.*

1. Аз ин ҳикоя чӣ хулоса баровардан мумкин? Чаро писари мизбон ба хоҳиши падар аҳамият надод? Барои ин чӣ асос буд? Ҳолати зеринро ба мақоли «Шахсе, ки падар дорад, ба боми хона намебарояд» вобаста карда фаҳмонед.
2. Муносибати худро ба ақидаи зерин гӯед: «Имрӯзҳо дар баъзе ҳудудҳои олам аз чаҳорчӯбаи ахлоқ баромадани арзишҳои асрии миллат, тафаккури миллӣ ва тарзи зиндагӣ одоб, оила ва ҳаёти ҷомеаро дар зери хавф гузоштанаш мумкин».
3. Андеша гуфта чиро мефаҳмед? Дар оила муносибатҳои волидайн, апаву хоҳарон, бародарону додарон чӣ тавр ташаккул меёбанд?
4. Қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунро ёбед, ки дар зери ҳимояи давлат будани оиларо акс намоянд.
5. Ҷойҳои зеринро бо калимаҳои зарурӣ пур кунед. *Чунин омилҳо ба мисли меҳру мурувват ва .... , дар байни аъзоёни оила ..., муҳити солимро барпо мекунанд.*

## ЧИСТОН

Дору, аммо бефоида аст. Он кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 4 Мавқеи маҳалла дар ташаккули маънавияти ҷомеа

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА :



- Дар ҳавлии ҳамсоя маърака шуд. Ҳамаи ҳамсояҳо ба берун баромаданд ва ҳавлиро рӯфта, саранҷом намуда барои омодани меҳмонҳо ҷои нишаст омода намуданд. Касе бо овардани кӯрпача, касе бо мизу курсӣ банд буд. Чун барномаи пешакӣ тарҳрезӣ шуда, ҳама кори худро иҷро мекарданд.
- Ба духтари ҳамсоя хостгор омад. Бо сабаби модари духтар дар хона набуданаш, ҳамсояи наздикаш аз ин ҳол хабар ёфта, дастархон орост ва хостгоронро пешвоз гирифт.
- Мӯйсафедоне, ки аз ҷамъомади маҳалла бармегаштанд, аз нонвойхонаи сари роҳ чаҳор нони бомаззаро гирифта, аз аҳволи бобои Самариддин, ки дар давоми якчанд ҳафта аз хонааш баромада наметавонист, хабар гирифтанд.

1. Ин ҳикояҳо чӣ гуна арзиш доранд? Ин арзишҳоро кӣ фикр карда баромадаст?
2. Чунин анъанаҳо оё дар маҳаллаи Шумо низ вуҷуд доранд? Фикру ақидаи худро дар бораи ин масъала дар асоси расмҳое, ки дида истодаед, асоснок намоед.
3. Шумо низ дар ҳашарҳое, ки дар маҳалла барпо мегарданд, ширкат менамоед, ба ин Шуморо чӣ маҷбур мекунад?
4. Ба фикри Шумо барои чӣ маҳалларо «гаҳвораи арзишҳо» меноманд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар давоми ҳазорсолаҳо минтақаи Осиёи Марказӣ чун маркази динҳои гуногун, фарҳанг ва тарзи зиндагӣ буд. Дар ин давра, муносибати байни одамон бо арзишҳои сабру таҳаммул, меҳрубонӣ ва ростқавлӣ ташаккул ёфт.

Таърихи Ватани мо шаҳодат медиҳад, ки барои мардум, сохти хуби маҳалла ташаккул ёфт.

Маҳалла чун як ҳудуди ягона дар дохили ноҳияҳо аз гузашта мерос шудааст. Одамон дар маҳаллаи алоҳида на танҳо ба риштаҳои ҳамсоягӣ, балки бо қоидаҳои дохилӣ, анъанаҳо, манфиатҳои умумӣ ва ӯҳдадориҳо алоқамананд. Ҳаёти ҷамоаи деҳот низоми худтанзимкунии фаъолияти фаъолонаи ҷамъиятро ташкил дод. Раис (оқсақол)-и маҳалла аз ҷониби мардуме, ки дар ҳамон ҳудуд зиндагӣ мекунанд, интихоб карда шудааст.

Арзишҳои маънавии маҳалла боз як сарчашмаи тавонои анъанаҳои оилавӣ ва хешовандӣ мебошанд. Дар кишварҳои пешрафта, ин падида ҳамчун як институти муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохта шудааст.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Моддаҳои зеринро оид ба маҳалла, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон дода шудааст, ёбед. Нақши маҳалларо дар ҳаёт шарҳ диҳед.
2. Оё Шумо худро берун аз ҳудуди маҳаллаи худ тасаввур карда метавонед? Фикратонро асоснок намоед.

Анвар аз мактаб бармегашт. Дар оғози кӯча бӯи газ ба димоғи ӯ расид. Аз бӯи газ сараш чарх зад. Ӯ ба зудӣ ба хона рафта, ба бобояш дар бораи ин ҳодиса нақл кард. Бобояш аз ӯ аз куҷо бӯи газ омаданашро пурсиду фавран ба рақами 104 занг зада, оиди ин ҳодиса хабар дод. Дар ҳақиқат, аз ҷое, ки қубури газ мегузашт, газ мебаромад. Мутахассисон бо зудӣ қубурро таъмир карданд.

3. Қубури газ аз назди хонаи онҳо намегузашт ва ба онҳо зараре намерасонд. Чаро бобои Анвар хавотир шуд? Ин воқеа ба Анвар ва бобои ӯ чӣ дахле дорад?
4. Чӣ аҳолии маҳалларо муттаҳид месозад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мисоли равшани он маҳаллаҳои кишвари мо мебошад. Агар лаҳзаҳоро аз филмҳои «Овозаҳо дар маҳалла» («Маҳаллада дув-дув гап»), «Шодиёна» («Суюнчи»)-ро ба хотир орем, дар он арзишҳои равшани маҳалларо дидан мумкин аст.

Маҳалла мақомоти худидоракунии бевоситаи ҷоест, ки онро худи шаҳрвандон интихоб мекунанд.

Интихоботи раис (оқсақол)-и ҷамъомади шаҳрвандон ва мушовирони он дар ҳаёти кишвари мо нақши муҳим мебозанд. Ин интихобот дар асоси демократия, шаффофият ва ҳуқуқи баробарӣ баргузор мегардад. Маҳалла созмонест, ки мустақилона бунёд ёфтааст, ва бисёре аз онҳо номҳои кӯҳнаи худ ва аҳамияти худро дар байни мардум барқарор кардаанд.

Дар маҳаллаҳои мо яке аз арзишҳои олии инсонӣ дар он аст, ки пиронсоле, ки ғамхорони худро гум кардааст ё бемор аст, бе ҳимоя намемонад. Ин мисолҳо дар ҷомеаи мо асосҳои устувор доранд.

### ДОНИСТА ГИРЕД

«Маҳалла» калимаи арабиест, ки маънои «шаҳр дар шаҳр»-ро дорад.

13 июли соли 2017 бо қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон нишони «Ифтихори маҳалла» ҷорӣ карда шудааст.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Таърихшинос Наршахӣ 1100 сол муқаддам дар асараш «Таърихи Бухоро» навишта буд, ки маҳалла яке аз услубҳои худидоракунии халқ аст. Дар гузашта, маҳалла на танҳо чун иҷтимоиёт, балки инчунин сохтори маъмурию ҳудудӣ шинохта шудааст. Дар асари Алишер Навоӣ «Ҳайрат-ул-аброр» чунин байт мавҷуд аст:

*«Шаҳарлар отини маҳалот этиб,*
*Бўлди чу юз шаҳар Ҳири от этиб».*

(Номи шаҳрҳо маҳаллот шуд,
Чу сад шаҳр гардид, Ҳир от шуд)[1].

Аз мазмуни ин ташбеҳ маълум мешавад, ки дар Ҳирот сад маҳалла вуҷуд дошта, ҳамаи онҳо дар асри миёна Ҳирот номида шудааст. Дар ин маҳаллаҳо қонуниятe будааст, ки дар он мардум ҳашарҳо намуда ҳамаи чорабиниҳоро дар якҷоягӣ ташкил мекардаанд.

[1] Тарҷумаи таҳтуллафзии муҳаррир.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Яке аз ҳодисаҳои муҳими иҷтимоӣ ин маросими дафн аст. Дар асоси таҳлили он ба муносибатҳои инсонӣ баҳо додан мумкин.

Маҳалла яке аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ буда, тарзи зиндагии халқ, аз эҳтиёҷҳои руҳӣ, маънавӣ, шуур ва тафаккур, алоқаҳои байнихудии инсонҳо, муносибатҳои оилавӣ, ҳамсоягӣ, қудову андагӣ ташаккул меёбанд.

**Сабақҳои дарс.** Маҳалла дар шароити имрӯза фаъолиятҳои маънавӣ ва тарбиявиро иҷро намуда, ба инкишоф ёфтани демократияи ҷомеа ва давлат ҳиссаи худро гузошта истодааст.

Тӯй ва маъракаҳои халқи Ӯзбекистон миллатро интихоб намекунад. Дар чорабиниҳоу ҷашнвораҳо, намояндагони миллатҳои гуногун ҳамдигарро дастгирӣ намуда дар рӯзҳои хубу бад якҷояанд. Қувваи таъсирбахши маҳалла фикри ҷомеа буда, хулқу атвор, муносибатҳои байни худро дар асоси меъёрҳои адолат ва маънавият ба низом медарорад.

## САВОЛҲОИ БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Дар консепсияи «ҳамкории оила, маҳалла, муассисаи таълимӣ» барои чӣ ба маҳалла эътибори алоҳида дода шудааст?
2. Аз чӣ сабаб ба он шахсоне, ки барои хизмати ҳарбӣ ҳуҷҷат месупоранд, аз маҳалла тавсифнома мегиранд? Фикри худро асоснок кунед.
3. Чаро рафтори духтар ё ҷавонро пеш аз фотеҳа намудан аз маҳалла мепурсанд?
4. Нақши шиорҳои «Хонаи худро худ нигоҳ дор», «Маҳалла – ватан андар Ватан аст» барои амнияти ҷамъият чӣ гуна аст?
5. Ҳикмати «Барои тарбияи як кӯдак ҳафт маҳалла масъул аст»-ро эзоҳ диҳед.

## ЧИСТОН

Онҳо дар бораи ту бе ту гап мезананд. Чист онҳо?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 5 Инсон ва ҷомеа



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:



1. Шумо мафҳумҳои «инсон» ва «ҷомеа»-ро чӣ тавр мефаҳмед? Оё Шумо худро як узви ҷамъият мешуморед?
2. Барои аъзои фаъоли ҷомеа будан, соҳиби кадом хислатҳо бояд бошед?
3. Одамони дар суратҳо бударо якҷоя аз назар гузаронида, ба мафҳуми «ҷомеа» таъриф диҳед.
4. Ба фикри Шумо ҷомеа кай пайдо шудааст? Шумо дар бораи пайдошавии ҷомеа оё фикр кардаед?

Инсон (аз арабӣ *фаромӯш кардан*) – мавҷудоти иҷтимоии биологиест, ки дар байни дигар мавҷудотҳо бо ақл, маънавият, фарҳанг, ахлоқ, фикр, забон ва дигар хусусиятҳо фарқ мекунад.

Фазилатҳои асосии инсон – одобу ахлоқ, таълиму тарбия, муҳаббат ба кишвар, ҷавобгарии шахсӣ дар роҳи осоиштагӣ ва инкишофи он аст.

Хусусиятҳое, ки ба насли инсон хос аст – шуурнокӣ, тафаккур ва меъёрҳои ахлоқиро ақлан ва ҷисмонан иҷро карда тавонистан. Ҳеҷ кадоме аз мавҷудотҳои зинда фаъолияти худро чун инсон ба низом дароварда наметавонад. Инсон мавҷудотест, ки дар ҷомеа фаъолияти худро ба тарзи озод ба роҳ мемонад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE







Ҷамъият гурӯҳест, ки маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаро дар амал ҷорӣ мекунад.

Ҳар гуна ҷомеа  ҷамъият шуда наметавонад. Аммо ҷомеае, ки хоҳиш дошта бошад, ҷамъият ҳисобида мешавад. Инсон чун аъзои ҷамъият вобаста ба шарту шароити ҳамон муҳит зиндагӣ бояд кунад. Аз ин рӯ, инсон ва ҷомеа якҷоя мебошанд. Агар инсон аз ҷомеа берун бошад, моҳияти ҳақиқии худро аз даст медиҳад.

Дар ҷомеа ҳар қадар муносибатҳо бой ва гуногун бошанд, сифатҳои маънавии он ҳамон қадар мустаҳкам мешавад. Ҷомеа бо оҳистагӣ инкишоф ёфта, ба ҷамъияти шаҳрвандӣ мубаддал мегардад. Мақсади дар ин ҷамъият зиндагӣ кардани инсон ҳаёти фаровон гузаронидан аст. Алломаҳои қомусӣ, мутафаккирон ба мис-



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Муносибати шаҳрвандон дар ин расмҳо ба ҷомеа чӣ гуна тасвир шудааст? Кадом сифатҳое ба Шумо лозим аст, ки узви фаъоли ҷомеа гардад?
2. Кадом намуди касбро Шумо мехоҳед, ки дар оянда ба даст оваред? Бо касбе, ки Шумо мехоҳед интихоб кунед, чӣ гуна узви комилҳуқуқи ҷомеа шудан мумкин аст?
3. Кадом намуди одамонро мо шаҳрвандони фаъол мешуморем?



## ДОНИСТА ГИРЕД

Ҷамъият ҷомеи одамонест, ки дар як ҳудуди муайян зиндагӣ карда, мувофиқи эҳтиёҷ ва манфиатҳои худ муттаҳид шудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ли Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Алишер Навоӣ доир ба пайдоиши ҷамъият ақидаҳои илмӣ баён кардаанд. Хусусан дар эҷодиёти Алишер Навоӣ сарвати аз ҳама бузургтарини олам Ҳазрати инсон номида шудааст.

Ба фикри ӯ тамоми мавҷудот, воқеият барои инсон ва бахту саодати он хизмат бояд кунанд. Чунин ақидаҳои аҷдоди мо то имрӯз мавқеи муҳим доранд.



«Инсон барои қонеъ намудани талаботи худ аз дигарон ҷудо зиндагонӣ карда наметавонад. Ӯ ҳама вақт дар муносибат бо дигарон бояд бошад. Барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа қонунҳои хатмӣ- ҳуқуқӣ заруранд. Ҳамаи аъзои ҷомеа бояд бо меҳнат машғул бошанд».

**Абӯалӣ ибни Сино**



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

*Аз Бузургмеҳр пурсиданд:*

*«Шумо як вақтҳо вазири хирадманди давлати Сосониён будед. Ҳоло низ Шумо барин шахси ҳақиқатгӯй ва хирадмандро ёфтан душвор аст. Сабаби суқути давлати Сосониён дар чист?*

*— Сабабҳои он: якум, подшоҳон одамони оқил ва қобилиятмандро аз атрофашон дур намуда, идораи давлатро ба одамони бесавод ва бесалоҳият доданд.*

*Дуюм, подшоҳон фаровонии худро аз фаровонии мардум боло гузоштанд. Онҳо дарди мардумро фикр намекарданд ва ба беадолатӣ роҳ доданд. Дар натиҷа, одамон подшоҳро дастгирӣ накарданд ва аз ҳамин лиҳоз давлат аз тарафи душманон ба осонӣ пахш карда шуд.*

1. Вақте ки Шумо шахси фозил мегӯед, киҳоро мефаҳмед?
2. Барои мустаҳкам шудани давлат ва ҷомеа кадом омилҳоро зарур мешуморед?
3. Оё рушди илму фан ба некӯаҳволии ҷомеа таъсир мерасонад? Дар кадом ҷамъият илму фан рушд меёбад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Заминаи ҳақиқии дӯстӣ баробарӣ аст. Дӯстӣ ҳеҷ гоҳ ба мансаб нигоҳ намекунад. Он ҳамеша, баробариро талаб мекунад».

**Этен де ла Боэси**

Дар Ӯзбекистон ҳадафҳои асосии рушди ҷомеа хусусан, насли ҷавон, ташаккул ва ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии онҳо, дар асоси ғояҳои миллӣ тарбия намудан, барои соҳиб шудани мерос ва арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ ба мардум фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ ҳисобида мешавад.

**Сабақҳои дарс.** Нисбат ба ҳамдигар бо меҳру оқибат, хушмуомила, аҳлу тифоқ будан зиндагии онҳоро фаровон хоҳад кард. Ҳамдигарфаҳмии оила дар маҳалла иттифоқиро ба вуҷуд меорад. Рушди ҷомеа, дар навбати худ, бевосита барои мақсадҳои нек роҳ мекушояд.



## САВОЛҲОИ БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Дар давраи аввалини полеолит одамон гурӯҳ — гурӯҳ дар ғорҳо зиндагӣ мекарданд, чизҳои дар табиат мавҷуд бударо — меваҳои дарахтон, решаҳои растаниҳоро кофта меёфтанд ва истеъмол мекарданд. Тағйироти куллӣ дар охири полеолит сабабгори ба ҷойи гуруҳҳои одамони ибтидоӣ пайдо шудани ҷамъияти хешутаборӣ сабаб шуд. Хешутаборӣ дар доираи модаршоҳӣ ба расмият даромад, ки дар таърих номи матриархатро гирифтааст. Ҷомеаи одамоне, ки аз як қабила пайдо шудаанд, якҷоя зиндагӣ мекарданд, дар як ғори калон ё кулба зиндагӣ намуда, якҷоя меҳнат мекарданд. Онҳо моликияти хурде ҳам доштанд.
   Эътибор диҳед. Ин одамонро чӣ муттаҳид намуд? Оё ин шарикиро ҷомеаи шаҳрвандӣ гуфтан мумкин аст? Ақидаҳои худро асоснок намоед.
2. Чаро ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсули рушди инсоният ҳисобида мешавад?



## ЧИСТОН

Мӯъҷизаи мӯъҷизакор. Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 6 Тафаккури инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА :

1. «Тафаккур» чист?
2. Оё Шумо худро шахси ботафаккур меҳисобед?
3. Нақши фикррони инсон дар рушди ҷомеа чӣ тавр аст? Фикр кунед.
4. Дар байни суратҳои мазкур ва консепсияи ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ гуна муносибат мавҷуд аст?



Тафаккури инсон, тарзи зиндагӣ, ҷаҳонбинии маънавии худ аз худ дар ҷои холӣ ташаккул намеёбад. Барои ба вуҷуд омадан ва рушди онҳо асосҳои мушаххаси таърихӣ, табиӣ ва иҷтимоӣ барин омилҳо асос мешаванд. Раванди тафаккури инсон на фақат бо шуури он, балки бо қалб ва рӯҳияти он узван вобастагӣ дорад. Олами зоҳирии тафаккуркунанда чӣ қадар ғанӣ бошад, дараҷаи фикррони ӯ ҳам бо кӯшишҳояш баробар мешавад. Фикру мушоҳидаҳои он ба воситаи забон ифода меёбад, дигарон онро бевосита қабул карда метавонанд, он ба шакли эҳсосот медарояд ва ба воситаи фикррони одамон табдил меёбад. Алломаҳои қомусӣ таъкид мекунанд, ки инсон ба воситаи тафаккур таълиму тарбияро инкишоф медиҳанд, худро ба сӯи камолот равона месозад. Зеро тафаккур ва маънавият ба ҳамдигар вобаста аст ва ҳамдигарро ғанӣ менамоянд.

Абӯнаср Форобӣ («Мадинаи фозила»), Абӯалӣ ибни Сино («Қонуни тиб»), Ғаззолӣ («Кимёи саодат»), Алишер Навоӣ («Маҳбуб-ул-қулуб»), таъкид менамояд, ки барои рушди тафаккури инсон, на танҳо дониши на-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Ҳамаи коре,
ки одамизод
ба ҷо меорад,
ба воситаи
тафаккур аст».
**Алишер Навоӣ**

Тафаккур калимаи арабӣ буда, «фикр» маъноҳои муҳокима ва мушоҳида намуданро дорад.

зариявӣ, таҷриба, балки тавассути машқҳо, мустаҳкам намудани хотира, инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ талаб карда мешавад.

Новобаста аз он ки то чӣ андоза хотираи инсон мустаҳкам аст, агар тафаккури паст дошта бошад, ақлу заковаташ ба қувваи вайронкунанда табдил меёбад. Пас, маънавият тафаккур, ақлу заковат ва ҳамаи фаъолияти инсонро идора менамояд. Дар ин ҷо маънавият мавқеи муҳим дорад. Он ҷое, ки маънавият вуҷуд дорад, фақат арзишҳои умумиинсонӣ, ақлу заковати инсон ба сӯи бунёдкорӣ равона карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз дар ҷое, ки зиракӣ ва дилсӯзӣ, ақлу заковати пуриқтидор ва тафаккур ҳукмрон бошад, дар он ҷо маънавият ба қувваи бузург табдил меёбад. Дар мамлакати мо бо мақсади ба воя расонидани насли камолёфта дар соҳаи таълим чорабиниҳои васеъ амалӣ шуда истодаанд. Зеро тарбияи инсонҳои комили соҳиби тафаккури озод мағзи ҷамъияти шаҳрвандиро ташкил мекунад. Дигаргуниҳо дар ҳаёти ҷамъият пеш аз ҳама ба воситаи тафаккури инсон дар амал татбиқ хоҳад шуд. Тафаккури инсон ба кадом тарз ташаккул ёфта бошад, бо ҳамон тарз воқеияти ҳаёташ ба роҳ монда мешавад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

*Баҳромҷон вақте ки аз мактаб бармегашт, сими кандашудаи симчӯби барқиро дида монд. Ӯ хост, ки аз он ҷо тоб хӯрда гузашта равад. Вале аз он ҷо кӯдакон ва пиронсолон гузаштанашонро ба назар гирифта, бо телефони дастияш ба рақами 1050-и хизмати таъҷилӣ телефон карда, дар бораи ин ҳолат хабар дод. Фалокат ба тезӣ бартараф карда шуд.*

1. Агар Баҳромҷон беэътиборӣ мекард, оқибати ин кор чӣ мешуд?
2. Шумо дар ин вазъият чӣ кор мекардед?
3. Фикр кунед. Ин воқеа ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тафаккури инсонӣ аз кадом ҷиҳатҳо вобастагӣ дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Мафҳумҳои муҳлати идоракунӣ, корҳои нек, идоракунии давлат, ки дар матн вомехӯранд, ба ҳокимияти имрӯзаи халқӣ чӣ монандӣ доранд?



«Дар бораи сокинони яке аз шаҳрҳои дурдасти Мағриб нақл мекунанд, ки ашрофон ва заминдорҳо шаҳрро бо навбат идора мекардаанд. Ба касе навбат расад, ӯ се моҳ ҳукмронӣ мекардааст. Вақте ки муддат ба охир расид, ҳамон ҳукмдор вазифаро супорида, барои миннатдорӣ хайру садақа карда, бармегаштааст. Ӯ чун шахси аз побанди хукмдорӣ халос хӯрда шоду масрур ба корҳои худ машғул мегаштааст. Пас, идоракунии давлат, аз роҳат маҳрум шудан буда, баҳри адолати мазлумон худро дар азоб мондан аст. Ин бошад, дар навбати худ зердастон ва худро ба идоракунӣ сафарбар кардан аст».

**Абӯрайҳони Берунӣ**

Инсоне, ки тафаккури баланд дорад, гултоҷ ва такягоҳи мустаҳками ҷамъият шуда метавонад. Яке аз шартҳои муҳим барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ин тағйир додани ақл ва рӯҳияи одамон, тарбияи фикррониии онҳо – инкишоф додани тафаккур мебошад. Тамоми инсон қобилияти фикр кардан дорад. Нозокат, ақл, нафосат, истиқлолият, эҷод, тафаккури инсонӣ меъёрҳои фикррони мебошанд. Ба воситаи чунин шаклҳои тафаккур инсон оламро мефаҳманд, онро ба таври хоси худ тасвир мекунад ва хулосаҳо мебарорад. Тағйир додани тарзи фикррони ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ оварда мерасонад. Ҳамчунин ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа тағйироти мусбӣ мерасонад. Ҳамин тавр, ҳар як сокини фаъоли ин ҷомеа бояд тафаккури худро такомул бахшад ва бад-ин васила на танҳо худ, балки тамоми халқи кишварашро ба ҷаҳониён шиносонад.

## ДОНИСТА ГИРЕД

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаест, ки аз шаҳрвандони комил, яъне, аз адамони узван дар алоқа буда ва дорои маданияти маънавиву ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ иборат аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Нияти худро муҳофизат кунед, ин сарчашмаи ҳамаи корҳост. Агар касе нияти хуб дошта бошад, амалҳои ӯ низ дуруст хоҳад шуд».

**Абӯтуроби Нахшабӣ**

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ маънавияти инсон чӣ тавр мешавад?
2. Аз донишҳои аз дарси адабиёт гирифтаатон такя намуда, ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед.
   - Кадом асарҳои Алишер Навоиро хондаед?
   - Ҳадафҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба сулҳу суботи кишвар дар асарҳои Алишер Навоӣ чӣ гунаанд?
   - Фикри «Асоси ҷамъиятро маърифат ташкил менамояд»-и Алишер Навоиро асоснок кунед.
3. Чаро мо дар мамлакати худ ба маънавият эътибори зиёд медиҳем? Ҳаёти ҷамъият ва дигаргуниҳои маънавиро бо мисолҳои мушаххасу ҳаётӣ асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Дӯсти бе ғараз ва беминнат чист?

## БАРОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

Одаме ба об шаст партофта нишаста будааст. Шахсе аз наздаш гузашта истода пурсон шудааст: «Эй бародар, моҳӣ дошта истодаӣ?» Донишманд ҷавоб додаст: «Ман на танҳо моҳӣ медорам, балки дар як вақт умри гузаштаи худро ҳисоб мекунам, аз нури заррини офтоб баҳра мегирам, аз равон шудани об лаззат мегирам ва дар айни замон ба ту суҳбат ҳам мекунам. Хуллас, бо як сухан ботафаккурона ҳаёт ба сар мебарам».

**«Фарзандднома»**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 7 Ҳаёти моддӣ ва маънавӣ – зеби инсон

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Вақте ки ҳаёти моддӣ ва маънавӣ мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед? Дар асоси суратҳои додашуда андешаҳои худро асоснок намоед.
2. Мафҳумҳои «ҳаёти маънавӣ», «неъматҳои моддӣ» ва «инсони ҳалол»-ро қиёс намоед, ҷиҳатҳои монандии онҳоро гӯед.
3. Имрӯз дар мамлакати мо барои ягонагии ҳаёти моддӣ ва маънавӣ кадом чорабиниҳо ба амал ҷорӣ шуда истодааст?
4. Шумо чӣ фикр доред? Оё танҳо бо ҳаёти моддӣ зиндагӣ карда мешавад?






Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи инсон мавқеи асосҳои моддӣ ва маънавӣ нисбат ба якдигар, кадоми онҳо мавқеи устувор доштанаш ақидаҳо ва фикрҳои гуногуни бо ҳам зид мавҷуд ҳаст. Файласуфони давраи эҳё Суқрот ва Афлотун, Эпикур ва Демокрит, донишманди Чин Конфутсий ва дигар алломаҳо назарияи олами руҳиро аввалиндараҷа шуморанд, дигарон ба ҷои асосӣ олами моддиро мегузоранд. Ин дунёи кухна, ҳаёте, ки мо зиндагӣ дорем, як воқеияти ягона ва яклухт аст. Олами зоҳирии инсон он фазилат ва хислатҳое, аст, ки ба ӯ ато карда шудааст. Фаҳмидан ва дарк кардани он масъалаи хеле мураккаб бошад ҳам, барои фаҳмидани он кӯшиш менамоем.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мо ҳар рӯз се ё чаҳор бор хӯрок мехӯрем. Муносиби фасли сол либос мепӯшем. Ҳамчунин филмҳо, намоишҳо ва мусиқиҳои ба мо шавқоварро тамошо мекунем ва мешунавем. Хоҳ дар хона, хоҳ дар китобхонаи мактаб ягон асари бадеиро барои хондан оғоз намоем, ба руҳияти қаҳрамонҳояш ворид мешавем. Хаёлан ба воқеаҳои асар даромада, китобро аз дастамон намемонем. Мо ҳатто фаромӯш мекунем, ки мо гуруснаем, гуруснагии худро ҳис кунем ҳам, аз беҳуда гузаштани вақт метарсем ва аз китоб сар намебардорем. Ин ҷо равандҳои моддӣ ва маънавӣ бо якдигар рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳар ду барои инсон заруранд. Вақте ки одамон дар ҳаёт зиндагӣ мекунанд, хусусият ва аломатҳои ҳам моддиву ҳам маънавиро дар худ муҷассам менамоянд.





## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Дар асоси расмҳои 1 ва 3 ҷавоб диҳед, ки ҷанбаҳои ҳаёти моддиву маънавӣ аз чӣ иборатанд?
2. Оид ба ҳолатҳое, ки ҷомеаро ба бухрон меоранд, мисолҳо пешниҳод кунед.

*Гулноза ба мағозаи хӯрокворӣ рафта, баъзе маҳсулотҳоро харид кард, аммо чеки онро напурсид.*

3. Оё Гулноза ба қоидаҳои шаҳрвандӣ риоя кард?
4. Ин кори ӯ ба кадом муаммоҳо сабаб шуданаш мумкин?
5. Оё Шумо вақте аз дӯкон маҳсулот мехаред, чеки онро талаб мекунед? Чаро? Фикри худро асоснок намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инсон ҳамеша барои зиндагӣ ва фаъолият, хӯрдану пӯшидан, гузаронидани ҳаёти моддӣ ва бомазмун муҳтоҷ аст. Бинобар ин, ҳар як шахс бояд ба ҳар ду ҷониб диққат диҳад. Алоқаи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа, нисбат ба ҳамдигар мувофиқ будани асосҳои моддӣ ва маънавӣ вобастагӣ ва робитаи онро ифода менамояд.

Ҳаёти моддиву маънавӣ инкоркунандаи ҳамдигар нестанд. Онҳо дар якҷоягӣ ҳамдигарро пурра менамоянд. Инсон дар зиндагӣ барои орзуҳои худро амалӣ кардан, бахту саодати худро ба ин ду меъёр вобаста мекунад.

Дар мамлакати мо барои зиндагии хуби мардум, барои аъзои фаъол будани ҷомеа, ба масъалаҳои ҳаёти моддию маънавӣ эътибори калон дода мешавад. Чунки ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа ба эҳтиёҷоти моддиву маънавии одамон алоқаманд аст.

Ҳаёти ҷомеа дорои намуди моддӣ ва маънавӣ аст. Барои расидан ба рушди иқтисодии ҷомеа, ба маънавият, хусусан, ба ҳуқуқи инсон эҳтиром доштан лозим аст. Ин нишон медиҳад, ки маънавият бо рушди истеҳсолӣ ва иқтисодии ҷомеа алоқаманд аст. Дар акси ҳол, муносибатҳои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа рӯ ба таназзул меоранд, қадру қимат ва шарафи инсон паст зада мешавад.

Таърих исбот кардааст, ки он шахсе, ки моликияти хусусӣ дорад, барои дастгирии худ ва оилаи худ, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагонии ҷамъият ва мардуми муҳтоҷ, кӯмаки беғараз расонида, сулҳу оромии кишвар, миллатро таъмин ва ҳимоя менамояд. Вай ҳаёти моддӣ ва маънавии якдигарро пур карда, фазилатҳои неки инсониро ҷорӣ менамояд. Имрӯз дар мамлакати мо ба рушди ҳамаҷонибаи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ диққати махсус дода мешавад. Хусусан, рушди ҳамаҷонибаи равандҳои иқтисодӣ ва маънавӣ далолат медиҳанд, ки суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ барқарор мебошад. Ҳаёти маънавӣ ва моддӣ якдигарро инкор намекунанд, балки ба ҳамдигар таҳким бахшида, тағйир меёбанд ва ҷомеа инкишоф меёбад.

Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ватанпарварӣ асоси ҳаёти ҳар гуна давлат буда, дар ташаккули ҳамаҷонибаи асоси маънавии ҳар як ҷамъият беҳтарин қувваи сафарбаркунанда ба шумор меравад.

**Шавкат Мирзиёев**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Ҷамъият | |
|---|---|
| **Ҳаёти моддӣ** | **Ҳаёти маънавӣ** |
| Шартҳои иқтисодӣ барои зиндагии одамон: хӯрокворӣ, либос, манзил, сӯзишворӣ, воситаҳои коммуникатсия, истеҳсол, тақсим, иваз ва истеъмол намудани неъматҳои моддӣ, захираҳои моддӣ ва табиӣ ва ғ. | Дарки олам, ақидаҳо дар бораи ҷомеа ва инсон, таълимот, ғояҳо, мафкура, шаклҳои шуур, таълиму тарбия, воситаҳои ахбор, фарҳанг, илму фан, ёдгориҳои қадимаи таърихӣ, асарҳои нодир, мероси маданӣ ва ғ. |

**Сабақҳои дарс.** Дар фаъолияти инсон ду омили муҳим — дунёи ва моддӣ маънавӣ ба якдигар якҷоя шуда, агар ба боли ҷуфт табдил ёбанд, дар ҳаёти давлат ва ҷомеа, ҷараёнҳои афзоиш, тағйирёбӣ ва болоравӣ рӯй хоҳад дод.



## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Агар шахс сарватманд бошаду дониш надошта бошад сарвати ӯ то ба кай мерасад?
2. Аз сарватҳои инсони бомаърифат киҳо манфиат мебинанд?
3. Инсон дар як вақт ҳам сарватманд, ҳам оқил, ҳам доно, ҳам саховатманд шуда метавонад ?

*Сарватмандию қашшоқӣ чун ғӯшту нохун аст. Танҳо онҳо ҳар замон ҷои худро иваз менамоянд. Аз сарватмандӣ шод машав. Аз қашшоқӣ аз ҳад зиёд ғамгин нашав, ҳама паси сар мешавад.. .. Касе хирадманд бошад, аз ҳар воқеаи нексу бад ва аз тасодуфҳо ба худ хулосаҳои даркорӣ бароварда метавонад.*

«Пул ба некӣ намерасонад, баръакс, ба воситаи некӣ одамон ҳам дар ҳаёти шахсӣ, ҳам дар ҷомеа ба пулу сарватҳои дигар соҳиб мешаванд».

**Суқрот**



## ЧИСТОН

Нодиртарин чизҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 8 Масъулияти шаҳрвандӣ ва ӯҳдадориҳои он



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мо чун аъзои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чиҳо бояд дахлдор бошем?
2. Масъулияти мо аз чиҳо иборат аст?
3. Ӯҳдадорӣ чист? Он кай ба вуҷуд меояд? Фарқияти байни масъулият, маҷбурият ва ӯҳдадориро гӯед.
4. Байни расмҳои додашуда ва ибораи «масъулияти шаҳрвандӣ» чӣ муносибат вуҷуд дорад?
5. Байни шахсоне, ки дар расмҳои 1, 4 ва 5 акс ёфтаанд, чӣ гуна қаробат вуҷуд дорад?
6. Вазифа ва ӯҳдадориҳои шахсони дар расмҳои 2, 3 ва 6 тасвиршударо дар назди одамони дар расми 1 акс ёфта муайян кунед ва муносибати байни онҳоро эзоҳ диҳед.


1


2


3


4


5


6

Тадбиркор шарбати мева истеҳсол мекунад. Ӯ масъулияти саломатии мардумро ҳис намуда, аз маҳсулотҳои тоза истифода мебарад. Барои саломатии халқ тамоми гигиенаи санитарӣ ва дигар қоидаҳоро риоя мекунад. Муддати истифодабарии онҳоро муайян менамояд. Дуруст ин вазифаҳоро ташкилотҳои давлатӣ низ назорат мекунанд, вале тадбиркор ҳисси масъулиятро дар назди ҷомеа ҳис карда, кори худро аз сидқи дил иҷро менамояд.

Масъулияти шаҳрвандӣ – ин дар фаъолияти ҳамарӯза татбиқ карда тавонистани талабҳои ахлоқии ҷо-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

### ДОНИСТА ГИРЕД

Дар он ҷое, ки шаҳрвандон ӯҳдадориҳо ва масъулиятҳои худро дар назди ҷомеа ҳис мекунанд, дар он ҷо дахлдорӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ пурзӯр мешавад.

меа ба он риоя кардан ё накардан аст. Ин мафҳум байни ҳамдигар муштаракии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандонро ифода мекунад. Вақте ки шахс вазифаи худро мефаҳмад, бар зиммаи ӯ масъулият зиёд мешавад. Вақте ки ӯ ӯҳдадориҳои худро дар назди оила мефаҳмад, масъулияти худро дар назди ҷомеа низ дуруст дарк мекунад. Пас, ҳисси масъулият ба вуҷуд меояд.

Ӯҳдадории шаҳрванд – ҳамкорӣ ё шарикӣ бо ягон фаъолият ё чараён. Агар ҳар як шаҳрванд, масъулияти ҳисси вобастагии худро ба тақдири Ватан ҳис намуда зиндагӣ кунад, вазифа ва масъулияти ӯ дар назди ҷомеа зиёд хоҳад шуд. Ҳисси ӯҳдадориҳо одамонро муттаҳид мекунад. Бинобар ин, шахсе, ки масъулият ва ӯҳдадориҳоро фаъолияти ҳаррӯзаи худ меҳисобад, ба инсони ҳақиқатан бомаънавият табдил меёбад.

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

*Барои шаҳрвандон пардохти андоз ва хароҷоти маҳаллӣ, ки қонун муқаррар кардааст, ҳатмӣ мебошад.*

1. Қоидаи мазкурро, ки моддаи 51-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон муайян кардааст, бо мавҳуми дахлдорӣ вобаста намуда фаҳмонед. Фикру ақидаҳои худро бо мисолҳо асоснок намоед.
2. Саривақт пардохт нанамудани андоз ба ривоҷи ҷомеа чӣ хел таъсир мерасонад?
3. Дар асоси дониши гирифтаи худ аз фанни «Асосҳои донишҳои иқтисодӣ» ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:

- ➔ Чаро андоз ҷамъ мекунанд?
- ➔ Он даромадҳое, ки аз андоз пайдо мешаванд, бо кадом ҳадафҳо сарф мешаванд?
- ➔ Андозҳо дар рушди давлат ва ҷомеа, нигоҳ доштани сулҳ ва амният чӣ нақш доранд? Оё таъмини ин раванд ба ҳаёти Шумо таъсир мекунад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ҳар як шаҳрванди кишвар масъул аст, ки мероси бузурги моддӣ ва маънавиро ба насли оянда расонад.

Имрӯз, дар афзоиши самаранокии ислоҳот дар кишвари мо, аз ҳар ҷиҳат бо шиддат инкишоф ёфтани давлат ва ҷомеа масъулият ва ӯҳдадориҳои шахсии ҳар як шаҳрванд вуҷуд дорад.

Одам дар кучое, ки таваллуд шуда бошад, бояд дар рӯҳияи садоқат ба он ҷой, ҳисси меҳру муҳаббат нисбат ба авлод, бародарон, хоҳарони худ зиндагӣ кунад.



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

*Дар канори роҳ, шахси тақрибан 60-сола ба дарахт такя карда нишаста буд. Одамон аз назди ӯ бепарво мегузаштанд, касе ба ин шахс аҳамият намедод.*

1) Дар чунин ҳолат Шумо чӣ гуна рафтор мекардед?

а) Ба назди он шахсе, ки дар назди дарахт буд, рафта аз ӯ «оё ба Шумо кӯмак лозим аст?» гуфта мепурсидам;

б) Эътибор намедодам;

в) Ба вақтам нигоҳ мекардам. Вақт дошта бошам, ёрӣ медодам.

*(идома). Акбарҷон аз мактаб бозмегашт. Ӯ: «Шояд ӯ бемор бошад? Шояд ба кӯмак ниёз доштагист?» гуфта фикр карду ба наздаш рафта аҳволашро пурсид. Марди ба дарахт такя карда истода, гуфт, ки дилаш ноороҳат шуда истодааст. Акбарҷон ба назди одамоне, ки дар истгоҳ буданд, рафта вазъиятро хабар дод. Касе аз телефони мобилии худ ба «ёрии таъҷилӣ» занг зад, дигаре ба назди он одам рафта, кӯшиш кард, ки ӯро ба ҷои беҳтар хобонад. Зани тахминан 40-сола дасти ӯро молид, доруеро аз ҷайби худ гирифта нӯшонданӣ шуд. Дере нагузашта мошини «Ёрии таъҷилӣ» расида омад.*

2) Ба кори Акбарҷон муносибати худро баён намоед. Худи Шумо дар ин ҳолат чӣ кор мекардед?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз ин нуқтаи назар, дар Ӯзбекистон Стратегияи рушди мамлакат барои солҳои 2017–2021 панҷ роҳи устувори ин чараёнро муайян намуд:

— такмили сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ;
— таъмини волоияти қонун ва ислоҳоти минбаъдаи системаи судӣ;
— рушди минбаъда ва озодкунии иқтисодиёт;
— рушди соҳаи иҷтимоӣ;
— таъмини амният, тафоҳуми байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ, сиёсати хориҷии чуқур пешбинишудаи манфиатноки руҳияи амалӣ дошта.

«Касе умрро бефоида гузаронид, чизе нагирифта, тиллояшро гум кардааст».

**Саъдии Шерозӣ**

**Сабақҳои дарс.** Фикр кунед! Агар дунё аз кӯҳу санг, адиру водиҳо, чӯлу саҳроҳои бепоён ташкил меёфту эҷодкори бузурги он одамизод офарида намешуд, олам ин қадар зебо, ҳаёт ин қадар шавқовар намешуд. Пас, боз ҳам инкишоф ёфтани кураи Замин, гулгулшукуфонии он танҳо ба худи мо, ба мақоми ҳар яки мо ва корҳои бунёдкоронаи мо вобастагӣ дорад.

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Шумо чӣ фикр мекунед? Барои стратегияи ҳаракатро сари вақт ва самарабахш ҷорӣ намудан масъулияти шахсии шаҳрвандони кишварамон чӣ гуна бояд бошад?
2. Чаро ба масъулияти шаҳрвандон такя мекунанд?
3. Рӯйхати масъулияти оила, маҳалла, давлат ва ҷомеаро мураттаб созед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

| Масъулияти ӯҳдадорӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Оила | Маҳалла | Давлат | Ҷамъият |
| | | | |

4. Шумо чӣ фикр доред, дар вазифаҳои шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон муайян шудааст, чӣ гуна мақсадҳо дар назар дошта шудааст?
5. Агар дар инкишофи ҷомеа масъулияти шаҳрвандон ташаккул наёфта бошад, ба кадом оқибатҳои бад оварданаш мумкин?

*Ба вазъияти зерин баҳогузорӣ кунед. Ояндаи шогирдон ба омӯзгор чӣ дахл дорад?*

Талабае, ки Н. ном дорад, бе тайёрӣ ба дарс ҳозир шуд. Муаллим ӯро дар назди синф танбеҳ дод. Н. бошад, ба ӯ чунин ҷавоб дод: «Шумо чӣ ҳақ доред, ки маро танбеҳ медиҳед? Ман падару модар дорам, хоҳам дар дарс иштирок мекунам, нахоҳам не».

6. Дар мафҳумҳои арзишҳо ва ӯҳдадорӣ чӣ гуна ҳамбастагӣ аст?

Муҳофизати Республикаи Ӯзбекистон вазифаи ҳар як шаҳрванди Республикаи Ӯзбекистон мебошад. Шаҳрвандон вазифадор карда мешаванд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба хизмати ҳарбӣ ё муқобил хизмат кунанд.

**Моддаи 52. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**



## ЧИСТОН

Аз вазнин ҳам вазнинтар... Он чӣ аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 9 Амнияти маънавӣ







## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мафҳуми амнияти маънавиро фаҳмонед.
2. Шумо таъсири амнияти маънавиро ба инкишофи маънавият чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
3. Оё ба шахсоне, ки забон ва фарҳангро пос медоранд, таҳдидҳои маънавӣ таъсир мерасонанд?
4. Суратҳоро бинед ва ба қиёфаи ҷавонони имрӯза баҳо диҳед.

Амнияти маънавӣ – маҷмӯест, ки ҳимояи аъзоёни ҷамъиятро аз таҳдидҳои ғоявӣ ва хурӯҷҳои ғоявӣ ифода мекунад. Фаъолияте мебошад, ки чун қисми таркибии амнияти миллӣ ба ҳимоя кардани манфиатҳои умумимиллӣ равона карда шудааст. Амнияти маънавӣ гуфта, фаъолият ва ҷараёни доимии ба барқарории ҳаёти маънавӣ, ғоявӣ-руҳии аъзоёни ҷомеа ва таъмини намудани амнияти онҳо нигаронида шуда дар назар дошта мешавад, ки бинобар эҳтиёҷ ба таъмин кардани амнияти миллӣ ба вуҷуд омадааст.

Маълум аст, ки таҳдид ба маънавияти инсон, нисбат ба хуруҷҳои силоҳнок дорои қудрати зиёдтар аст.

Аз таҷрибаи таърихӣ маълум аст, истилогароне, ки меҳоҳанд мамлакати муайянеро забт кунанд, пеш аз ҳама, кӯшиш мекунанд, ки ба руҳия, маънавият ва арзишҳои мардумӣ табар зананд. Миллат ва халқиятҳое, ки дар натиҷаи гум кардани маънавияти миллӣ ва арзишҳои миллии худ худшиносияшон гум шудааст, ба таъсири мафкураи ҳукмрон афтида, маҷбур мешаванд ба манфиатҳои онҳо хизмат кунанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Инкишофи интегратсия ва ҳамкории байни давлатҳо ва халқҳо, ба вуҷуд омадани коммуникатсия ва технологияи ахбори муосир, дар натиҷаи бо тезӣ паҳн шудани пешравиҳои илму фан, ки пештар кам мушоҳида карда мешуд, таҳдидҳои ғайрианъанавиро ба вуҷуд овардааст.

Дар айни замон, баъзе аз кишварҳои ғарбӣ барои васеъ намудани манфиатҳои миллии худ «содироти демократия», «инқилобҳои ранга» ва «хуруҷҳои иттилоотӣ»-ро истифода мебаранд. Неруҳои мақсадҳои ғаразнок ғояҳои худро ба воситаи ташкилоҳои гуногуни ғайридавлатӣ, лоиҳаҳо ва фондҳо кӯшиш менамоянд дар амал ҷорӣ кунанд. Барои ба амалӣ намудани чунин сиёсат онҳо аз воситаҳои аз ҳама тезкор ва самарабахш истифода бурда истодаанд. Воситаҳои ахбор дар дасти баъзе давлатҳои ғарб ва ташкилотҳои террористӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва силоҳи даҳшатнок табдил ёфта истодааст. Ҷараёни глобализатсия бевосита ба ахбор вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар, ахбор имрӯз аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ ба манфиати баъзе қувваҳо хизмат карда истодааст.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Чаро ҷавонон ба таъсироти муҳити беруна бо тезӣ дучор мешаванд?
2. Чаро интернет ба ҷавонон чун маскани бозӣ шудааст?
3. Матнро хонед. Он тағйиротҳоеро, ки имрӯз дар арсаи сиёсии ҷаҳонӣ, содир шуда истодааст, таҳдидҳои ба сулҳ, шуури инсон ва тафаккури он нигарондашударо ба андеша ва мулоҳизаҳое, ки дар матн қайд карда шудааст, вобаста карда, эзоҳ диҳед.




*Имрӯзҳо аз ҷониби баъзе давлатҳои пурқудрат нисбат ба дигар мамлакатҳо, пеш аз ҳама нисбат ба мамлакатҳои дорои захираҳои бойи зеризаминӣ ва рӯизаминӣ дошта, барои ҳаёти осудаи баъзе мамлакатҳои ҷаҳонро аз роҳ баровардан, ба сари ҳокимият овардани қувваҳои ба манфиати он давлатҳо хизматкунанда сиёсати ғаразнок пеш бурда мешавад, ки дар ин бора мисолҳо зиёданд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муҳтавои асосии имрӯза дар ин ҷаҳони бошиддат тағйирёбанда нигоҳ доштани арзишҳои миллии худ ва ба наслҳои оянда интиқол додани он аст.

Масалан, эҳтиёҷ ба интернет рӯз ба рӯз меафзояд, вале барои баъзе шахсони ғаразнок интернет вазифаи силоҳро иҷро карда истодааст. Чунин шахсҳо тавассути шабакаҳаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ кӯшиш мекунанд, ки ба арзишҳои башарият, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таъсир расонанд. Ахбори хурде, ки бар зидди маънавияти инсон равона карда шудааст, дар нигоҳи аввал, гӯё ноарзанда аст, вале зери таъсири глобалишавӣ он қудрат пайдо карда, зарари хеле калон расонида метавонад. Таҳдидҳои мафкуравӣ ба воситаи омили инсон ба истиқлолияти давлатҳо ҳам даҳолат карда метавонад.

Хавфи таҳдиди мазкур аз чӣ сабаб хатарнок аст?

- шиор ва даъватҳои пурҷозибаи мазкур ҷавононро аз роҳ мезанад;
- онҳо тафаккури одамон, пеш аз ҳама ҷавононро вайрон карда, нописандӣ ва бепарвоиро ба вуҷуд меоранд;
- ақл ва шуури ҷавононро соҳиб мешаванд.

Дар интиҳо ба амнияти мамлакат ва манфиатҳои миллӣ таҳдид намуда, ҷомеаро ба таназзул рӯбарӯ мекунад. Мақсад аз чунин таҳдидҳо ба роҳҳои гуногун шуур ва қалби ҷавононро соҳибӣ намуда, онҳоро ба манқуртӣ табдил додан аст.

Давраи наврасӣ – марҳилаи душвори гузариш аз кӯдакӣ ба ҳаёти калонсолон аст.

Агар ба Шумо гӯянд, ки «Оё ту кӯдакӣ?» шумо мехоҳед ҷавоб диҳед: «Не. Ман кӯдак нестам». Баъзан танбеҳ додани калонсолон Шуморо асабӣ мекунад. Оё шумо ҳис мекунед, ки шумо худ ба худ «Ин қадар маро тафтиш мекунед? Чӣ ман ба Шумо кӯдак ҳастам?» гуфта ғур-ғур ҳам мекунед. Вале барои «Ман калонам» гуфтан шарм мекунед. Волидайн ва калонсолон дар назди худ ӯҳдадориҳо ва вазифаҳо гузошта, Шуморо аз таҳдидҳои гуногун ҳимоя кардан мехоҳанд. Шумо худро ба ҷои онҳо гузошта бинед. Муносибати худро нисбат ба ҳаракатҳои нодурусти бародарони хурдатон ба ёд оред. Боз ба Шумо шахси наздики маънавӣ ва маслиҳатгар зарур аст. Дар ин соҳа Шумо ба китоб мурочиат намоед. «Қобуснома», «Хамса», «Бобурнома», «Ҳумоюн ва Акбар», «Мадинаи фозила», «Тузукоти Темурӣ», «Қиссаи Рабғузӣ», «Ҷалолиддин Мангубердӣ», «Хазинаи Улуғбек» ва дигар асарҳои адабиёти классикии ҷаҳоншумул, дурдонаҳои мил-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

лӣ-маънавии халқ ҳамеша ҳамроҳи ҳаётии Шумо бояд бошад.

Таҳдидҳое, ки дар зери ниқоби «маданияти оммавӣ», ба ҳаёти миллатҳои гуногун ворил мешавад, ба мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

1) аз ҳисоби паҳн намудани ғояҳои ғайриахлоқӣ ва зӯровар, ақидаҳои индивидуализм ва эготсентризм зиёд намудани сарват;

2) нописандӣ ба решаҳои маънавии анъанаҳо ва арзишҳои ҳазорсола, тарзи ҳаёти дигар миллатҳо;

3) таҳдидҳо барои решакан кардани онҳо. Ҳолатҳое, ки баъзан дар ҳаёт вомехӯранд, бадахлоқиро фарҳанг номида, дар асл ба арзишҳои маънавӣ осеб расонида, онҳоро кӯҳнапарастӣ гуфта, ба тараққиёт, ҳаёти осуда, хусусан, ба тақдири Шумо метавонанд хавф андозанд.

Барои аз чунин ҳамлаҳо ҳифз кардани худ, аҷдоди бузурги мо, чун асосгузори маҷмӯи меъёрҳои ахлоқии инсони комил, ё ба забони муосир «кодекси ахлоқи шарқ» дар шуури халқ ору номус, шарму ҳаё ва андеша барин ҳиссиёт ва мафҳумҳои бузурги ахлоқиро ташаккул дода, ба наслҳои оянда мерос гузоштаанд.



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Ҳолатҳое, ки дар давоми даҳ соли охир рӯй дода истодааст, аз як тараф низоъҳои этникӣ ва динӣ, аз тарафи дуюм, адоват нисбат ба ислому мусулмонҳо (исламофобия, диффарматсия), табиист, ки ба номутаносибии иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад, чараёни тараққиёти осударо аз роҳ мебарорад, ба амният ва барқарории байналхалқии инсоният таҳдид меоварад.



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Ба ақидаи коршиносон, дар айни замон иттилоот ба сарчашмаи сердаромади иқтисодиёт мубаддал гардида истодааст. Масалан, мутобиқи маълумотҳои Институти тадқиқотҳои стратегии ИМА, ахбор, нисбатан ба ҳар як долларе, ки барои маҳсулот сарф мешавад, бештар, аз 1 доллар дар бахши сӯзишворӣ ва энергетикӣ сармоягузорӣ карда мешавад, даҳҳо баробар фоида мерасонидааст. Ин танҳо ҷанбаи иқтисодии он аст, ҷанбаи сиёсии он, воситаест барои ноил шудан ба манфиатҳои шахсӣ ба таври хеле арзон ва қулай.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Мувофиқи ни-шондоди пур-сишҳои миллии дар ИМА гузаро-нидашуда, солҳои 2005-2014 дар байни наврасони 12-17-сола давраи аз ҳама пурзӯри депрессия буда-аст.

**The New York Times**

Абдулло Қаҳҳор вақте аҳолии деҳаашро дар хотираҳои худ тасвир мекунад, шунидаҳои худро дар бораи оғози Ҷанги якуми ҷаҳон — моҳи сентябри соли 1914, пас аз чор моҳ, декабри соли 1914 навиштааст. Имрӯз одамон имконият доранд дар бораи ҳодисаҳои гуногуни олам бо тезӣ хабар ёбанд.

**Сабақҳои дарс.** Агар инсон дорои фикри мустақили худ, эътиқоди мустаҳкам, ки ба арзишҳои миллӣ такя мекунанд, ҷаҳонбинии бунёдкор ва иродаи мустаҳкам набошад, дошт додани ӯ ба фишори мафкуравӣ ва таҳдидҳо хеле мушкил мешавад. Шахсоне, ки маънавияти воло доранд, ба ҳамлаҳои кушод ва ё пинҳонӣ, бар зидди фикр ва ғояи бад бо фикр ва ғояи нек, бар зидди ҷаҳолат бо маърифат мубориза мебаранд. Тамоми вуҷуди чунин одамон саршор аз маънавият - урфу одат, анъана, забон ва фарҳанг, ҳиссиёт ва меҳру муҳаббати бепоён аст.



## ДОНИСТА ГИРЕД

Аз аввал дурӯғ будани суханро дониста, онро ҳақиқат гуфтан беҳаёии маҳз аст!

**«Қобуснома»**



## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Имрӯз дар мамлакати мо барои таъмин намудани амнияти маънавӣ чӣ гуна ислоҳотҳо дар амал ҷорӣ шуда истодааст?
2. Оё Шумо худро чун шахси дур аз хавфу хатарҳои маънавӣ шуморида метавонед? Фикри худро асос намоед.



## ЧИСТОН

Дӯсту душманро фарқ намекунад, худ низ ба касе хубӣ карда наметавонад Кист ӯ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 10 Иродаи мустаҳкам — кафолати маънавияти воло



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мафҳуми иродаи мустаҳкамро эзоҳ диҳед.
2. Ба фикри Шумо барои соҳиб шудан ба ирода ва боварии қавӣ дар инсон кадом фазилатҳо бояд бошад?
3. Барои соҳиб шудан ба иродаи мустаҳкам нақши инсон дар ҷомеа чӣ гуна бояд бошад?
4. Киҳоро иродааш мустаҳкам меноманд?

Ирода – фазилати маънавиест, ки кӯшишҳои дохиливу берунӣ, дар роҳи мақсад сафарбар намудани имконият ва салоҳияти худ, бо қатъият кӯшиш намудан, дар шароитҳои гуногун ғолиб шуда, санҷиш ва душвориҳоро сарбаландона паси сар карданро ифода мекунад. Инсон ба туфайли иродаи мустаҳкам аз орзуи ҳавасҳои нодаркор мебарояд, ба душвориҳои гуногуни маънавӣ ва моддӣ бардошт медиҳад, роҳи ҳаёти худро муайян мекунад. Бо баланд шудани маънавияти инсон иродаи ӯ низ қавитар мешавад. Ирода дар асл, эътимоди қавӣ аст. Шахсе, ки иродаи қавӣ дорад, аз ҳар гуна вазифаи мураккабро ба зиммаи худ гирифтан наметарсад.

Дар ҳар гуна шароит ба чунин инсонҳо такя кардан мумкин. Ӯ, агар ба саратон ягон ташвиш ё му-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ДОНИСТА ГИРЕД

Иммунитети мафкуравӣ – ин низоми ҳимоя, аз таъсирҳои гуногуни ғоявию назарӣ ва арзишҳои зараровар бар зидди шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ, миллат ҳисобида мешавад.

аммое афтад, аз ҳеҷ чиз натарсида, дар наздатон меистад ва чӣ қадаре, ки аз дасташ ояд, ёрӣ мерасонад. Кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки душвориҳоро бо ҳамроҳи Шумо ҳал намояд.

Инсони иродаи қавӣ ва имону эътиқод доштаро бо ҳар гуна кӯшишҳои сабук ва ғояҳои вайронкор аз роҳ задан мушкил аст. Иродаи қавӣ асоси иммунитети мафкуравист. Барои ташаккули иммунитети мафкуравӣ, инсон бояд иродаи баққувват ва қавӣ дошта бошад. Иммунитети мафкуравӣ дар навбати худ ба илм такя мекунад. Инсони донишманд фаъолияти худро на ба тарзи кӯр-кӯрона, балки чуқур фикр карда, аз рӯи мушоҳидаҳои худ идора мекунад.

Инсони боирода, эҳтиёт кардани анъанаҳои муқаддас, арзишҳои миллӣ ва мероси моддиву маънавиро ба мақсади олии худ табдил медиҳад. Дар баробари ин он ҷавононеро, ки таърих ва таърихи Ватанро бо хубӣ медонанд, фиреб дода намешавад. Ин гуна ҷавонон иродаи қавӣ доранд. Маънавиятро танҳо ба воситаи иродаи қавӣ фаҳмидан мумкин аст. Меъёрҳои асосии маънавият ба иродаи бақувват ва мустаҳкам такя мекунад. Дар куҷое, ки халои мафкуравӣ ба вуҷуд ояд, дар он ҷо мафкураи бегона ҳукмронӣ карда метавонад. Инсонҳое, ки ғоя ва мафкураи миллӣ надоранд, нисбат ба худ ва атрофиён бефарқанд.

Аҷдоди бузурги мо, алломаҳое, ки дар замини мо зиндагӣ кардаанд, хусусан, Муҳаммад Мӯсо Хоразмӣ, Абӯнаср Форобӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Маҳмуд Замахшарӣ, Мирзо Улуғбек ва дигарон дар меросҳои илмии худ таъкид намудаанд, ки танҳо бо иродаи қавӣ, феъли

Ҷараёни демократикунонии ҷомеа дар Фаронса 200 сол давом карда бошад, дар Англия ин муддат 500-600 солро ташкил медиҳад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

хуш, хонишу дониш инсон метавонад соҳиби маънавияти воло гардад. Дар он ҷамъияте, ки маънавияти воло қарор ёфтааст, фаъолият ва ватанпарварии шаҳрвандон низ воло хоҳад шуд. Ин аст иродаи ҳақиқӣ.

7-18 сентябри соли 2016 ғалабаҳои бузурги варзишгарони мо дар Бозиҳои тобистонаи XV-уми паралимпӣ, ки дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия баргузор шуд, барои мардуми мо ғурур ва ифтихори беандоза бахшид. Дар мусобиқаи бонуфуз варзишгарони Ӯзбекистон 8 медали тилло, 6 нуқра ва 17 медали биринҷиро ба даст оварда, обрӯ ва нуфузи Ватанамонро дар арсаи байналмилалӣ боло бардошта, ба рушди минбаъдаи он мусоидат намуданд.

Сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, ҳамватанони иродаи қавӣ дошта, ҷасорат ва матонат нишон дода, ба натиҷаҳои назаррас соҳиб шуданд, дар байни беҳтарин варзишгарони ҷаҳон - намунаи ҳақиқии маънавияти воло гардиданд. Пас, иродаи қавӣ ба пирӯзӣ ҳам меовардааст.

Инсони иродаи қавӣ дошта инсони бомаънавият мебошад. Инсони бомаънавият ба ҳар як масъала ва муаммо аз нуқтаи назари ақлу идрок инсо-



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Барои инсони боирода шудан чӣ бояд кард?

2. Шумо фикри «Дар инсони боирода ҳамаи арзишҳо муҷассам аст»-ро чӣ хел мефаҳмед?

3. Матни зеринро хонед ва шарҳ диҳед.

*Вақте ки инсон барои боирода шудан кӯшиш мекунад, ба эҳтиёҷ ва хоҳишҳои худ зид меистад. Барои ирода ҳиссиёти «ман мехоҳам» не, балки «даркор», «иҷро карданам шарт» хос аст.*

*Ҳама гуна намуди фаъолияти инсон ва ҳар гуна меҳнат аз кас иродаи қавӣ талаб мекунад. Ирода дар меҳнат пайдо мешавад ва обутоб меёбад. Фаъолияти боирода дар муайян кардани мақсади ҳаракат, воситаҳои ба мақсад ноил шудан ва роҳу воситаҳои онро пешакӣ муайян карда, ҳангоми ба қарори маълум омадан ва иҷрои он намоён мешавад. Дараҷаи иродаи одам, дар чӣ гуна мақсадро ба даст овардани ӯ дида мешавад.*

**Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

фу адолат нигоҳ мекунад. Соҳиби маънавияти воло дар ҳаёти худ ҳамеша виҷдон, инсоф, имон, ору номус, ростию ҳалолӣ барин фазилатҳоро истифода бурда зиндагӣ мекунад. Ватан – Модар, миллат халқи худро дӯст медорад, онро ҳифзи вазифаи муқаддаси шаҳрвандии худ меҳисобад.

Дар давлате, ки иллатҳои манфии гуногун барҳам ёфтааст, ақлу фикри солим, одоби хуб, инсоф ва адолат тантана намуда, маънавият ба қуллаи баланд мебарояд. Шаҳрвандони чунин кишвар соҳиби иродаи қавӣ мешаванд.

**Сабақҳои дарс.** Одамони маънавияти қавӣ дошта ба иродаи мустаҳкам такя мекунанд. Рушди ҷомеа низ ба иродаи инсонҳои мақсаднок вобаста аст. Зеро маънавият қувваи бузурги халқ,ҷомеа ва давлат аст. Дар он ҷое, ки ӯ набошад, ҳеҷ маҳал бахту саодат нахоҳад шуд.

**Сабри ҷамил аз ҷавҳар қимат аст.** Ҷавҳари инсони босабр дар он аст, ки гарчанде худаш аз ғурбату ғам пур бошад ҳам, ба шахси дигаре, ки кораш омад надорад, меҳру мурувват ва дасти саховат дароз менамояд.

**«Саодати ҳикмати умр...»**



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Матни зеринро хонед. Вақте ки «Корҳои ба халқ, миллат ва кишвар манфиатоваранда» мегӯянд, Шумо кадом корҳоро ба назар меоред? Фикри худро исбот кунед.

**СУҲБАТИ ШАВҚОВАР**

Рӯзе фарзанд гуфт: – Падарҷон, ба ман насиҳат мекардед. ...

Падар: – Писарам, агар умрам, муносиб гузарад гӯйӣ, умри худро ба чор қисм ҷудо намо.

Якум, аз падару модар ва шахсони фозил сирру асрори амалҳои некро омӯз; дуюм, илм бигир ва соҳиби ҳунар бишав; сеюм, дар корҳое, ки ба халқу миллат ва кишвар манфиат меоваранд, иштирок намо; чаҳорум, ба фарзандон таълиму тарбияи нек бидеҳ ва касберо биёмӯз, ки дар ҳаёт ҳамеша зарур мешавад.

**«Фарзанднома»**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Вазифаҳои шаҳрвандии Шумо аз чиҳо иборат аст?
2. Агар Шумо ба суханҳоятон каме дурӯғ илова кунед, ба иродаи Шумо чӣ гуна таъсир мерасонад?
3. Дар байни мафҳумҳои сабр, қаноат ва ирода чӣ гуна муносибат вуҷуд дорад?
4. Ҳикояҳоро дар бораи пайраҳаи ҳаёти инсонҳои намунаи ибрат ҷамъ намоед.

## БАРОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

- 19 октябри соли 1989 дар сессияи Шӯрои Олӣ масъалаи ба забони ӯзбекӣ мақоми забони давлатӣ додан мавриди баррасӣ қарор ёфт ва забони ӯзбекӣ ҳамчун забони давлатӣ эълон карда шуд.
- арзишҳои чандасраи мо ба ҳисоб гирфта шуда, бо мақсади таъмин намудани устувории арзишҳои миллӣ ва умумбашарӣ аз ҳуруфи кириллӣ ба лотинӣ гузашта шуд.
- бо мақсади худшиносиву худогоҳӣ, амиқтар донистани наслу насаб, дар дили ҳамватанон ташаккул додани ҳиссиёти муҳаббат ба Ватан, номи ҷойҳои таърихӣ аз нав барқарор карда шуд.
- Аз соли 2001, ҳар сол 31 август ҳамчун Рӯзи хотираи қурбониёни фишорҳои репрессивиро қайд кардан қабул карда шуд.
- «Иди Қурбон» ва «Иди Рамазон»-ро мусулмонон ҷашн мегиранд. Ҳамчунин, 28 феврали соли 1989 қарор дар бораи барқарор намудани ҷашни Наврӯз қабул карда шуда, ин ид дар Ӯзбекистон чун ҷашни умумимиллӣ эълон гардид.

## ЧИСТОН

Ҳамеша дар назди ту, дар вазъиятҳои душвор ба ту ёрӣ дода, дар рӯзҳои хушбахтӣ насиҳатгӯй аст. Он чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 11 Маънавият сӯи камолот мебарад








## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Аз суратҳо истифода бурда, дар бораи имкониятҳое, ки дар кишварамон ба ҷавонон дода шуда истодааст, ҳикоя кунед.
2. Таълимро аз тарбия, тарбияро аз таълим ҷудо карда намешавад, гуфта Шумо чиро мефаҳмед?
3. Инсони комил бояд кадом хислатҳоро дошта бошад? Ҷавобҳои худро асоснок намоед.
4. Имрӯз барои Равшан рӯзи хурсандӣ аст. Вай дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки аз фанни математика гузаронида шуд, ҷои аввалро соҳиб шуда, ба олимпиадаи байналхалқӣ роҳхат гирифт. Дар бораи ӯ ба аҳли оилааш, ҳамсинфонаш, дар телевизиони ҷумҳуриявӣ нишон доданд, ки ҳаммаҳаллагон низ хурсанд шуданд. Дар муваффақ шудан ба чунин дастовардҳо хизматҳои киҳо ҳаст? Дастовардҳои ӯ ба ҷомеаи мо кадом манфиатҳоро меоварад?
5. Ҳангоме ҳамватанони мо дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ғолиб меоянд ва ба шарафи дастовардҳои онҳо суруди давлатӣ иҷро мешавад, худро чӣ гуна ҳис мекунед?

Дар шароити имрӯзаи рушди хеле босуръат, Ӯзбекистони мустақил ояндаи бузурги худро дар тимсоли насли навраси соҳибмаълумот, соҳибақл, меҳнатдӯст, далер, ҷисман қавӣ, маънавияташ боло мебинад. Чунин насли наврасро ҳамтарафа камол-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ёфта ба воя расонидан вазифаи устувори мамлакатамон ҳисобида мешавад.

Агар дар ҷомеа ҷаҳолат вуҷуд дошта бошад, дар он ҷо арзишҳои муқаддас завол ёфта, ба мазмун ва моҳияти инсонӣ осеб мерасад. Дар оқибат чунин ҷомеа рӯ ба таназзул меоварад. Барои ҳар як шахс, фурсатро ғанимат донистан, дар роҳи тарбияи насли баркамол рехтани араҷи ҷабин зарурияти ҳаётӣ мебошад. Зулматро нури илм равшан мекунад. Нури тафаккур барои гулгулшукуфии ҷомеа асос шуда, хизмат мекунад. Танҳо тафаккур аз паси худ боигариҳои моддӣ ва маънавиро оварда метавонад. Ӯ чашмаи покӣ ва маърифат аст. Хушахлоқӣ манбаи одоби зебост.

Ба туфайли ривоҷи илму фан, таълиму тарбия, ба туфайли одобу ахлоқ инсонҳои фозил, донишмандон ба воя мерасанд, ҷомеаи бомаърифат ба вуҷуд меояд. Чунин ҷамъият рушду равнақ хоҳад ёфт. Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ватандӯстии ҳар як инсонро талаб мекунад. Арзишҳои олии инсон ба монанди ватандӯстӣ, садоқат ба ӯҳдадориҳо, нигоҳ доштани сулҳ ва табиатро ба шуури инсон ворид кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Меросҳои арзандаи аҷдодамонро ба инобат нагирифта, дар бораи камолоти инсонӣ фикр кардан ғайриимкон аст. Арзишҳои олӣ ва худшиносӣ, ки ба ҳаёти инсон мазмун мебахшанд, ин мероси моддию маънавӣ, ҳикмат, чистонҳо ва афсонаҳои халқӣ мебошанд. Онҳо дар ба воя расонидани насли навраси камолёфта, ҷисмонан қавӣ ва дар роҳи равнақ ва инкишофи халқу кишвар устувор, асоси маънавӣ мебошанд. Панду ҳикмати алломаҳои бузург дар бораи ба камол расидани инсон ифодаи ин гуфтаҳост. Инсон ба донишу илму маърифат ба воситаи покии қалб ғизои маънавӣ мегирад.

Ёдгориҳои ноёби таърихӣ, ки аҷдоди гузаштаамон бунёд кардаанд, бино ва иншоотҳо, маҳаллаҳои



### ДОНИСТА ГИРЕД

Дар Шарқи Бузург анъанаҳои навиштаву нонавиштае вуҷуд дорад, ки волидайн ва устодҳо роҳи дурустро ба мардум нишон медиҳанд, ба дуо ва хоҳишҳо ба онҳо зафар ва омадҳоро металабанд. Бинобар ин, дар ҷомеа, тоифаи чунин ҳазрати инсонҳо соҳиби эҳтиром буда, ба онҳо ҳамеша эҳтиёҷ ҳис карда мешавад. Ин падида тарзи ҳаёти Шарқи Бузург буда, лозим бошад, дар ташкил намудани арзишҳои муқаддаси инсонӣ асос буд ва имрӯз ҳам чунин аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

обод, рӯз ба рӯз зиёд шудани оилаҳои серфайзу барака – гавҳари ноёби Ватан аст. Аз он ҷиҳат ин гавҳар нодир аст, ки он маҳсули меҳнати самарбахши падар ва бобоҳоямон аст, ки бо қалби болида, боварӣ ба оянда, ирода, имон ва эътиқоди мустаҳкам барои фарзандон боқӣ гузоштаанд. Ин хилқати нодир, дӯстдошта ва арзишманд аст.

Дар мероси маънавии ба халқи мо хос аллаи модар муқаддас ҳисобида мешавад. Барои он ки дар алла дарди модар ва миллат ба ҳам ҷӯр аст. Моҳияти он аз фаҳмиши маънавият, равнақи кишвар барин мақсадҳои пурарзиш иборат аст. Дар вуҷуди халқи мо, аз азал саъю кӯшиш барои омӯхтани навигарӣ, асрори илм, фикррони амиқ, ба назди худ гузоштани мақсади арзишнок ва дар ин роҳ самарабахш меҳнат намудан барин сифатҳои олиҷаноб мустаҳкам ҷо гирифтааст.

Чунин инсонҳо бо дониши чуқур ва аз самараи касби дӯстоштаашон обрӯву эътибор ёфта бошанд, ба туфайли хулқу атвори ибратбахш иззату эҳтиром ёфта, ҳаёти осудаю хушбахт гузаронидаанд. Дар камолоти инсон ростгӯӣ,



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Оё Шумо аллаи модарро, ки модари Шумо ба додарони Шумо мегуфтанд, шунидаед?
2. Чаро ҳар рӯз ин сурудро шунавем ҳам, боз хоҳиши шунидан пайдо мекунем, ба орзуҳои ширин дода мешавем ?
3. Бефаркӣ, танбалӣ, бепарвоӣ, аз ҳаққи касе нотарсидан, дуруғгӯйӣ барин иллатҳо ба ояндаи одам чӣ хел таъсир мерасонад?
4. Оё Шумо бар зидди чунин иллатҳо мубориза бурда метавонед? Барои пешгирӣ кардани чунин иллатҳо чӣ бояд кард?
5. Ҳикояи зерин дар бораи рушди иҷтимоӣ чӣ гуна таъсир дорад?

*Модари Адҳам, вақте ки ӯ дар кӯча тӯб бозӣ мекард, фарёд кард. Адҳам, гарчанд аз фарёди модараш норозӣ бошад ҳам, ба назди модараш рафта, ба маҳаллаи дигар футболбозӣ рафтанашонро гуфт. Модар: «Хуб, мана ин партовҳоро бурда партою бозиятро идома деҳ», гуфт. Адҳам аз ҷавоби модараш хурсанд шуда, сатили партовро гирифта давида рафт. Лекин ӯ партовҳоро ба канори ҷӯй бурда рехт.*

6. Ба рафтори Адҳам баҳо диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳалолӣ, бахшанда ва босабр будан ва ба исроф роҳ надодан, содиқ будан ба дӯстон, махфӣ доштани сир, одоби суханронӣ ва хушмуомилагӣ барин фазилатҳо, ҳамчунин нақши мақол, нақл ва суханҳои ибратнок дар сайқал додани тафаккур беқиёс аст.

**Сабақҳои дарс.** Ба сӯи мақсадҳои судманд кӯшиш кардан, вақтро беҳуда сарф накардан, аз меҳнат нагурехтан, илм омӯхтан ва маънавияти баланд мазмун ва мундарҷаи умри аъзоёни ҷомеаро ташкил медиҳад. Шахсони донишманд ва соҳибкасб, соҳибақл ва дорои одоби шоиста дар ин дунё тарзи ҳаёти бомазмун ва бобаракат гузаронида, ба дигарон намунаи ибрат шудаанд.

### ДОНИСТА ГИРЕД

Асрори зиндагӣ илм, одоб, фаъолияти бошуурона бошад, асоси он ақли зукко, бардавомии он меҳнати босамар аст.

**«Хазинаи ҳикмат»**

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ МАВЗӮЪ

1. Дар замири фикри «Халқи мо дар дунё набояд аз касе кам бошад, барои он ки фарзандони мо нисбат ба мо боқудраттар, бошууртар, донотар шуда, албатта хушбахтона зиндагӣ кунанд, тамоми нерӯ ва имкониятҳои худро сафарбар мекунем, дар ин бора масъалаи тарбияи маънавӣ бе шакку шубҳа аҳамияти бузург касб менамояд» кадом ғояҳо мавҷуд аст. Шумо чӣ гуна фикр доред? Ақидаҳои худро бо мисолҳои амалӣ ифода кунед.
2. Шумо дар оянда дар назди худ, чӣ гуна мақсадҳо гузоштед?
3. Оё дар оилаи Шумо ба анъанаҳои касбу ҳунар ягон вобастагӣ вуҷуд дорад?
4. Дар мамлакати мо барои инсони комил шудани Шумо кадом имкониятҳо мавҷуданд?
5. Ақидаҳои мутафаккирони кишварамонро дар бораи гирифтани илм ҷамъ намоед, барои гуфта додани мазмуни онҳо кӯшиш кунед.

## ЧИСТОН

Бемор, вале ба табобат ниёз надорад. Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 12 Нақши маърифат дар маънавияти инсон









## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Ба мафҳуми «маърифат» таъриф диҳед.
2. Чӣ гуна одамонро инсонҳои бомаърифат мегӯем?
3. Мафҳумҳои маънавият ва маърифатро ба якдигар вобаста намуда фаҳмонед.
4. Оё шахси бомаънавият инсони бомаърифат шуда метавонад? Бо суратҳои мазкур фикратонро асоснок намоед.

Маърифат (*арабӣ — донистан, дониш, маълумот, шинос шудан*) — мафҳум дар бораи моҳияти инсонӣ, табиат, ҷомеа барои ифода кардани муштаракии дониш, иттилоот, таълиму тарбия ва низоми маориф. Илова бар ин, мафҳуми маърифатро нисбат ба шахсони донишманд, соҳибмаълумот низ истифода мебаранд.

Дар мероси бостонию таърихиамон «Авесто» низ дар бораи маърифат маълумот дода шудааст. Дар он маърифат ҳамчун гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек талқин карда шудааст. Ғайр аз ин, алломаҳои давраи эҳё чун Имом Бухорӣ, Имом Мотурудӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Аҳмад Яссавӣ, Баҳоуддин Накшбанд бо асарҳои маърифатии бузурги худ ба офаридани арзишҳои умумиинсонӣ ҳиссаи беҳамто гузоштанд. Хусусан, Ҳаким Тирмизӣ дар рисолаи «Китобу баян-алилм» маърифатро ба нур ва равшанӣ қиёс намудааст.

Намояндагони ҳаракати ҷадидия, ки дар кишвари Туркистон фаъолият мекарданд, барои халқро аз ақиб-

«Дониш фаъолияти аз ҳама лаззатбахш ва бузурги инсон мебошад».

**Арасту**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

монии маданию зулми мустамликавӣ, ба роҳи нави тараққиёт пешбарӣ кардан, бунёд намудани асосҳои давлатдории миллӣ, аз усули маърифат истифода бурдаанд. Онҳо мактабҳои зиёдеро кушоданд, матбаачигӣ, ноширӣ, илму фан, адабиёт, маорифро дар асоси миллӣ ташкил карданро тарафдорӣ намуданд. Мақсади асосии фаъолияти маърифатпарварии ҷадидон аз кушодани мактабҳо, пеш аз ҳама, паҳн кардани маърифат буда, ақида дар бораи зарурияти илму фанни муосир мақсади асосии фаъолияти маърифатпарварии онҳо буд. Барои маърифатнок намудани миллату халқ Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ, Фитрат, Чӯлпон, Паҳлавон



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Чӣ хел одамонро мо қалбан зебо мегӯем?
2. Агар инсон сарватманд, зебо, хушқад бошад, ӯро инсони самимӣ, марди хирадманд номидан мумкин аст? Ҷавобҳои худро асоснок намоед.
3. Ҳикояи зеринро хонед ва дар бораи зебоии зоҳирӣ ва ботинӣ фикр ронед.

**ДУ ХИЗМАТКОРИ ПОДШОҲ**

Подшоҳ ду хизматкор доштааст. Яке хеле зебо ва дигарӣ баръакси ӯ буд. Рӯзе подшоҳ ҳардуро бо мақсади озмудан ба назди худ даъват кард ва ба ғуломи зебои худ гуфт:

– Дар бораи ҳамроҳи худ чӣ мегуӣ ?

– Феъли ӯ хеле бад аст. Боварбахш не. Аз дасташ разилиҳои гуногун омаданаш мумкин, – гуфт.

Подшоҳ хизматгори дигарашро даъват карду гуфт:

– Дар бораи ҳамроҳат чӣ мегуӣ?

– Подшоҳам! Ман дар бораи дӯстам, ба гуфтани сухани бад қодир нестам. Ман аз ӯ танҳо некӣ дидам, – гуфтааст ӯ.

Подшоҳ боз пурсидааст:

– Вай дар бораи ту фикри бад дорад, ту ба ин чӣ мегуйӣ?

– Подшоҳам! Ягон банда бе айб намешавад. Ман камбудиҳои худро ба гардан мегирам.

Сипас, подшоҳ ғуломи бадкирдорро даъват намуд ва ба ӯ чунин гуфт:

– Қалби ту тоза набудааст. Ту ба ман кӯмак карда наметавонӣ. Аз наздам бирав!

Подшоҳ ба ғуломи дигараш нигариста гуфтааст:

– Қалбат тоза будааст. Ту шахси бовариноки ман ҳастӣ.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Ниёз Ҳоҷӣ, Абдулло Авлонӣ, Ҳамза Ҳакимзода, Абдулло Қодирӣ барин ҳамватанони мо тамоми ҳаёти худро бахшиданд ва ҳиссаи худро гузоштанд.

Баъди соҳибистиқлол шудани кишвари мо барои барқарор шудани маърифат ва тараққиёт имкониятҳои васеъ офарида шуд.

Пойдории маънавият ва маърифат дар чӣ ифода меёбад? Маънавият бо ҷараёнҳои маънавию маърифии шаҳрвандон алоқаи зич дорад. Маънавияти инсон ба донишҳое, ки ӯ аз худ мекунад, таҷрибаҳои амалӣ ва камолоти эҷодии ӯ вобаста аст.

Инсони бомаънавият барои дар ҷамъияти озод зистан манфиатдор буда, барои ба ҷамъият нафъ расонидан, дар ҷомеа ба мақоми обрӯманд соҳиб шудан ҷонфидоӣ мекунад. Танҳо шахсе, ки дорои маърифати ҳақиқӣ аст, ба чунин корҳо қодир аст. Инсоне, ки дониши ҳаётӣ надорад ва соҳибтаҷриба нест, ба ҷомеа нафъ расонида наметавонад. Маънавияти инсон маърифатнокии онро таъмин мекунад. Ҳар як шахс дар роҳи маърифат бо иқтидор, истеъдод, қобилият ва ҷустуҷӯҳои худ ба як дараҷаи маълум соҳиб хоҳад шуд.

Ҷомеаро бе одамони маърифатнок тасаввур карда намешавад. Аз он сабаб, ки дар ибораи «инсони бомаърифат» калимаи «ориф» низ вуҷуд дорад, ин мафҳумро на танҳо дар таълим, балки нисбат ба одамони боодобе, ки илмҳои гуногунро соҳиб шуда, меъёрҳои ахлоқиро аз худ кардаанд, низ истифода бурдан мумкин аст.

Дар бахту камолоти насли наврас, ҳаёти осоишта ва фаровони онҳо китоб мавқеи муҳим дорад. Бинобар ин, китоби хуб дар инсон муҳаббат ба Ватан, ҳиссиёт ба арзишҳои миллӣ ва умумибашариро баланд бардошта, ба хубӣ ва некӣ равона мекунад. Ба туфайли истиқлолият дар асоси баландшавии маънавият халқ рӯз ба рӯз ба китобхонӣ рағбат пайдо карда, ба сифати китобхони бомаърифат ташаккул ёфта истодааст.

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Ҳикмати зеринро хонед, мафҳуми «манбаи маънавият» дар ҳаёти Шумо чӣ аҳамият дорад?

2. Шумо чӣ гуна китобҳоро хондаед? Мутолиа намудани китоб ба Шумо чӣ хел шавқ мебахшад?

*Китоб – манбаи дониш, маънавият ва маърифат аст. Он қувваест, ки инсонро бузург мекунад, дар ӯ асосҳои маърифатро ташаккул дода, ӯро ҳамчун шахси комил тарбия менамояд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Шоир ва мутафаккири бузург Алишер Навоӣ навиштааст: «Китоб устоди беминнат, манбаи асосии дониш, пешравӣ ва баланд бардоштани маънавият аст». Байни халқ оид ба китоб, дониш ва таълиму тарбияи муносиб гирифтан, шуғл намудан ба илму фан ва аҳамияти омӯхтани касбу ҳунар мақолҳои зиёде вуҷуд дорад. Аз ҷумла, «Ақл бе китоб чун парандаест бебол», «Нишони бахт – дониш», «Дониш чароғи ақл аст», «Зебоӣ дар илму маърифат аст», «Илм бахт меорад, дониш тахт», «Ҳунар – чашмаи равон, илм – чароғи тобон», «Тилло нагир, дониш бигир, дониш гирӣ, дониста гир». Сифатҳои ахлоқии инсони бомаърифат, аз мутолиа кардани китоб ва аз он гирифтани шавқу завқ, фазилатҳои арзишманде, ки аз китоб гирифтааст, дар ҳаёт ва фаъолияти худ истифода бурда тавонистани он муайян карда мешавад.

Солҳои истиқлол дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ барои муассисаҳои таълимии мамлакатамон навиштани адабиётҳои омӯзишӣ ва низоми мустаҳками ба талабагон расондани он офарида шуд. Оиди тезонидани мутолиаи китоб, маърифатнок кардани шаҳрвандон, хусусан ҷавонон ҳуҷҷатҳои қонунӣ офарида шуданд. Мутолиаи китоб яке аз меъёрҳои асосии худшиносӣ ва худогоҳӣ буда, ба воситаи ӯ ҷавонони мо худро аз ба ҳолатҳои манфии ба ном «маданияти оммавӣ» афтида мондан, эҳтиёт менамоянд.

**Сабақҳои дарс.** Инсони бомаърифат ба меҳнати ҳалолаш сарват меофарад, ҷӯянда, боинсоф, тадбиркор, бо дарди халқу кишвар малҳам шуда, ба ватанпарвари ҳақиқӣ табдил меёбад. Мамлакат ва ҷомеае, ки чунин шаҳрвандон дорад, маънавияти ӯ низ ба қуллаҳои баланд мебарояд. Барои ба чунин дараҷа соҳиб шудан китобҳои зиёдро мутолиа кардан лозим.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Илми инсони бомаърифат дар чист?
2. Оё инсон танҳо соҳиби ҳунар, вале бе дониш шахси маърифатнок шуда метавонад?
3. Барои инсони комил шудан дар одамон бояд кадом сифатҳо ташаккул ёбанд?

## ЧИСТОН

Ӯ фарзанд ба дунё наовардааст, вале чун падару модар боқадр ва муътабар аст. Кист ӯ?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 13 Нафосат (эстетика) ва маънавият







## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мавқеи нафосат дар ҳаётй инсон чӣ гуна аст?
2. Калимаи «бонафосат»-ро нисбат ба чӣ гуна одамон истифода мебарем?
3. Шумо зебоиро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Оё Шумо шунидаед, ки нисбат ба ягон чизи аз тарафи тадбиркорон, ҳунармандони миллӣ офаридашуда ибораи бонафосат истифода шудааст?
5. Нафосат ва маънавият чӣ вобастагӣ доранд?
6. Суратҳои мазкурро ба мафҳуми нафосат вобаста намоед.

Муомила, нутқ, ақл, либоспӯшии инсонҳо аз назокат ва диди баланди онҳо дарак медиҳад. Аз ин лиҳоз, ақл, намуди зоҳирӣ, нутқро дар якҷоягӣ бо фазилатҳои арзишманди инсон нафосат меноманд.

Нафосат (арабӣ—аҳамият, чизи гаронбаҳо, сарват) – як намуди зебоӣ буда, намуди зоҳирии (шакл, ранг) чизҳо, мукаммалӣ, таносуби алоҳидаро ифода мекунад. Маданияти нафосат, ки ба инсон хос аст, ба нақши ӯ дар ҷомеа, муносибатҳои он бо дигарон, аз худ намудани мероси моддӣ ва фарҳангӣ вобаста аст.

Барои зебо шудани инсон, на танҳо намуди зоҳирӣ, балки олами ботинӣ, фазилатҳои маънавию ахлоқии он низ нақши муҳим дорад. Нафосат на танҳо як тарзи фикрронии инсон ва меҳнат, балки маҳсули дараҷаи дониши ӯ аст. Дар инсон ҳама чиз бояд зебо бошад. Фикр-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рonии инсони бомаънавият ва саводнокии нутқи ӯ низ зебо мешавад. Ин дар муошироти ӯ бештар дида мешавад. Фарҳанги мулоқоти ҳар як шахс омилест, ки муносибати байниҳамдигариро муайян мекунад. Фарҳанги мулоқоти инсон дар сӯҳбатҳои байни худ зебоиест, ки дар он сифатҳои маънавӣ ва ахлоқӣ акси худро меёбад. Дар мулоқотҳои мутақобила меёрҳои ахлоқӣ ба монанди хушфеълӣ, хушмуомилагӣ, ширинсуханӣ, дили кушод ифодаи худро ёфтаанд.

Дар рафтори одамоне, ки маданияти баланд доранд, ҳаё, андеша, хушмуомилагӣ ва ибо ба чашм мерасад. Муошират яке аз хусусиятҳои муҳими фарҳанг низ ҳаст.

Одамони хирадманд мегӯянд, ки ҳама чиз бояд дар инсон зебо бошад: чеҳраи ӯ, либоси ӯ, дил ва ақидаи ӯ. Ин маънои онро дорад, ки нафосат зебоии зоҳирӣ ва зебоии ботиниро, дар якҷоягӣ дар худ муҷассам мекунад.

Муомила – барои инсон эҳтиёҷ ва зарурат аст. Фарҳанги муошират қадру қимату иззати дигаронро ба ҷояш мондан барин иҷрои талаботҳои анъанавии этикӣ ва меъёриро тақозо менамояд. Сухан рондан ва шунида тавонистан, ҷиҳатҳои муҳими маданияти мулоқотро ташкил мекунад. Санъати сухан асоси маънавият ва маърифати инсон аст. Санъати сухан ҳам бо адабиёт, эҷодиёти шифоҳии халқ ва ба ҳамаи хелҳои санъат вобастагӣ дорад.



## ДОНИСТА ГИРЕД

Одоб – таълим – одамият ҳамчун воситаи тарбия, ҳамдигарро мантиқан пуркунанда, маҷмӯаи фазилатҳо шуморида мешавад. Онҳое, ки аз чунин фазилатҳо баҳраманд шудаанд, тоифаи инсонҳои хубро ташкил медиҳанд. Табиӣ аст, ки чунин одамон хазинаи хислатҳои зебо буда, аз қалби онҳо ҳамеша чашмаи меҳр ва ибрат фаввора мезанад. Зеро одоби зебо – ифодаи қалби зебост.



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Ба хотир биёред, қаҳрамони асосии асари машҳури Даниэл Дефо «Робинзон Крузо» Робинзон дар ҷазирае, ки ҳеҷ кас зиндагӣ намекунад, чанд сол дар танҳоӣ зиндагӣ кардааст?
2. Дар танҳоӣ зиндагӣ ба сар бурдани Робинзон, ба сифатҳои инсонии ӯ чӣ қадар таъсир расонидааст?
3. Қаҳрамони асосии асари «Робинзон Крузо» бо нафосат чӣ вобастагӣ дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Мо таърихи бузурге дорем, ки ба ҳавас кардан меарзад. Аҷдоди бузурге дорем, ки ба ҳавас кардан меарзанд. Сарватҳое дорем, ки ба ҳавас кардан меарзад. Ман боварӣ дорам, ки агар насиб кунад, оянлаи бузург, адабиёт ва санъати бузург ҳам албатта, мешавад, ки ба ҳавас кардан меарзад».

**Шавкат Мирзиёев**

Феълу атвори одамони ширинсухан тоза, беғубор мешаванд. Сухани хуб дар атрофи худ одамони хубро ҷамъ мекунад. Қуллаҳои аз ҳама баланди илм аз омӯхтани маданияти сухан оғоз меёбад. Сухани хуб одамонро ба ҳамдигар наздик мекунад, ба ваҳдат даъват менамояд. Санъати нотиқии инсон қисми ҷудонашавандаи маънавият буда, маъноҳои нутқ кардан, суханвар шуданро ифода мекунад. Санъати нотиқӣ зебосуханӣ, маҳорати сухандонии одамонро мефаҳмонад.

Таъсири нафосат ба маънавияти инсон, ба ҷаҳонбинии ҷавонон ба воситаи тафаккур намоён мешавад. Барои мисол инсон мехоҳад, ки ҳама чизу ҳодисаҳое, ки атрофи ӯро фаро гирифтааст, зебо бошад. Соате, ки мо дар даст баста гаштем, либосе, ки мо пӯшидаем, мошине, ки мо ронда истодаем, самолёте, ки бо он парвоз мекунем, хонае, ки мо зист дорем – дар ҳамаи онҳо накши ба худ хоси нафосат вуҷуд дорад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Нафосатро Шумо чӣ хел мефаҳмед? Ҷадвалро идома диҳед. Ҳар як мафҳумро ба нафосат вобаста намуда тавсиф диҳед.

| Нафосат | Тавсифи нафосат |
|---|---|
| санъати сухан | |
| оростагӣ | |
| намуди зоҳирӣ | |
| маданияти либоспӯшӣ | |
| устоди сухан | |
| дӯзандаи моҳир | |
| ҳунарманди моҳир | |
| ...моҳир | |
| | |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Рӯзҳои истироҳат бо волидайн ё ягон хешу таборатон ба театр рафтед. Дар театр дар бораи оила спектакл намоиш дода истодаанд. Толори тамошобинон пур аст. Ҳама хурсанд нишастаанд. Актёрон, нақшҳои худро дар ин спектакл чунон бомаҳорат иҷро карда истодаанд, ки воқеа гӯё дар ҳақиқат – дар назди чашмони Шумо воқеъ мегардад.

Сурудҳои кӯтоҳҳаҷме, ки дар саҳна сароида истодаанд, чунон садо медиҳанд, ки ин суруд ба шумо таъсир бахшида, беихтиёр аз чашмонатон ашк ҷорӣ мешавад. Актёроне, ки ролҳои худро иҷро намудаанд, дар охири спектакл ба тамошобиноне, ки ба театр ташриф овардаанд, таъзим ба ҷо меоваранд. Дар ин ҷо якҷояшавии маънавият ва нафосатро на танҳо ҳис мекунед, балки бо чашмони худ мебинед.

Худшиносии инсонҳо, мероси маданӣ, санъат, асарҳои бадеӣ, донистани мероси маънавӣ ва қадр намудани халқи худ, меҳнати ҳалол кардан, қувва ва кӯшиш, дониши худро дар роҳи ватан сафарбар намудан аз ташаккул ёфтани нафосати маънавӣ далолат медиҳад. Инсони бомаънавият нафосатро қадр мекунад. Чӣ хеле, ки алломаҳо мегӯянд – зебоӣ оламро наҷот медиҳад.

**Сабақҳои дарс.** Чӣ қадаре, ки инсон нафосати маънавии худро такмил диҳад, маънавияти ҷомеа ҳамон қадар ғанӣ мешавад. Нафосат сутуне ҳисобида мешавад, ки ҷиҳатҳои нозуки олами ботинӣ ва зоҳирии инсонро дар худ таҷассум менамояд.

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Дар бораи вобастагии нафосат ва санъат фикр баён кунед.
2. «Маданияти оммавӣ» ба нафосат чӣ таъсир дорад?
3. Маънавияти инсони бонафосат дар кадом дараҷа аст ? Ақидаҳои худро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Пиру барно ба он муҳтоҷ аст. Он чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 14 Нақши имиҷ дар ташаккул ёфтани маънавияти инсон











### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Оё Шумо дар мулоқот бо дӯстон мафҳуми «имиҷ»-ро истифода мебаред?
2. Вақте ки имиҷи шахс, имиҷи ташкилот, имиҷи талаба мегӯянд, чиро мефаҳмед? Кадом қиёфаҳо ба назар меояд?
3. Маҳсулоти брендҳои машҳурро ба назар оред. Чаро аломатҳои ин маҳсулот дигаргун намешавад?

Имиҷ (анг. image — қиёфа, тасвир) — ин қиёфаест, ки дар шуури одамон нисбат ба ягон шахс, ташкилоти муайян, ё худ дигар объекти иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ дар бораи объект ҳаҷми калони ахборро, ки ҳиссаи оро дода шудааст нигоҳ медорад ва ба кӯшишҳои муайяни иҷтимоӣ такон медиҳад. Имиҷ ба соҳиби худ ахбор медиҳад, тез дигаргун мешавад, ба шуур, ҳиссиётҳо, фаъолият ва кӯшишҳои одамон таъсир мерасонад.

Имиҷ ба руҳияи одамон низ таъсир мерасонад. Имиҷи дуруст интихоб карда шуда боварии шахсро ба худ зиёд мекунад. Одамон ба воситаи имиҷ ба худ эътиборро ҷалб намудан, муносибатҳои хайрихоҳона пайдо кардан, мулозимат нишон доданашон мумкин.

Имиҷ барои нишон додани бахтарин сифатҳои инсон ёрдам медиҳад. Хусусиятҳои манфии шахсии ин-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

сонро махфӣ нигоҳ медорад. Масалан, ба воситаи пардоз, андоза ва ороишоти либос, қабзаи мӯӣ ва ғайраҳо аз нуқсонҳои дар инсонҳо мавҷуда эътибори дигаронро фиреб додан мумкин. Имиҷи ҷозибанок эътибори одамонро беихтиёр ба худ ҷалб мекунад, ба дигарон таассуроти хуб мегузорад.

Дресс-код чист? Вазифаи либос фақат аз хунукӣ, борон ҳимоя кардани инсонҳо не, балки воситаи ба худ ҷуд ҷалб кардани эътибор низ мебошад. Талаби ягона ба тарзи либоспӯшӣ барои устувор кардани муносибати мусбӣ, ба вуҷуд омадани ҳисси мансубӣ ба ривоҷи он нисбат ба маданияти муассиса, ташкилот, рӯҳияи



## ДОНИСТА ГИРЕД

**Қоидаи 1-уми тиллоӣ!**
Духтарон ё ҷавонони мо қатъи назар, аз чӣ хел либос пӯшиданашон, аз он қоидаҳои ахлоқу одоби нонавишта, вале қарнҳо вуҷуд дошта набояд берун раванд.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Мақолро хонед. Мазмуни онро ба фаъолияти байни шахсии имиҷ вобаста намуда фаҳмонед.

*Ба либосатон нигоҳ намуда пешвоз мегиранд, ба муомилаатон нигоҳ карда гусел мекунанд.*

2. Чараёни зеринро хонед ва ба он муносибати худро баён намоед.

*Расулҷон аз долоне, ки ба роҳи калон наздик буд, ба мактаб мерафт, чашмаш ба рекламаи баннере, ки дар чорраҳа буд, афтид. Дар баннер рекламаи пардаҳои зебову шинам барои хонаҳо дода шуда будааст. Тасвири зане, ки пардаҳоро нишон медод, диққати Расулҷонро ба худ кашид. Зани дар сурат буда футболка ва шим пӯшида буд. Расулҷон суханҳои устодашро аз дарсҳои «Асосҳои маънавият» ва «Адабиёт» оид ба либосҳои миллии занон ба хотир овард. «Агар ин зан бо либосҳои муосири миллӣ акс меёфт, чӣ қадар тасвири зебо мешуд, эҳ, барои дигаргун намудани ин расм ман илоҷ медоштам», гуфту ба роҳаш давом дод.*

3. Чӣ фикр доред? Расулҷон оё ба дигаргун намудани сурати дар рекламаи баннер буда ҳиссаи худро гузошта метавонад? Шаҳрванди фаъол будани ӯро чӣ хел эзоҳ медиҳед?
4. Ба имиҷи ташкилоте, ки парда истеҳсол мекунад, ба рекламаи баннери мазкур ин ҳолат чӣ хел таъсир мерасонад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ягонаи муассиса имкон медиҳад. Либос бо хушдӯхтӣ, сифатнокӣ ва орастагии худ бояд фарқ кунад.

Тартиби либоспӯшӣ ва ихчамии он дар аксар ҳолат, яке аз омилҳои муҳим мебошад, ки мавқеи одамонро дар кор, таълим, ҷомеа муайян менамояд. Либоси аъзоёни фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд чӣ гуна бошад:

**Дарозии шим:**

- шим бояд аз пеш болои пойафзор истад, аз қафо ба пошна расад;
- хатҳои шим бояд хуб дарзмол шуда бошанд;
- камаре, ки ба шим гузаронида мешавад, оддӣ буда, диққати дигаронро ҷалб накунад.

**Намуди курта:**

- курта дар миён ҷамъ нашавад, аз зери камар низ берун набарояд;
- ранги курта нисбат ба костюм равшан бояд бошад.

**Гиребони либос:**

- бояд ба андозаи муайян мувофиқ бошад;
- бояд ғиҷим набошад ва бо гиреҳи гарданбанд як чизи томро нишон дода тавонад;
- хатҳои куртаҳои сафед гулҳои ранга буданаш мумкин, вале аз даруни костюм куртаҳои гулҳои калон-калон доштаро бояд напӯшанд.

**Бастани галстук:**

- ба кастюм мувофиқ бошад;
- ҳар гуна галстук ба чашм тез нарасад;
- ранги асосии галстук ба ранги костюм мувофиқ бошад, афзалтар аст;
- гиреҳи галстук ба гиребони курта мувофиқ ояд.

**Пойафзор:**

- пойафзор диққати атрофиёнро набояд ҷалб кунад ва соҳибашро нороҳат насозад;

**ДОНИСТА ГИРЕД**

**Қоидаи 2-юми тиллоӣ!**

Дар бинои мактаб ё худ дар чойҳои ҷамъиятӣ чун музей, чойҳои таърихӣ, ҷашнҳои миллӣ бо шимҳои ҷинс, майка ва футболка, куртаҳои шаффоф, либосҳои варзишӣ, шимҳои дарида ва куртаҳо иштирок кардан мумкин нест.

Имиҷ ду хел мешавад. Инҳо:

— корпоративӣ – (ташкилот, фирма, корхона, муассиса, ҳизби сиёсӣ, ташкилоти ҷамоатӣ ва ғ.)

— индивидуалӣ

— сиёсатмадор, бизнесмен, артист, роҳбар ва дигар тоифаҳои маълум ва имиҷи шахсони алоҳидаи касбҳои гуногун.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

- ранги пойафзор одатан сиёҳ аст;
- бо пойафзорҳои сиёҳ ва рангаш баланд, одатан ҷуроби сафед намепӯшанд.





## БАРОИ МУЛОҲИЗА

*Салони автобус бо одамон пур аст... Мусофирон ба хаёлҳои худ дода шудаанд. Манзил хеле дур аст. Дар байн ҷавони хушқомате, ки либосҳои ба худ зебанда дорад, галстукаш ба куртаи сафедаш хеле зебидааст, бо хаёлҳои худ банд аст. Ҷавондухтаре дар яке аз курсиҳо нишаста, ӯро мушоҳида мекард.*

*«Ин ҷавони барно, чӣ қадар маданӣ, хушқомат аст. Ёри касе бошад ҳам, маҳбубааш хушбахт будааст». Бо ин хаёлҳо, ҷавондухтар ин объекти муҳимро мушоҳида мекард...*

*Дар истгоҳи навбатӣ автобус мусофиронро фароварда, боз ба сӯи манзил шитофт. Ногаҳон «қаҳрамон» аз оинаи автобус сарашро бароварда, чунон туф кард, ки руҳияи мусофирон гашт. Ин ҳолат чанд маротиба такрор шуд. Аз чунин ҳолати ногаҳонӣ табъи духтар хира шуд. Ин ҷавони паҳлавонсифат, дар як он назди ӯ ба як шахси беорият ва беҳаё мубаддал гардид.*

*Бале, ҳазор афсӯс, ки дар баъзе ҳолатҳо фарқи байни зебоии зоҳирӣ ва олами ботинӣ чун фосилаи байни осмону замин аст ...*

1. Шумо ба ин вазъият чӣ гуна баҳо медиҳед?
2. Ин ҷараён ба имиҷ чӣ алоқамандӣ дорад?
3. Маънавияти ин «қаҳрамон» то кадом дараҷа инкишоф ёфтааст? Фикратонро асоснок кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Либосҳои корӣ барои занон: юбка, костюм ё курта ва костюм. Юбка бояд дарозу кӯтоҳ нашуда, беҳтар аст аз зону паст бошад. Кисаҳо бояд сода ва озод шавад. Кисаҳо пур набошанд.

Бояд пеши пойафзор пӯшида бошад. Бастаҳои мӯйҳо бояд мураккаб набуда, вале хуб печонида шуда, ранги мӯй табиӣ бошад. Пардозу андоз аз ҳад зиёд нашуда, нохунҳо рангу бор карда нашавад.

Ба гардан партофтани руймол ё шарф мақбул ҳисобида мешавад. Либоси интихобкарда ба фасл ва муҳит мувофиқ бошад. Ин сирри латофати занон ҳам ҳаст. Буйи хушбӯйи атр зебоии ботинӣ ва зоҳириро васл мекунад.

Баъзе одамон шояд хушрӯй набошанд, аммо агар онҳо дорои фазилатҳои маънавӣ бошанд, диққати дигаронро ҷалб менамоянд. Шахсони корчаллон бояд хушмуомила, дилкушод буда, вақте, ки ба дигарон суҳбат мекунанд, фикрҳои худро ба тарзи озод ифода карда тавонанд. Одамоне, ки соҳиби қобилияти олами дигаронро эҳсос мекунад, ӯро мефаҳмад, ҳалли гиреҳи музокираҳои дар пеш истодаро тасаввур мекунад ё руҳияи ҳамсуҳбати худро дониста, мавзӯъро дигар карда метавонад, танҳо амалӣ кардани мақсадҳои арзишманд сабабгор мешавад, ки пеши роҳи корҳои бад гирифта шавад.

**Сабақҳои дарс.** Имиҷи инсон ҷаҳонбинӣ ва оинаи маънавиёти ӯ мебошад. Маънавиёт меъёри ҷаҳонбинии инсон аст.

## САВОЛҲОИ БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Имиҷ ба маънавияти инсон чӣ хел таъсир мерасонад?
2. Имиҷи хонандаи муассисаи таълимӣ чӣ тавр бояд бошад ?
3. Имиҷ дар рушди як ташкилот чӣ нақш мебозад?
4. Шумо барои имиҷи худро офаридан асосан ба чиҳо эътибор медиҳед?

## ЧИСТОН

Либос дорад, вале «бараҳна». ... Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 15 Нақши этикет дар маънавияти инсон

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Ба мафҳуми «этикет» таъриф диҳед. Вақте ки этикет мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед? Этикетро барои чӣ меомӯзанд?
2. Дар қоидаҳои одобу ахлоқ кадом фарқиятҳо, ҷиҳатҳои монанди этикет вуҷуд дорад?
3. Оё тартибу қоидаҳоеро, ки ҷомеа қабул кардааст, қоидаҳои тиллоӣ номидан мумкин аст? Андешаҳои худро асоснок намоед.

Этикет (франс. *etiquette* — тартибу қоидаҳое, ки дар ҷои муайян муқаррар карда шудаанд) — қисми асосии ҷомеаи инсонӣ ва фарҳангӣ буда, натиҷаи дар давоми қарнҳо якҷоя ташаккул ёфтани маҷмӯи меъёрҳои эстетикӣ аст.

Этикет муносибати самимии инсон ба дигарон, сатҳи маънавӣ ва фарҳангии ӯ, меъёрҳои ахлоқие, ки ба сӯи тарбия мебарандро дар бар мегирад.

Дар ҳар як инсон этикет хусусиятҳои инкишофӣ дорад ва ӯ дар ҳар кас дар дараҷаи гуногун ташаккул меёбад. Он дар муносибатҳои инсонӣ, тарзи худро нигоҳ дошта тавонистан, ба қонуну қоидаҳои одобу ахлоқ то кадом дараҷа амал карданашро муайян мекунад.

Муомила воситаи аз ҳама муҳими муошират аст. Дар он қоидаҳои умум эътирофкарда мавҷуданд. Сухани ҳамсуҳбатро набурида шунидан, натанҳо аломати эҳтиром, балки зиннати инсон мебошад.

Этикет қоидаҳои тиллоӣ дорад ва мо дар бораи онҳо сухан меронем.

Салом кардан – яке аз арзишҳои маънавии мо мебошад, ки меҳру муҳаббат, қадру қимат барин мазмун ва маънои амиқи забонамонро дар худ муҷассам мекунад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар одоб ба шартҳои муайяни он амал кардан муҳим аст. Ҳангоми муомила бо ҳар нафар бояд чӣ гуна будани синну сол ва обрӯву эътибори ӯ нисбати ту ба инобат гирифта шавад. Обрӯйи дигарон нисбат ба ту паст ё баланд бошад ҳам, бо онҳо дар муомилаи нек будан лозим. Онҳо дигар хел кор баранд ҳам, ту бо ҳисоб бояд кор кунӣ. Ҷавоби ин гуна корро дар рӯзи қиёмат хоҳӣ дид. Умуман, ба ҳама муомилаи хуб кардан воҷиб аст.

**«Хамса»**

Салом намудан — ба моҳияти эътибораш одати хайрихоҳӣ, меҳрубонӣ ва эҳтиромро нишон медиҳад. Салом яке аз фазилатҳоест, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо истифода мешавад ва аз одамон хушмуомилагиро талаб менамояд.

Вақте, ки Шумо ба дигарон мулоқот мекунед, фикратонро ба дигар чизҳо овора накунед. Дар вақти шунидани ҳамсуҳбати худ суханҳои гуфта истодаи ӯро бо маънои тасдиқ сар ҷунбонида, бо ибора ва калимаҳои маънои тасдиқро доштаи «дар ҳақиқат», «дуруст», «ман розиям» ва «хуб таъриф намудед» дастгирӣ кунед.

Дар мусоҳиба баъзан якчанд шахс ширкат мекунад. Дар ин ҳолат мавзӯи суҳбат бояд барои ҳамаи одамон шавқовар бошад. Барои ҳамсуҳбатон мавзӯъҳои тамоман ношинос – хондан, муассиса, моҷароҳои корӣ, норасоиҳо ва низоъҳо дар оила на он қадар шавқовар аст. Дар мулоқот ва муомилаҳое, ки бо шабакаҳои телефонӣ мешавад, ба меъёри маданияти муомила низ бояд риоя кард. Мувофиқи этикети муосир, бо телефон гап задан низ тартибу қоидаҳои худро доранд. Онҳо асосан, инҳо мебошанд:

- мулоқот кӯтоҳ, лӯнда, бо мақсади мушаххас равона карда шуда бошад;
- ба шахсе, ки саҳван занг задааст, бо муомилаи хуш ҷавоб гардонида мешавад;
- «узр», «илтимос», «ташаккур», «миннатдорам» барин ибораҳои мулоимро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Либос – яке аз аломатҳои асосии маданиятнокии инсон мебошад.

Маданияти либоспӯшӣ – қиёфаи зоҳирӣ, олами маънавӣ, диди эстетикии инсон буда, мафҳуми сифатҳои ахлоқӣ ва салоҳияти ақлии ӯро ифода менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Маданияти либоспӯшӣ, яке аз меросҳои маънавиест, ки аз аҷдоди гузаштаи мо мерос монда, бо дид, фаросат, ҳаё барин фазилатҳои инсонӣ вобаста аст. Пӯшидани либос андешаҳои инсонро дар боран зебоӣ, нафосат, назокат, одоб ифода мекунад. Дар баъзе халқҳо чунин мақол ҳаст: «Ба либосаш нигоҳ карда пешвоз мегиранд, ба ақлаш нигоҳ карда гусел мекунанд».

**Сабақҳои дарс.** Этикет – оинаест, ки сатҳи оламы ботинию маънавӣ ва савияи зоҳирии инсонро акс менамояд. Зотан шахси диди нозук ва маънавияти баланд дошта тамоми фазилатҳои маънавию ахлоқиро дар худ таҷассум карда метавонад.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Шумо чӣ фикр доред, кӣ бояд пеш салом диҳад?
2. Ба вазъияти мазкур ақидаи худро баён намоед. Ба Шумо чӣ гуна салом додан маъқул аст?

*Хонандаи синфи 10, ки Ф. ном дорад, аз хона домон (юбка)-и аз зонуяш паст ва кофта пӯшида баромад. Ф ба лифти ҳамсоя даромада домонашро ба домони 30-40 см кӯтоҳ, кофтаи хеле тангу матояш нафис ва сафед иваз намуда, мӯяшро парешон намуда баромада рафт. Вақти ба хона баргаштан боз ба ҳолати пешина баргашт.*

*Аз байни ҳамсояҳо як зани бузургсол ин ҳолатро дида буд. Ӯ Ф.-ро танбеҳ доданӣ шуд. Ҷавобан ба ин Ф. «Кори Шумо чӣ?!» – гӯён муомилаи дағал кард.*

Нисбат ба ин ҳолат ақидаи Шумо чӣ гуна аст?

1. Матни мазкурро хонед ва дар бораи либосҳои миллӣ фикри худро шарҳ диҳед.

*Аз таърихи инсоният маълум аст, ки либосҳои миллӣ инъикосгари фарҳанг ва маънавияти миллатҳост. Дар ташаккули ҳар як миллат мавқеи ҷуғрофӣ ва тарзи ҳаёти иҷтимоӣ нақши алоҳида дорад. Рушди ҷомеа, дар раванди ҷаҳонишавӣ низ ба ташаккулёбии либосҳо таъсири худро мерасонад.*

## ЧИСТОН

Аз худ гурехтан ғайриимкон аст. Ин чӣ аст?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Синфи 10-умро ҷамъбаст менамоем!

Донишомӯзони азиз! Дар давоми соли хониши мазкур мо машғулиятҳоеро, ки аз фанни «Асосҳои маънавият» омӯхтем, ба охир мерасонем.

Шумо дар соли хониши гузашта фазилатҳои маънавӣ-ахлоқиеро, ки ба инсон хос аст ва дар амалӣ кардани онҳо нақши маҳалла ва давлатро ба воситаи, ҳикмату ҳикоятҳо ва ривоятҳои гуногун, маслиҳатҳои алломаҳои бузурги, ки ба инкишофи ҷомеаи мо ҳиссагузорӣ кардаро хондед, омӯхтед ва мушоҳида намудед. Ба мафҳуми маънавият ба воситаи мазмун ва моҳияти онро ба ҳаракат водоркунанда амиқтар дохил шудед. Маънавият арзишест, ки дар ҳаёти инсон ва ҷомеа мавқеи хос дорад. Бидуни он ҳаёти ҷомеа ва инсонро тасаввур кардан мумкин нест. Рушди таърих ва фарҳанг нишон медиҳад, ки танҳо халқ ва миллате, ки фарҳанг ва маънавияти воло дорад, худшиносии худро мефаҳмад ва ба дигарон дар муносибати инсонӣ шуда метавонад.

Маънавият – дар муносибатҳои инсонӣ, худро дошта тавонистан, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва дар назди дигарон кӣ будани худро намоиш дода тавонистан аст. Дар он фазилатҳои меҳру муҳаббат, дарк намудани инсон, онҳоро фаҳмида тавонистан, бахшанда будан, боҳаё будан, ба дигарон хубӣ карда тавонистан муҷассам аст. Аз ҳама муҳимаш, Шумо мафҳумҳои маънавиятро аз тариқи омӯзиши ҳикмату ривоятҳо дарк намуда, ҳаётӣ будани арзишҳои моддӣ, барқарор будани ҳаёти маънавӣ ва моддӣ, таъсири маънавият ба маърифатро барои аз худ кардани бисёр чизҳо мефаҳмед.

Дар баланд бардоштани фазилатҳои инсонӣ таҷрибаи ҳаётӣ ба донишҳои чуқури назариявӣ, ба адабиёту маърифат такя ва барои мустаҳкам намудани эътиқоди маънавии мо хизмат мекунад.

Дар ҷамъият зиста, аз маънавияти вай бебаҳра шуда наметавонем. Пас, ҷамъияти шаҳрвандӣ ҷамъиятест, ки дар он чунин фазилатҳои инсонӣ чун маънавияти воло, таърих ва ҳуқуқ, урфу одат, анъанаҳо ҳурмат карда шуда, содиқ мемонанд, он ҷамъияти ҷавононе аст, ки дар ҷамъияти глобалишавандаи имрӯза бо дониш, маърифат ва маънавияти худ баромад карда метавонанд. Барои ба чунин ҷамъият мувофиқ шуда тавонистан боварӣ дорем, ки он донишҳоеро, ки Шумо аз китоби дарсии мазкур омӯхтед, асос мешаванд ва хизмат мекунанд.

Мавзӯъҳоеро, ки Шумо дар давоми соли хониши гузашта омӯхтед, баъдан ҷамъбаст менамоем. Барои соли хониши оянда ба Шумо мавзӯъҳои нав барои дарки васеи маънавият ва олами маънавӣ кӯмак мерасонад. Барои дар қалбатон қарор ёфтани нафосати маънавӣ муваффақиятҳо орзумандем. Бигузор саъю кӯшиши илмомӯзӣ, завқи баланди китоб хондан дар Шумо ҳеҷ гоҳ хомӯш нагардад!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# СИНФИ 11

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

§ 1

# Инсон – офарандаи ҷамъияти инсонӣ









## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Оё, ҷомеаро бе инсон тасаввур кардан мумкин аст?
2. Мафҳуми инсонро таъриф диҳед.
3. Чаро инсонро офарандаи ҷомеа мегӯянд?
4. Дар расмҳо кадом офарандагони ҷомеа тасвир шудаанд?

Одамон аз дигар мавҷудот бо хотира, тафаккур ва забони худ фарқ мекунанд. Амалҳое, ки фаъолияти инсонро идора мекунад, ба воситаи забон аз аҷдодон ба наслҳои дигар мегузарад. Дар ин ҷомеа одамӣ танҳо бо фарҳанги воло ба қуллаҳо ноил мегардад.

Ҳамчунин дар ҳаёти инсон меҳнат нақши муҳим мебозад. Тавассути меҳнат муҳити табиии зистро беҳтар мекунад, сарватҳои моддӣ ва маънавиро меофарад, худашро дигаргун месозад. Илова бар ин, меҳнат на танҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, балки барои рушди маънавӣ ва фарҳангии инсон низ омили муҳим аст. Инсон ба туфайли меҳнат, бо табиат муносибат мекунад. Меҳнат асоси зебоӣ ва шукуфоӣ, кашфиёту тағйиротҳо мебошад. Меҳнат на танҳо ҷавононро барои имрӯз омода месозад, балки барои ояндаи дурахшонро эҷод кардан даъват менамояд.

Дар бораи инсон то имрӯз дар мамлакатҳои мухталиф тафсир ва талқинҳои гуногун гуфта шудааст.

Назарияҳо дар бораи инсон ва моҳияти он дар Ҳиндустон ва Чини бостонӣ ба вуҷуд омадааст. Дар Ҳин-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дустони қадим дар бораи пайдошавии одам саволҳои «Инсон аз куҷо пайдо шудааст?», «Мо дар куҷо зиндагӣ мекунем?» аз ҷониби олимон пурра омӯхта шуда ва моҳияти иҷтимоӣ-маънавии он таҳлил карда шудааст.

Конфутсийи хитоӣ ба инсон таъриф дода «Донишро илми инсон» номидааст. Инсон ҳамеша метавонад худро дарк намояд ва имконият дорад, ба дараҷаи камолот расад.

Олими олмонӣ Иммануэл Кант инсонро ба мавҷудоти аз ҳама асосӣ баробар мекунад.

Файласуфҳои қадимии юнонӣ бошанд, ба инсон таърифи дигар медиҳанд. Хусусан, Сукрот ва Афлотун барин алломаҳо чунон мешуморанд, ки инсон ҳаёти худро метавонад ба дараҷаи олӣ ба охир расонад.

Ҳамватани мо мутафаккир Абӯнасри Фаробӣ фарқияти инсонро аз дигар махлуқот, дар зеҳну идроки вай медонад. Алломаи дигар Абӯрайҳони Берунӣ инсон аз ҷониби Худо офарида шуданашро нишон дода, ҳамзамон нишон медиҳад, ки тамоми ҳаёти инсон, сохти ҷисмонии вай аз омилҳои ҷуғрофӣ вобаста будааст.

Ба ақидаи алломаи Осиёгӣ Ғаззолӣ, одамизод хилқати бузург буда, дар назди вай хавфу хатарҳои зиёд вуҷуд дорад. Ӯ чунин мешуморад, ки шахсе аз ин мушкилот, хавфу хатарҳо мегузарад, хушбахт аст. Донишмандони бузурги мо ба одамон фаҳмиши маънои ҳаёт, кӯшиш ба донистани моҳияти илоҳии одам, меҳнати ҳалол намудан, ба дигарон бо меҳру мурувват, бо раҳму шафқат буданро таъкид кардаанд.

Дар Мовароуннаҳр олимоне, ки ба давраи эҳё ҳиссаи муносиб гузоштаанд, дар таълимотҳои худ ҳаёти моддӣ ва маънавии инсон ҳамеша бо табиат якҷоя буданашро тафсиф медиҳанд. Муносибати байнии ҳардуи онҳо ба инкишофи одам алоқаманд аст.

Кӯдак аввалин арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар оила меомӯзад. Дар ташаккули шахс, барқарор шу-



**ДОНИСТА ГИРЕД**

Мувофиқи ақидаи олимони инсоншинос, агар донишро 100 фоиз гӯем, 97 фоизи он дар бораи мавҷудот буда, танҳо 3 фоизи донишҳо дар бораи инсон будааст.

**«Фалсафаи инсон»**

«Инсонро оташ не, балки дар ғафлат будани ӯ месӯзонад. Камбудиҳои дигаронро мебинад, аммо ба худаш ҳамчун нобино назар мекунад. Ба дигарон чӣ тавр назар кунӣ, ӯ низ ба ту ҳамон тавр назар мекунад».

**Ҷалолиддини Румӣ**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Зерҷадвалро пур кунед. Хусусиятҳоеро, ки алломаҳои Ғарбу Шарқ дар бораи одам гуфтаанд, ҷустуҷӯ кунед.
2. Сутуни сеюми ҷадвалро бо ақидаҳои худ шарҳ диҳед.

| Дар бораи инсон | | |
|---|---|---|
| **Ақидаҳои алломаҳои Шарқи қадим** | **Ақидаҳои алломаҳои Ғарби қадим** | **Ҷиҳатҳои монандӣ** |
| | | |

дани сифатҳо, нақши муҳити фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ва вазифаҳое, ки ӯ иҷро менамояд, калон аст.

Инсон, ки такягоҳи ҷомеаи демократии имрӯза аст, аз ҳама чиз боло меистад. Мафҳуми «ҳама чиз барои инсон ва манфиатҳои он» чун сифати арзиши олӣ ҳисобида мешавад. Иҷтимоишавии инсон кафолати шукуфоӣ ва суботи ҷомеа мебошад. Инсон дар оғӯши табиат ва ҷомеа чун инсон ташаккул меёбад ва худро намоён мекунад. Илму фан ва техника, ҳамчун омил ва воситаи муҳими ҷавобгӯи эҳтиёҷоти маънавию моддии инсон хизмат мекунанд. Инсон танҳо ба туфайли маънавияти воло ба имкони эҳтиёҷҳои худро дар шаклҳои маданӣ оқилона ва пурра ҳал намудан ноил мегардад.

Худинкишофдиҳии инсон, аъзои фаъоли ҷомеа будан, тақдири миллатро аз ҳама боло гузоштан аз инсонпарварии вай дарак медиҳад. Инсонпарварӣ қисми ҷудонашавандаи рӯҳияи халқ аст. Халқи ӯзбек дар таърихи инсоният, давраҳои зиёди санҷишӣ, ҷангу низоъҳо ноҳақиҳои гуногунро аз сари худ гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, як қатор задухӯрдҳои ваҳшиёна, ҷангу ҷидолҳои беамон, офатҳои табиӣ ва дигар мушкилотҳо доғи миллат шуда натавонист, қоматашро хам накард.

Дар Шарқ фазилатҳои инсонӣ барвақт бедор шудааст. Зеро кишвари мо дар роҳи анъанаҳои беҳтарини фарҳанги Шарқ меҳмоннавозӣ намудааст, касе кӯмак пурсида бошад, дасташро гирифта, таҳаммулпазирӣ намудааст, корҳои савоброҷиҳати одамгарӣ ҳисобидааст. Вақте ки мо инсонпарвари ҳақиқӣ мегӯем, чунин аъзоҳои ҷомеаро мефаҳмем, ки хислатҳои олиро дар худ муҷассам намудаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

*Инсони ҳақиқӣ кист ва ӯ бо кадом хислатҳо зиннат дода шудааст? Инсони ҳақиқӣ – ин зотест, ки адолат, садоқат, тафаккури воло, дину диёнат ва эътиқоди мустаҳкам дошта, аз ҳеҷ кас ёрии худро дареғ намедорад, таҳаммулпазирӣ, олиҷанобӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятнокӣ, бахшандагӣ, амонатдорӣ барин фазилатҳоро дар хулқу атвори худ намоён мекунад.*

*Ӯ ҳамчунин махлуқоти аз ҳама бошуур, пуртоқат, доно буда, доимо қуллаҳои нав ба навро фатҳ менамояд. Муҳимтараш, чунин одамони муътабар дар ҷомеаи мо аксариятро ташкил медиҳанд. Ба онҳо дигарон пайрав шуда, суханони онҳоро мешунаванд ва кӯшиш мекунанд, ки як умр чун онҳо роҳи ҳаёти ибратбахшро тай намоянд.*

**Сабақҳои дарс.** Устувории инсон ин сифатҳои моддию маънавиро дар худ дар як замон намоён карда тавонистан аст. Инсон дар ҷомеа ва давлат соҳиби ҳама имкониятҳо мебошад, танҳо ин имкониятҳоро дар рушди ҷомеа истифода барад, кишвар обод мешавад, зиндагии мардум фаровон хоҳад шуд. Инсон будани инсон низ бо фазилатҳои маънавиро то кадом дараҷа аз худ карданаш чен карда мешавад.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Вақте ки «инсон худаш худашро инкишоф медиҳад», мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед?
2. Барои чӣ ақидаҳо дар бораи фазилатҳои инсонӣ дар Шарқ нисбат ба Ғарб барвақт бедор шудааст? Фикратонро асос намоед.

## ЧИСТОН

Дар кушода, аммо намедароянд. Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 2 Маънавият — қиёфаи миллат









## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Барои чӣ маънавият ба қиёфаи миллат баробар карда мешавад? Ба расмҳои зерин нигоҳ карда фикрҳои худро асоснок намоед.
2. Вақте ки инсон–ҷомеа–давлат ба маънавият такя мекунад, мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед?
3. Маънавият кадом сифатҳои ахлоқиро дар бар мегирад?
4. Шумо имрӯз аз хоб бедор шудеду ҳеҷ чизро ба хотир оварда наметавонед. На номатонро, на оилаатонро, на дар куҷо буданатонро. Чунин инсон дар ҷомеа мавқеи худро ёфта метавонад? Мавқеи ӯ дар ҷомеа чӣ хел аст? Охир инсон бо тафаккури худ, бо салоҳияти худ, дониш ва ақлу идроки худ бо олами маънавӣ қиёфаи миллатро, асоси ҷамъиятро меофарад-ку!

Маънавият маҷмӯи тамоми сифатҳои ахлоқӣ аст. Чунки маънавият дар ҳаёти ҷомеа ақидаҳои ахлоқӣ, динӣ, фарҳангӣ, маърифӣ ва мафкуравиро дар худ муҷассам менамояд. Мафҳум ва фаҳмишҳои таркибашон чуқурро, ки ба фазилатҳои маънавии халқ хос аст, ба дигар забонҳо тарҷума намудан хеле мушкил аст. Ин дар бораи чӣ қадар ғанӣ будани ҳаёти маънавии миллат, мавҷуд будани як қатор хислатҳои миллию этникӣ, ки ба дигар миллатҳо хос нест



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ва дар забонамон калимаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки онҳоро аз дигар забонҳо ёфтан душвор аст.

Маънавият, маърифат, ахлоқ – ин мафҳумҳоро касе фикр карда наёфтааст ва калимаҳои ширинкалому гуворо нест. Ин мафҳумҳо дар давоми қарнҳо ҳамчун ҷаҳонбинии миллату кишварамон, ба сифати асоси ҳаёти маънавӣ ба вуҷуд омадааст. Меъёрҳои ахлоқии маънавият дар тарбия ва камолоти инсон нақши алоҳида дошта, аз шаклҳои арзишҳои воло доштани маънавияти шахси ҷомеа дар ривоҷи тафаккур аҳамияти беҳамто касб менамояд. Масалан, урфу одатҳо, анъанаҳо, маҳбубияти Ватан, халқ ва миллати худро эҳтиром намудан, эъзоз намудани сулҳу ваҳдат, ба кори худ бо масъулият будан, ҳисси ба тақдири Ватани худ дахлдор будан барин фазилатҳои волои маънавӣ ба хуни халқи ӯзбек омехта шудааст.

Меъёрҳои ахлоқии маънавият дар шароити муайян ташаккул меёбад ва дар ҳамин маъно муҳити миллӣ

**ДОНИСТА ГИРЕД**

«Инсони комил — ҳақиқати ҷомеи инсонҳост, яъне, одамии одамиён аст».

**Н. Комилов, «Инсони комил — ояндаи миллат».**

| Хусусиятҳои ба худ хоси маънавият, ки аз тарафи одамон ҷорӣ карда мешавад | |
|---|---|
| **Сифатҳои мусбии маънавият** | **Иллатҳои зидди маънавият** |
| Одоб, инсонпарварӣ, меҳру мурувват, ҳалолӣ, покӣ, ҳақиқатгӯӣ, ватанпарварӣ, эҳтиром ба калонсолон ва иззат ба хурдон, камтарӣ, шарму ҳаё, андеша, орият, ҷасурӣ, саховат, ҳиммат, нармӣ, ростгӯӣ, ҳақиқат, меҳрубонӣ, одилӣ, итоат ба қонун, имон, диёнат, эътиқод, вафодорӣ, инсоф, самимият ва ғайраҳо. | Беҳаёӣ, дуруғгӯӣ, зӯроварӣ, расмиятчигӣ, лоқайдӣ, чашмфиребӣ, беобрӯӣ, сохтакорӣ, такаббурӣ, нописандӣ, маҳалгароӣ, тарсончакӣ, исрофгарӣ, хасисӣ, худтаърифӣ, дағалӣ, сангдилӣ, ба худ аз ҳад зиёд баҳо додан, манманӣ, мансабпарастӣ, мағрурӣ, кӯтоҳандешӣ, бадфеълӣ, худбинӣ, танбалӣ, пораҳӯрӣ, шуҳратпарастӣ ва дигарҳо. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ба инкишофи ӯ кӯмак мерасонад, аъзоёни ҷомеа аз он ба худ сифатҳои заруриро мегиранд. Айнан ҳамин аломатҳо одамонро ба якдигар наздик мекунанд, муштаракиеро, ки дар онҳо вуҷуд дорад, равшан намоён мекунад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ҳикояи зеринро хонед ва онро вобаста ба қиёфаи миллат фаҳмонда диҳед.

*Дар автобус будам. Дар тарафи ақиб духтари оростаи тахминан 17–18-сола, ки дар дасташ сумкаи мактабии хушрӯй дошт, мӯйҳои сарашро ба тарзи хушрӯй печонида, бо телефон гап мезад. Гуфтугӯи ӯ диққати одамонро ба худ ҷалб карда буд.*

*– Ҳа, модар, ман ба Шумо чанд маротиба гуфтам, ки дертар меравам, имрӯз бо дугонаҳоям вомехӯрам ...*

*Ҳамаи мусофироне, ки дар автобус буданд, суханронии ин духтари наврасро бо модараш дар телефон шуниданд. Баъзеҳо аз муомилае, ки ин духтар бо модараш кард, норозӣ шуда сар ҷунбонданд. Ӯ баъди якчанд истгоҳ фаромад.*

*Вақте ки ман аз кор бармегаштам, аз он сабаб ки шом шуд, автобус холитар буд. Дар курсиҳои ақиб боз ҳамон духтаре, ки ба модараш дағалӣ карда буд, бо ду дугонааш аз телефон чизеро тамошо карда, бо овози баланд механдиданд. Чун автобус холӣ буд, ин ҳолат диққати ронандаро ҷалб кард. Баъди 500 метр гаштан, ронанда автобусро якбора манъ кард ва ба назди ҳамон духтарҳо омада: «Оё шарм намекунед духтарони қадрас ба овози баланд дод зада механдед, Шумоён кӯдакони хурд нестед-ку», гуфта боз ба ҷояш баргашт ва роҳашро давом дод.*

2. Шумо оид ба ҳолате, ки дар автобус рӯй дод, чӣ фикр доред? Одами бомаърифат дар ҷойҳои ҷамъиятӣ худро бояд чӣ хел нигоҳ дорад?
3. Оё қиёфаи зоҳирии инсон бо одоби ӯ рост омада метавонад?
4. Фазилатҳои маънавие, ки дар инсон рӯй медиҳанд, ба ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Меъёрҳои ахлоқии маънавиятро бидуни ахлоқ, одоб, инсонпарварӣ, арзишҳо, меҳру мурувват барин фазилатҳо тасаввур карда намешавад. Дар ин маъно фазилатҳои ахлоқии маънавият бо мафҳуми маънавият узван вобаста аст.

Меъёр ва вазифаи асосии маънавият дар шахс ахлоқ ва инсонпарвариро ташаккул додан аст.

Фазилатҳои маънавӣ мисли ташаккулёбии олами маънавии шахс мураккаб, гоҳо бо зиддият мегузарад, он ҳамеша ба як меъёр  чен карда намешавад.

Маънавият – салоҳияти интеллектуалии инсон, халқ, ҷомеа ва давлат, қувваю қудрати маърифии он мебошад.

Онро ба воситаи чунинҳо кушода медиҳем:

- мачмӯи талабот ва қоидаҳое, ки муносибатҳои ичтимоии ҷомеа ва робитаҳои байниҳамдигарии инсонҳоро ба тартиб медарорад;
- системаи арзишҳои маънавие, ки ба ҳаёти халқ ва ҷомеа вобастагӣ дорад, урфу одатҳо, ғояҳои бузург ва мақсадҳо;
- мачмӯи ахлоқ, фарҳанг, маърифат, дин ва ҳодисаҳои маънавие, ки иборат аз системаи таълиму тарбия аст;
- чараёнҳои маънавӣ фаъолияти эчодии такмилдиҳандаи инсон ва дунёи маънавии ӯ;
- мачмӯи фазилатҳои камолоти инсон, хусусиятҳои шахсию ахлоқӣ ва маърифӣ.

Меъёр ва тамоилҳои маънавияти ҷомеаро ташаккул диҳандаро, ба воситаи намунаҳои мероси маънавии алломаҳои бузургамон офарида мефаҳмем. Фазилатҳои ахлоқиеро, ки аз тарафи онҳо офарида шудааст, дар ҳаёти худ татбиқ менамоем. Барои мисол Берунӣ, ал-Хоразмӣ, Ибни Сино, Имом Бухорӣ, ат-Тирмизӣ, Аҳмад

«Хазинаи аз ҳама калони мо ин солоҳияти бузурги интеллектуалӣ ва маънавии халқамон аст».

**Шавкат Мирзиёев**

«Агар зиндагӣ бомавқеъ, боахлоқ ва боадолат набошад, умри хуб гузаронида намешавад. Баръакс умри хуб нагузаронида, бомавқеъ, боахлоқ ва боадолат зиндагӣ карда намешавад».

**Эпикур**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Монанди ҳамаи фазилатҳо худро нигоҳ дошта тавонистан ҳам ба воситаи машқ инкишоф меёбад. Касе, ки дар бузургсолӣ эҳсосоти худро идора кардан хоҳад, бояд аз ҷавонӣ ба ин ноил шавад».

**Т. Спенсер**

Яссавӣ, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва дигар алломаҳои мо инсонҳои дорои маънавияти васеъ ва дараҷаи баланди дониш буданд.

Дигар хел карда гӯем, айнан дар тимсоли онҳо маънавият қиёфаи миллатро акс кунонидааст.

Қувва ва қудрати инсон, халқ, ҷомеа, давлат маънавият аст, гуфтаанд, ки ин ҳақиқат аст. Дар ҷое, ки маънавият набошад, бахту саодат намешавад. На ҷомеа инкишоф меёбад, на меросҳои таърихӣ ҳифз мешаванд, на арзишҳои миллӣ ифодаи худро меёбанд. Мо барои ташаккул ёфтани миллат ба сифати миллат, барқарорӣ ва инкишофи тарзи тафаккури инсонҳо, ба арзишҳои маънавӣ ва фазилатҳои ахлоқӣ такя мекунем.

**Сабақи дарс.** Қиёфаи маънавии миллату халқ кафолати равнақи ҷомеа ва давлат аст. Инсон бидуни қиёфаи маънавӣ худшиносии худро гум мекунад. Барои ӯ на Ватан, на кишвари модарӣ, на деҳаву маҳалла, на оила мавҷуд аст.



## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Ақидаи «Инсоне, ки маънавият надорад, оянда надорад»-ро шарҳ диҳед. Ояндаи инсон ба маънавият чӣ робита дорад?
2. Оё инкишофи ҷамъияти демократиро бе маънавият тасаввур карда мешавад?
3. Камолоти инсон ба туфайли кадом фазилатҳо боло меравад?



## ЧИСТОН

Ба давлат нест, вале ҳамеша дар ҳурмат ва иззат аст. Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 3 Камолоти маънавӣ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Вақте ки камолоти маънавӣ мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед?
2. Салоҳияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, илмӣ, бадеии инсон бо чӣ чен карда мешавад?
3. Оё ҷавононеро, ки дар расмҳои зерин тасвир карда шудаанд, инсонҳои камолёфта гуфта метавонем? Фикрҳои худро асос намоед.



Дар тарбия намудани насли навраси ҷисмонан бақувват, маънан баркамол таъсири маънавият бениҳоят бузург аст. Зеро дар тарбияи ҷавонони баркамол, худшиносии ҷавонон, давлат ва ҷомеа, барои халқ ва оила фарзанди муносиб шудан маънавият чун қувваи беқиёс таъсири худро мегузаронад. Вақте ки таъсири маънавият мегӯянд, айнан бевосита ба инсон таъсири сифатҳои ба маънавият хос фаҳмида мешавад. Ӯ дар замири худ ахлоқу одоб, ҳуқуқ, нафосат, меҳру муҳаббат, фарҳанги муомила, масъулият, ӯҳдадорӣ, оличанобӣ барин фазилатҳоро фаро мегирад.

Мафҳуми таъсири маънавиро ду хел ифода кардан мумкин:

- якум, камолоти ҳар як инсон маҳсули таъсири маънавист;
- дуюм, худи инсон ҳам ба дигарон манбаи таъсири маънавӣ аст.

Чунки ҳар як инсон аз мероси маънавию моддии аз аҷдод монда ғизо гирифта, зери таъсири фазилатҳои нек, дар худ нияти пок, кӯшишҳои софро муҷассам менамояд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Агар як солро дар назар дошта бошӣ, шолӣ кишт кун. Агар 50 солро дар назар дошта бошӣ, дарахт шинон. Агар 100 сол даромад гирифтанро ният кунӣ, фарзанд тарбия кун.

**Ҳикмати хитоӣ**

Ҳангоми муқоиса кардани ҳаёт ва эҷоди авлоди минбаъдаи ҳамин халқе, ки аз пайи ягон аллома ё мутафаккир ба намуди дар доираи як халқи маълуми таъсири маънавӣ рафтааст, инро ҳис кардан душвор намешавад. Барои мисол аҳамияти мероси абадзинда ва асарҳои дурдонаи мутафаккир Алишер Навоӣ ба эҷодиёти Огаҳӣ, Мунис, Муқимӣ, Фуркат, Завқӣ барин даҳҳо шоирҳо, ки баъди ӯ зиста фаъолият нишон додаанд, намоён шудааст. Дар асри нав монанди Чӯлпон, Авлонӣ, Ҳамид Олимҷон, Ғафур Ғулом, Ойбек, Мақсуд Шайхзода барин эҷодкорҳо низ ин анъанаҳоро идома ва инкишоф доданд.

Агар умуман гирем, таъсири маънавӣ – ин ибрати волидайн ба фарзанд аст.

Кишваре, ки халқи маънавиёташ мустаҳкам дорад, ояндааш низ барқарор мешавад. Миллат ва шаҳрванде, ки маънавияти мустаҳкам дорад, дар роҳи худ хато намекунад. Ӯ барои инкишофи ҳаёти ҷамъият, на танҳо бо андешаҳои назарӣ, балки ба фаъолияти амалӣ низ



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

### СУҲБАТИ УСТОД ВА ШОГИРД

*Шогирд пурсид: Фазилатҳои фарзанди оқил дар чӣ намоён мешавад?*

*Устод ҷавоб дод: Фарзанди оқил инсони ҳартарафа камолёфта аст, ки ба Ватанаш босадоқат аст, ба замини модарӣ муҳаббати беҳудуд дорад, соҳиби ғурури миллӣ, донишманди таърихи кишвару халқ, мероси бебаҳо ва хизматҳои аҷдодони бузургашро қадр ва эҳтиёт менамояд, ба кишвар ва халқаш сидқан хизмат мекунад.*

1. Вақте ки фарзанди оқил мегӯем, инсони соҳиби кадом хислатҳо дар назар дошта мешавад?
2. Мероси аҷдодамонро гиромӣ доштан ба кадом намуди фазилатҳо дохил мешавад?
3. Инсони баркамол ғайр аз он сифатҳои неке, ки устод таъкид кардааст, боз кадом фазилатҳоро дар худ муҷассам карда метавонад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳиссагузорӣ мекунад. Яке аз аломатҳои омилҳои асосии маънавияти инсон – маҳбубият ба Ватан, ватанпарварӣ мебошад.

Дар ҷомеае, ки маънавият камол ёфтааст, соҳибони қобилият, истеъдод ғурур ва обрӯву эътибори ҳамин ҷомеа ва миллат мешаванд. Дар ҷомеаи маънавияти воло дошта ақл, фикри солим, адолат ва одоби хуб устувор аст. Дар чунин як ҷомеа, эътимоди мардум ба рӯзи ояндаи миллат боварии ҳаётбахш хоҳад буд, иллатҳои манфие, ки ба инсон хос нест, барҳам меёбад. Дар он ҷо, ки маънавият устувор аст, он ба қувваи халоскор табдил меёбад. Аз қалби одамон ҷой мегирад. Дар ҷое, ки маънавият, тарбияи ҷавонон ба ҳоли худ партофта шавад, дар ҳаёти он ҷомеа парокандагӣ рӯй медиҳад. Барои ин ҳар як шаҳрванд лоқайд ва бефарқ нашуда, аз болои худ беист кор карда, барои тақдири ҷомеа ва кишвар зиндагӣ намуда, фаъолият нишон доданаш лозим. Андешаи «Шаъни оила ва ҷомеа ба ман азизанд», ҳамеша бояд дар дил бошад.

«Халқ дар роҳи бузург ва шарафнок монанди корвонест, ки ҳамеша пеш меравад. Шахсоне, ки мехоҳанд ӯро аз роҳ зананд, вақт ёфта, аз ақиби онҳо ҳамла кунандаҳо ҳамеша буданд ва баъди ин низ мешавад. «Корвон бехатар нест», ин ибора беҳуда гуфта нашуда-

«Дар ҳаёт барои ба муваффақият ноил шудан се чиз лозим: диққат, интизом ва кӯшиш».

**Ҷалолиддини Румӣ**

«Ба виҷдони худ беэътиноӣ зоҳир накун ва ҳеҷ маҳал зидди ҳақиқат сухан нагӯй. Ба ҳамин маслиҳати муҳим риоя кунӣ, вазифаҳоеро, ки дар ҳаёт назди худ гузоштаӣ, пурра адо карда метавонӣ».

**Марк Аврелий**



## БАРОИ МУЛОҲИЗА

1. Ба андешаи «Вақти зоеъ рафтаро, баргардонда намешавад» Шумо чӣ гуна муносибат доред?
2. Ба ҳикмати зерини Алишер Навоӣ гӯш кунед: *«Ба лашкари хазон, эй боғбон, монеъ нест. Дар боми боғ агар аз сӯзан симхор занӣ»,* зинҳор аз шиддати вақт худро эҳтиёт наметавонӣ кард. Пас, ба қадри ҳар лаҳза бирас!
3. Барои ба камолоти маънавӣ расидан, вақтро чӣ тавр истифода бурдан лозим? Фаҳмиши худро ба фаъолияти ҳаррӯзаи худ вобаста намуда фаҳмонед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

аст. Қуввае нест, ки корвони халқро ба ақиб гардонад. Чунки дар қалби халқ мероси аз аҷдод гузашта, қувваи мағлубнашаванда – маънавиёт вуҷуд дорад.

Амалҳои нек ва корҳои ба ҷасорат баробар, имони қавии мустаҳкам, ки фазилатҳо ҳисобида мешавад, ба инсонҳо хос аст. Аз ин рӯ, дар рушди миллату кишвар ҳиссаи муносиб гузоштан, ба касбу кори худ доғ нагузоштан, масъулияти доимо фидоӣ будан ҳамеша арзишҳои муқаддасанд.

Шаҳрвандоне, ки асосҳои ташаккулдиҳандаи маънавиятро пухта омӯхтаанд, махсусан, ҷавонон, ки муносибати мусбӣ ба ҳаёт, ба муҳити зист, ба оила, ба раванди иҷтимоӣ ва сиёсӣ доранд онҳоро бо некӣ ҳамчун инсон зиндагӣ намудан ва ба камолоти маънавӣ оварда мерасонад.

**Сабақҳои дарс.** Шахсе, ки маънавияти баркамол дорад, хубу бадро аз ҳамдигар ҷудо намуда, дар ҳаёт қарорҳои оқилона қабул менамояд. Қарор ёфтани сифатҳои маънавию ахлоқӣ, қисми ҷудонашавандаи маънавияти ҷавонон мебошад. Зеро насли баркамоли салоҳияти маънавӣ дошта, такя ва пуштибони оянда хоҳад буд.



## САВОЛҲОИ БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Ба омилҳои ташаккулдиҳандаи камолоти маънавӣ чиҳо дохил мешаванд?
2. Дар ҷое, ки маънавият устувор аст, аъзоёни ҷомеа соҳиби кадом сифатҳо мешаванд?
3. Дар тарбияи шахси баркамол накши оила ва маҳалларо асоснок намоед.

«Дар байни ҷавонони кишвари мо дар соҳаҳои илму фан, таълиму тарбия, тиб, фарҳанг, адабиёт ва санъат, варзиш, истеҳсолот, соҳаҳои хизмати ҳарбӣ, дар маҷмӯъ, дар ҳамаи соҳаҳо, ҷавонони зиёди барҷаста дорем, ки ҷонбозӣ нишон медиҳанд. Барои он ки онҳо имкониятҳои ҷисмонӣ ва салоҳияти маънавӣ, истеъдод ва маҳорати худро намоиш диҳанд, дар мамлакат ҳамаи шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, корҳои зиёде иҷро шуда истодаанд ва дар оянда низ онҳоро, албатта, идома хоҳем дод».

**Шавкат Мирзиёев**



## ЧИСТОН

Ҳамеша ҷозибанок, сеҳрнок буда, барои бахшидани умр меарзад. Онҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 4 Асосҳои маънавӣ ва ахлоқии инкишофи Ӯзбекистон



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Нақши сифатҳои маънавию ахлоқиро дар ташаккулёбии маънавият чӣ хел мефаҳмед? Якҷоя бо ҳамсинфонатон фикр ронед.
2. Мафҳуми ватандӯстии баландро ба воситаи расмҳои зерин тавсиф намоед.
3. Фазилатҳои маънавию ахлоқӣ аз қоидаҳои одобу ахлоқ чӣ фарқ доранд?

Дар давоми таътили тобистона хонандагони синфҳои болоӣ бо ҳамроҳи муаллими фанни таърих, ба шаҳри бостонию ҳамешаҷавони Самарқанд барои дидани ёдгориҳои таърихӣ ва қадамҷойҳо ташриф оварданд. Онҳо зиёратро аз расадхонае, ки подшоҳи Темуриён Мирзо Улуғбек сохтааст, оғоз намуданд. Аз он ҷо баромада ба мадрасаи Бибихонум гузаштанд. Дар ин ҷо одамон пур буданд. Онҳо дар назди мақбара як гурӯҳи сайёҳони хориҷиро диданд. Баъзе хонандагон ҳатто бо онҳо бо забонҳои хориҷӣ суҳбат оростанд. Яке аз хонандагон аз устод пурсид: «Чаро сайёҳони хориҷӣ ба зиёратгоҳҳои шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хоразм ва Шаҳрисабз як бор не, такрор омадан мегиранд. Оё дар кишварҳое, ки онҳо зиндагӣ мекунанд, чунин зиёратгоҳҳо нестанд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Муаллим фаҳмонд:

«Мо арзишҳое дорем, ки бояд ҳамеша эҳтиром кунем, то мардуми тамоми кишварҳои ҷаҳон қадр ва эъзоз намоянд». Аз посухи муаллим хонанда дар бораи мавқеи муҳим доштани арзишҳои умумибашарӣ дар ҳаёт ва фаъолияти инсон тасаввурот пайдо кард.

Рушди Ӯзбекистон ба арзишҳои миллӣ ва умумимиллӣ асос ёфтааст. Дар фарҳанги Ватани мо арзишҳои умумиинсонӣ мавқеи устуворро соҳиб аст. Рушди ғояҳои умумибашарӣ ва ташаккули арзишҳо ба рушди хусусиятҳои фарҳанги миллӣ алоқаманд аст. Чӣ тавре ки дар ин бора Президенти Нахустини Ӯзбекистон Ислом Каримов таъкид карда буд: «Мо рушди худро ҷудо аз рушди кишварҳои дигар тасаввур карда наметавонем, ҳама чиз ба худи мо вобаста нест». Дар ин маврид, диққати асосӣ ба арзишҳои умумибашарӣ нигаронида шудааст. Арзишҳои умумибашарӣ ва арзишҳои миллӣ тавъаманд ва ҳамдигарро ғанӣ мегардонанд.

Чунин арзишҳои умумибашарӣ чун эҳтиром, муҳаббат ба ҳаёт, масъулият, садоқатмандӣ, эҳтироми аҷдод, ватандорӣ, адолат, маърифатпарварӣ, сулҳ, ваҳдат, дӯстӣ ва ҳамкорӣ фазилатҳои инсониро ифода мекунанд.

Садоқат ба арзишҳои умумибашарӣ ҷавононамонро барои дуруст зиндагӣ кардан, дарёфти мавқеи худ, муносибати оқилона ба муҳит, зодгоҳи худро муқаддас донистан, ҳамчунин ба қадри дӯстӣ расиданро меомӯзонад.

Арзишҳои миллӣ арзишҳое мебошанд, ки аз ҷониби ҳамин миллат, ҳамин кишвар дар давоми қарнҳо эъзоз гардида, барои ғанӣ гардонидани маънавияти инсон хизмат мекунанд.

Дар арзишҳои миллӣ меҳнатдӯстӣ, садоқат ба хотираи таърихӣ, эҳтиром ба эътиқод, муомила, ҳаё ва андеша нақши муҳим дорад. Дар асари «Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир» чунин омадааст: «... мо ғоя ва мафҳумҳоеро, ки аз санҷиши таърихӣ пурра гузаштаанд ва ба манфиатҳои миллӣ, орзую умедҳои имрӯз ва фардо, ки ба талаботи тараққиёт пурра ҷавобгӯ буда, бо гузашти айём қадри онҳо зиёдтар мешавад, арзишҳо меномем».

Арзишҳои миллӣ ва умумбашариро маҷбуран бор карда намешавад. Ягон фарҳанги миллиро шарафманд намуда, онро аз дигар фарҳангҳо боло бардоштан ва ба дигар халқҳо маҷбуран тарғиб намудан ба оқибатҳои манфӣ оварданаш мумкин. Дар мамлакати гуногунмиллати мо, фарҳанги миллиро писанд накардан ё онҳоро паст задан ба барқарории иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ халал мерасонад. Инчунин барои пайдоиши зиддиятҳои гуногун ва низоъҳо замина меофарад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Бо шарофати истиқлолият мо муваффақ гаштем, ки имкониятҳои худро ба тарзи озод намоён кунем. Барои ин якчанд сабабҳо вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, дар Қонуни Асосии Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Конститутсия баробарии инсон, ҳуқуқ ва масъулияти онҳо ба пуррагӣ акси худро ёфта бошад, дуюм, ислоҳоти демократӣ ва тамоилҳое, ки дар мамлакат, дар ҳаёт татбиқ шуда истодааст бо ҳаёт ва имконияти инсон узван вобаста аст. Шарт ва шароитҳое, ки барои ҷавонон офарида шудааст, хусусан, вомҳое, ки барои бизнеси шахсиро ба амал татбиқ намудан ҷудо карда мешаванд, эътиборе, ки ба соҳаи варзиш дода мешавад, натиҷаи онҳо мебошанд. Дар рушди ҷомеа аз тарафи шаҳрвандон азхудшавии фазилатҳои маънавӣ нақши онҳоро дар ҷамъият муайян мекунад, инчунин, дар устувории ҷомеа аҳмияти муҳим касб менамояд. Арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, мазмун ва моҳияти хусусияти инсониро ташкил медиҳанд.

Рушди ҷомеа дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддиву маънавии мардум, дар тақсимоти иҷтимоии амвол ва меҳнат муҳим аст.

Агар хелҳои меҳнат дар асоси шавқмандиҳо ва қобилият тақсим карда шавад, қариб ҳар яке касби худро хуб медонад, фаъолияташро ба маромаш расонида анҷом медиҳад, инчунин, бо кори худ ба рушди ҷомеа ҳиссаи муайян мегузорад. Дар марҳилаи нави инкишофи Ӯзбекистон, якҷоя ба амал

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Оё дар инкишофи ҷамъият нақши сифатҳои маънавӣ бузург аст ё сифатҳои ахлоқӣ? Лутфан ҷавобатонро бо пур кардани ҷадвали зерин эзоҳ диҳед.
2. Шумо чӣ фикр мекунед? Кадоме аз ин ду сифатҳо барои одам муҳим аст?

| Сифатҳои маънавие, ки дар ҷомеа мавҷуд аст | Сифатҳои ахлоқие, ки дар ҷомеа мавҷуд аст |
|---|---|
| | |
| | |

3. Оё бо ин ду сифат ба шуури шаҳрвандон якҷоя таъсир расонда шавад, ба чунин одамон таъсири мафкуравӣ расонида мешавад? Ҷавобатонро асоснок намоед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

чорӣ шудани ислоҳотҳои иқтисодӣ, меъёрҳои маънавӣ иқтисодӣ яке бо дигараш, ба таври зич равшан намоён мешавад. Бехтар шудани салоҳияти маънавӣ, инкишофи қобилиятҳои интеллектуалӣ ва ахлоқии инсон, на танҳо иқтисод, балки рушди маънавии кишварро таъмин хоҳад кард. Дар кишваре, ки фазилатҳои маънавӣ, ахлоқӣ қадр меёбанд, рушд хоҳад ёфт, тафаккури шаҳрвандон амиқтар мешаванд.

Фазилатҳои ахлоқи маънавие, ки ба рушди ҷомеа мебарад, якдигарфаҳмӣ ва ҳамдардӣ, меҳру оқибат, некӣ, адолатпарварӣ, саховатпешагӣ, муҳаббат ба оила, ва Ватан, садоқат, таҳаммулпазирӣ, меҳмоннавозӣ, ростқавлӣ, эътиқод, диёнат ва садҳои дигар хислатҳои некро дар худ таҷассум мекунад.

**Сабақҳои дарс.** Рушди устувори ҳаёти ҷомеа дар натиҷаи боварии одамон ба якдигар, зиндагӣ намудан дар асоси тамоилҳои адолати иҷтимоӣ, вахдат ва ҳамҷиҳатӣ дар байни миллатҳо, ба волоияти қонун аҳамият додан намоён мешавад. Инсоне, ки соҳиби сифатҳои хислатҳои маънавию ахлоқӣ мебошад, фазилатҳои миллӣ ва умумибашариро қадр мекунад, ӯро ғанӣ гардонида, барои бо пуррагӣ ба наслҳои оянда расонидан камар мебандад.



## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Фазилатҳои маънавӣ — ахлоқиро аз кадом давр ба шаҳрвандон омӯзондан лозим?
2. Оё дониши шахс ва ҷаҳонбинияш хуб бошаду вале рафтор ва ахлоқи бад дошта бошад, ӯро инсони бомаънавият гуфта метавонем? Фикратонро асоснок кунед.

Некӣ ва бадӣ, зараррасонӣ ва ҳоҷатбарорӣ ҳам, ки дар инсон вуҷуд дорад, ҳосили тарбия мебошад.

**«Хазинаи ҳикматҳо»**

Одамизод, аз боиси барои башарият корҳои манфиатнокро ба амал ҷорӣ карданаш бузург аст. Вале дар муҳити гуногун низ дар дилаш эмону эътиқодро эҳтиёт карда тавонистанаш – ин бузургии ботинии инсоният аст.

**«Саодати ҳикмати умр»**



## ЧИСТОН

Либоси таълими зебо одоб аст. Чӣ маънӣ дорад?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 5 Таъсири анъанаҳои миллӣ ба баландшавии маънавияти инсон



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Шумо анъанаи миллӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Азхудкунии анъанаҳои миллӣ аз тарафи одамон ба болоравии маънавият чӣ тавр таъсир мерасонад?
3. Ба суратҳо нигоҳ намуда, гӯед, ки робитаҳои анъанаҳои миллӣ ба манбаъҳои моддӣ ва маънавӣ чӣ гуна вобастаанд?

Анъанаҳои миллӣ мафҳуме мебошад, ки аломатҳои ҳаёти соҳаҳои гуногуни миллат: хислатҳо, арзишҳо, хелҳои фаъолият, одатҳо ва хислатҳоеро, ки аз аҷдод ба аҷдод мегузарад, ҳамчунин мерос мешаванд, ифода мекунад.

Анъанаҳои миллӣ омили муҳим дар ташаккулёбии худшиносии инсон ҳисобида мешавад. Анъанаҳои миллӣ дар микёси як миллат намоён шудани анъанаҳои умумибашарӣ мебошад. Ба воситаи онҳо хусусиятҳои ба худ хос, фарҳанг, фан, адабиёт, ҳар як миллат дар давраи муайян ва он муваффақиятҳое, ки дар дигар соҳаҳо ба даст овардааст, ба наслҳои дар давраҳои минбаъда зиндагикунанда расонида мешавад.

Боварилу иродаи халқ, аҷдоди бузургамонро дар роҳи некӣ дар намунаи бисёр анъана ва арзишҳоямон, мероси маданиямон, ки аз гузаштаи дур то имрӯз биду-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар замони худ асарҳое, ки дар руҳияи аз чашмаҳои арзишҳои миллӣ нӯш карда буд, ғаму андӯх, орзую ормонҳо ва кӯшишҳои ҳамон миллатро замонҳо гузашта ифода кардааст, қадру қиммати умумбашарӣ пайдо мекунад. Аксар муаллифони чунин асарҳои нодиру абадзинда аз Шарқ баромадаанд ки ин дар мо ҳиссиёти фахру ифтихорро баланд мекунад.

Ту ба гузашта санг напарто. Ба гузашта санг партофтан, марҳумро бо лагад задан аст. Марҳум зинда шуда, аз ту барои хатоҳояш бахшиш намепурсад. Аз гузашта бояд сабақ гирифт. Ана ҳамин сабақро хулоса намуда, дар бораи имрӯз фикр кунед.

**Демокрит**

ни завол расида меояд, мебинем. Китоби «Авесто», ки ғояи «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» дошта, боввариро ба тантанаи ғояи некӣ ифода кардааст, ё худ асари «Қутадғу билиг» инсонҳоро ба роҳи саодат, ба некӣ мебарад, ҳамчун ифодаи равшани кӯшиш ва ниятҳои софи аҷдоди бузургамон дар тӯли қарнҳо хизмат мекунад.

Садҳо обидаҳои фарҳангие, ки чандин асрҳо пеш барпо шуда буд, ба туфайли истиқлол аз нав таъмир карда шуданд. Вақте мо он обидаҳоро зиёрат мекунем, ҳар кадоме беихтиёр дар худ нисбат ба руҳи аҷдодамон эҳтироми баланд, дар назди авлодҳои ояндаамон масъулияти бузургро ҳис менамоем. Худи ҳамин барои баландшавии тафаккури инсон таъсири калон намерасонад?

Насли ҳар як миллат дар руҳияи анъанаҳои миллиро аз гузашта ба ояндаи миллат расонидан тарбия мешавад.

Барои ба даст овардани истиқлолият дар кишвари мо ба анъанаҳои миллӣ эътибори зиёд дода шуд. Имрӯз анъанаҳои миллӣ, ки аз насл ба насл чун мероси пурарзиш гузашта истодааст, ид ва маросимҳое монанди Наврӯз, Истиқлолият, Рӯзи Муаллимон ва мураббиён, Рӯзи хотира ва қадр ба ҳаёти ҷомеа мазмун ва мундариҷаи нав ато намудаанд, ки аз он ба тарзи оқилона истифода бурдан лозим. Дар қатори омӯзиш ва тарғиб намудани анъанаҳои миллӣ тӯю маъракаҳо, урфу одат ва анъанаҳоеро, ки қисми таркибии он аст, танзим намуда, дар ин бора ба исрофгарию дабдабабозӣ роҳ надодан таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунад.

Маънавияти инсон ба воситаи мероси миллӣ ва фарҳангӣ, фолклор, кашфиётҳои илмӣ, урфу одат ва анъанаҳо, инчунин манбаъҳои моддию маънавӣ ташаккул меёбад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Анъанаҳои миллӣ ба инкишофи ҷомеа чӣ гуна таъсир дорад? Шумо чӣ фикр доред?
2. Андешаи зерини Сукротро хонед ва робитаи мероси маънавӣ ва анъанаҳои миллиро асоснок намоед:

> *«Ман аз асари донишмандони бостонӣ, ки ба мо расидааст, дурдонаҳои тафаккурро аз назар мегузаронам, агар мо дар онҳо ягон чизи хуберо ёбем, онҳоро аз худ мекунем ва фоидаи хеле калон мегирем».*

**Сабақҳои дарс.** Мероси бебаҳо ва арзишҳои аҷдодамон, ки анъанаҳои миллӣ аст, ба омили маънавии тарбияи насли навраси инсони баркамол бояд табдил ёбад. Танҳо дар ин сурат чунин анъанаҳои миллӣ чун сабру тоқат, меҳру оқибат, андеша, эҳтиром ба урфу одатҳо, некӣ, канораҷӯӣ аз бадӣ, сайқал ёфтани фазилатҳои хуби халқ хизмат мекунанд.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Барои осуда будани ҳар як оила, аъзоёни оила бояд чӣ хел роҳ интихоб карда шавад?
2. Шумо шахсеро, ки аз ҷиҳати моддӣ қашшоқ аст, вале фазилатҳои маънавияш ба дараҷаи баланд инкишоф ёфтааст, ба пеши чашм оред. Дар ин ҳолат Шумо чиро ҳис менамоед?
3. Дар ин дунё инсон барои хушбахт, саодатманд ва зиндагии ором доштанаш, аз ӯ чӣ талаб карда мешавад?
4. Оё Шумо худро як узви фаъоли ҳамин Ватани азиз мешуморед ? Фикратонро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Вақташ ояд ба ҳеҷ кас гӯш намеандозад, ба ҳеҷ кас муросо намекунад. Он чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 6 Таъсири мероси маънавӣ ба маънавияти инсон



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Ба мафҳуми «Мероси маънавӣ» тавсиф диҳед. Шумо онро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Барои таҳким ва инкишофи мероси маънавӣ ба чиҳо таваҷҷӯҳ кардан лозим?
3. Ҷиҳатҳои фарққунандаи сарватҳои маънавӣ ва мероси маънавӣ дар чист?
4. Ба расмҳои дар зер овардашуда назар карда, фикру ақидаи худро шарҳ диҳед.

Мероси маънавӣ – маҳсули инкишофи маънавиест, ки бо ақлу заковати инсон офарида шудааст. Он мафҳумест, ки хусусияти насли ояндаро ба сӯи тараққиёти нек бурдан дошта, афзоиши шуур ва ҷаҳонбинии одамон, арзишҳои азалиеро, ки аз авлодон ба авлодҳо мегузарад, ифода мекунад.

Бинобар ба забони миллии маълум офарида шудан, анъана ва андешаҳои маънавиву мадании миллиро инъикос кардани мерос ва миллати муайян, бинобар хусусияти миллатҳои гуногуни дар як ҳудуди маълум истиқоматкунандаро фаро гирифтан ба ҷомеа, бинобар мақоми баланде, ки дар таърихи инсоният дорад, ба сивилизатсия дахлдор буданаш ҳам мумкин аст.

Мероси маънавӣ ба миллат, давлат, минтақа тааллуқ доштанаш ҳам мумкин.

Барои мисол мероси динӣ ва фарҳангии Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, кашфиётҳои беназири Абӯалӣ ибни Сино ё Мирзо Улуғбек оид ба тиббиёт ва астроно-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мия, на танҳо барои миллати мо, ҳамчунин ба тамоми халқҳои дар минтақаҳои мо истиқоматкунанда, тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ накши муҳим доранд.

Мероси моддӣ аз нуқтаи назари таъсир ба шуури инсон, дар айни замон ба мероси маънавӣ низ табдил ёфтанаш мумкин. Барои мисол гарчанд он обидаҳои таърихие, ки дар гузашта офарида шуда, то ба мо расида омадаанд, ба мероси моддӣ мансуб бошанд ҳам, муҳандисии дар онҳо буда, корҳои ороишӣ, услубҳои сохтмон ва омодашавии ашёҳо, бунёдкорони онҳо ба мероси маънавӣ табдил меёбанд. Ба ин монанд, рушди технологияҳои истеҳсолии неъматҳои моддӣ ва таҷҳизоти мутааллиқ ба мероси моддӣ, гарчанд ба мероси моддӣ мансуб бошанд ҳам, анъанаҳо ва гузариши он аз аҷдод ба наслҳо чун мероси маънавӣ аст.



## ДОНИСТА ГИРЕД

Дар ҳар гуна ҳунар таърихи бойи халқ, ҳикматҳои нотакрор ва албатта, орзую умедҳои онҳо пинҳон аст. Аз ин рӯ, устод ва фидоии ҳар як касб заҳмати пурмашаққати худ, ки самараи ҷустуҷӯҳои пайваста аст, аҳамияти сирру асрори ихтироъҳо ва намунаҳои эҷоди нотакрорро ба дигарон мефаҳмонад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Матни зеринро хонед.
2. Дар матн кадом қудрати мероси маънавӣ акси худро ёфтааст?

*... Шумораи умумии асарҳои Ибни Сино беш аз 450 аст, вале ба мо 242 тоаш (аз рӯи баъзе маълумотҳо 160-то) расида омадааст. Асари аз ҳама бузурги олим «Китоб-уш-шифо» аз 4 қисм иборат буда, дар он масъалаҳои мантиқ, физика, математика, метафизика ҷой гирифтааст. Маълум аст, ки ин асар то ба мо расида наомада, дар сӯхтори Исфаҳон гум шудааст. Асари «Донишнома» бошад, ба забони форсӣ навишта шудааст. Асари қомусии олим оид ба тиббиёт «Китоб-ал-қонун фит-тибб» («Қонунҳои тиб»)-ро мо хуб медонем. Ин асар аз 5 китоби калони мустақил иборат аст. Дар китобҳои якум ва сеюм асосҳои назарияи тиббиёт, хусусиятҳои қариб 800 намуд дору, баъзе бемориҳои узвҳои бадан ва усулҳои табобати онҳо баён шудааст.*

***Ш. Мансуров, «Ҳазору як хазина»***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Аз ҳамин ҷиҳат дониш ва таҷрибаҳои зиёди башарият, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ акси худро наёфтааст, дар шакли мероси маънавӣ аз аҷдод ба наслҳо мегузарад. Зеҳни мардум, олами ботинӣ, ба тарзи тафаккур ба ҳиссиётҳо таъсир карда, онҳоро ғанӣ гардонидан, инкишоф додан, ба равияҳои ғояҳои нав равона сохтан моҳияти аслии маънавиятро ифода мекунад.

Ба мафҳуми меҳру оқибат табдил ёфтани арзишу одатҳои некро мегирем. Мо мебинем, ки вай решаҳои таърихӣ, миллӣ ва динӣ дорад. Пеш аз ҳама, ин инсон бо инсон, ҳамсоягон бо ҳамсоягон, хешовандон ба хешон, оила ба оила ва аз ҳама муҳимтараш дар робита зиндагӣ намудани шахс бо ҷомеа, ба ятимон, ба бевазану бечораҳо ва маъюбон, ба мусофирон саховат нишон додан, аз сидқи дил, беғараз ёрӣ доданро мефаҳмонанд, чунин хислатҳо ба олами маънавии халқ ворид шуданашро касе инкор карда наметавонад.

Эҳтиёт ва нигоҳ доштани захираҳои моддӣ ва маънавӣ фазилати олӣ аст. Барқарор намудани мероси бағоят бузурги маънавӣ ва фарҳангиро, ки аз рӯзҳои аввали истиқлолият, аз ҷониби ниёгони мо дар байни асрҳои зиёд офарида шудааст, ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудани онҳо нақши муҳим дорад.

Роҳи навсозӣ ва инкишофи Ӯзбекистон дар чаҳорчӯбаи мероси маънавӣ аз нуқтаи назари чаҳор принсипи асосӣ ташкил мешавад. Онҳо:

- садоқат ба арзишҳои умумбашарӣ;
- эҳё, таҳким ва рушди мероси маънавии халқи мо;
- ба тарзи озод намоён намудани имкониятҳои худи инсон;
- ватанпарварӣ.

Аз ин хоки бостонӣ ва табаррук мутафаккирони бузург, фозилон, олиму уламо, сиёсатмадорон, соҳибқирону саркардаҳо баромаданд. Асосҳои илмҳои диниву дунявӣ дар ҳамин замин офарида шуд ва сайқал ёфт. Он иншоотҳои мураккаби обёрикунӣ, ки то милод ва баъдтар сохта шуд, то имрӯз файзу маҳоботи худро гум накардааст, кишоварзии бостонӣ, фарҳанги ҳунармандӣ, аз санъати баланд будани меъморию шаҳрсозӣ далолат медиҳад.

Навиштаҷотҳои рӯисангӣ, дастнависҳо оиди таърих, адабиёт, санъат, сиёсат, ахлоқ, фалсафа, тиб, математика, физика, химия, астрономия, меъморӣ ва даҳҳо ҳазор асарҳои беназир, ки дар онҳо таърихи мо муҷассам гардида, имрӯз дар хазинаи китобхонаҳоямон нигоҳ дошта шуда истодааст, хазинаи маънавии беқиёс ва ифтихори мост.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## БАРОИ МУЛОҲИЗА

Матни зеринро хонда, дар хусуси якҷоя ташаккул ёфтани мероси маънавию моддӣ фикрронӣ кунед :

*«Номи Мирзо Улуғбек рамзи хидмат намудани беохир ба илм аст. Дар байни асрҳои миёна ситорашиноси бузурги поляк Ян Гевелий каталоги Улуғбекро ба асари худ «Асосҳои астраномия» ворид намудааст. Ӯ дар китоби худ ду сурати нақшинкорро овардааст, ки дар онҳо Улуғбек дар байни астраномҳои бузурги ҷаҳонӣ, ки дар замонҳои гуногун ҳаёт ба сар бурдаанд, тасвир ёфтааст. Ин нақшкори дар китобҳои дарсии астрономия ва рисолаҳои оид ба таърихи фан дохил карда шудааст. Онҳо шуҳрати мактаби астрономие, ки Улуғбекро ба воя расонидааст, ба олам паҳн намуда, ҳамчун ёдгории бебаҳо шуда мондаанд. Номи Улуғбек дар кратери дар Моҳ буда абадӣ кунонида шуд (XVII).*

*Соли 1977 сайёраи хурде, ки дар системаи Офтоб кашф карда шуд ва дар маркази Гарвард бо рақами 2439 ба қайд гирифта шуда, ба номи ӯ гузошта шуд».*

***«Олим ва мутафаккирони машҳури Шарқи асрҳои миёна»***

**Сабақҳои дарс.** Ҳар як кишвар, миллат, на танҳо имрӯз, балки, рӯзи ояндаи худро бе мероси миллию маънавӣ тасаввур карда наметавонад. Боигарии моддӣ ва маънавӣ кафолати фаровонӣ ва баркарории инсон ва ҷомеа мебошад. Мо ва Шумо аз онҳо самараноктар истифода бурда, онҳоро бояд зиёд намоем.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Ӯзбекистон аз дигар кишварҳо бо кадом ҷиҳатҳои мероси маънавӣ фарқ мекунад?
2. Инсон бо инсон, ҳамсоягон бо ҳамсоягон, хешовандон бо хешон, оила бо оила ва аз ҳама муҳимтараш дар робита зиндагӣ намудани шахс бо ҷомеа аломати чист?

## ЧИСТОН

Дар бозор фурӯхта намешавад, бо тилло ёфт намешавад. Онҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 7 Оила — қалъаи муқаддас аст













## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Ба мафҳуми фаровонии оила таъриф диҳед.
2. Имрӯз дар кишвари мо ба масъалаи оила чӣ хел аҳамият дода шуда истодааст? Дар бораи он фикратонро асоснок намоед.
3. «Оила қалъаи муқаддас аст». Ин мафҳумро бо суратҳои зерин фаҳмонда диҳед.

Оила гурӯҳи хурд аст, ки бар издивоҷ ё таваллуд асос ёфтааст. Аъзоёни он аз ҷониби ягонагӣ, кӯмаки мутақобила ва масъулияти маънавӣ ба ҳамдигар вобастаанд. Вазифаҳои аз ҳама муҳими иҷтимоии оила — идома додани зоти инсон, тарбия намудани фарзандон, ташкил намудани шароити зиндагӣ ва самаранок ташкил намудани вақти холигии аъзоҳои оила аст.

Оила маскани муқаддасе мебошад, ки давомнокии миллатро ҳифз намуда, рушди арзишҳои миллиро таъмин менамояд. Дар оила мо ва наслҳоямон тарбия ёфта, ба воя мерасем, оламро мефаҳмем, инчунин ҳамагон хислатҳои гуногунро касб менамоем.

Оила пойдевори ҷомеаро ташкил менамояд. Фаровонӣ, шукуфоии ҷамъият ва давлат бевосита, ба ҷиҳати мустаҳкамии моддӣ ва маънавии оилаҳои ҷомеа вобаста аст.

Дар тарбияи оилавӣ ҷои махсусро муносибати падару модар ва фарзандон ташкил мекунанд.

Дар он ба масъулияти падару модар аз насли маънан баркамол, ҷисман қавӣ, барои равнақи ҷомеа ба воя



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

расонидани фидоии касби муайян, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил, кордон, шахси соҳиби маданияти тадбиркорӣ доштаро ба воя расонидан иборат аст. Фарзандон бошад, ин тарбияи мақбулро дар худ ташаккул дода, аз худ менамоянд.

Дар Шарқ оила ба сифати даргоҳи муқаддас қадр шудааст. Дар аъзоёни оила ба тарзи муайяни зиндагӣ риоя намуда, зиёд намудани таҷриба, саранҷомӣ ва исрофкор набудан, қатъият ва ростгӯй будан барин меъёрҳои одобу ахлоқро ба камол расонидан аз қадим вазифаи асосии оила шуда омадааст.

Олимони бузурги қомусӣ, хусусан, дар «Қутадғу билиг»-и Юсуф Хос Ҳоҷиб, «Қобуснома»-и Кайковус, «Ҳиббат ул-ҳақойиқ-и Аҳмад Югнакӣ, «Дар бораи ба бахт ноил шудан»-и Абӯнасри Форобӣ, рисолаи «Тадбир ал-манозил»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Маҳбуб-ул-қулуб» ва «Ҳайрат-ул-аброр»-и Алишер Навоӣ, «Силсилат-уз-захаб» ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Туркий Гулистон ё худ ахлоқ»-и Абдулло Авлонӣ ва дигар асарҳои бисёр дар бораи маънавияти оила, услубҳои тарбияи кӯдакон ва ҷавонон, вазифаҳои волидайн дар оила, масъулияти фарзандон дар назди онҳо, мазмун ва моҳияти тарбиявии оилавӣ ҳамаҷониба шарҳ дода шуда, ба воситаи ривоятҳои гуногуни ҳаётӣ муфассал кушода шудааст. Оилаҳои ӯзбекбо ҳамҷиҳатӣ, кӯдакдӯстӣ, эҳтироми тарафайн нисбат ба бародарон ва хешовандон, қавӣ будани риштаҳои меҳру оқибат, бо устувор будани арзишҳои дигари оилавӣ низ аз бисёр миллатҳо ва халқҳои дигари олам фарқ мекунанд. Агар дар оила ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми тарафайн, эътимоди қавӣ ба ҳамдигар, ростқавлӣ, самимият, меҳрубонӣ ба наздикони худ бошад, инсонҳое камол меёбанд, ки барои кӯмак ҳамеша омодаанд. Дар оилаҳое, ки чунин хислатҳоро дар худ муҷассам кардаанд, ҳамеша ҳаловат ва оромӣ ҳукмфармост. Агар акси ин бошад чӣ? Чунин оилаҳоро файзу барака, самимият, ҳамдигарфаҳмӣ, ба оқибат будан ва ҳиссиётҳои муҳаббат тамоман тарк менамояд.

Саодат ва иззати як оила, албатта, ба интизоми дохилӣ ва ҳамҷиҳатии ҳамон халқ вобаста аст. Сулҳ ва ваҳдати ҳамин миллат ба интизоми оилаҳо такя мекунад, кишвар ва миллат низ ана ҳамон тавр қавӣ ва бо танзим хоҳад шуд. Агар аҳолии як кишвар бо беахлоқӣ ва ҷоҳилӣ муносибатҳои оилавиро заиф намояд, ба беинтизомиҳо роҳ диҳад дар он вақт саодат ва ҳаёти ин миллат зери шубҳа мемонад.

**Абдурауфи Фитрат**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДОНИСТА ГИРЕД

Дар Ӯзбекистон соли 1998 – «Соли оила», соли 2000-ум – «Соли насли солим», соли 2001 – «Соли модар ва кӯдак», соли 2002 – «Соли қадркунии пиронсолон», соли 2003 – «Соли маҳаллаи обод», соли 2004 – «Соли меҳру мурувват», соли 2005 – «Соли тандурустӣ», соли 2007 – «Соли ҳифзи иҷтимоӣ», соли 2008 – «Соли ҷавонон», соли 2010 – «Соли насли баркамол», соли 2012 – «Соли оилаи мустаҳкам», соли 2013 – «Соли зиндагии обод», соли 2014 – «Соли кӯдаки солим», соли 2016 – «Соли модар ва кӯдаки солим», соли 2017 – «Соли мулоқот бо халқ ва манфиатҳои инсон» номида шудааст.

Ба ин маъно, ҳар як аъзои оила, на танҳо дар роҳи фаровонии шахсии худ, балки барои манфиатҳои оила ташвиш кашида, ба наздикони худ ғамхорӣ карданро мақсад гузорад, фаровонии оила боз ҳам мустаҳкам мешавад.

Дар кишвари мо оиди тарбияи насли баркамол бо институти оила ва маҷлиси шаҳрвандони маҳалла, бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкориҳои байни худро боз инкишоф додан, мустаҳкам кардан ва дар бораи баланд бардоштани самарабахшӣ якчанд корҳои амалӣ бурда истодаанд. Бо ин мақсад аз соли 2012 ҳамкории «Оила – маҳалла – муассисаи таълимӣ» дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда шуд.

Қабул шудани кодекси оила бошад, аз рӯи талаботҳои замони муосир, қадами муҳим дар такмил додани манфиатҳои оила буд. Аз рӯи он, то оғози издивоҷ, корҳои санҷиши тиббии ҷавонон ва барои оилаҳои ҷавон дар байни панҷ соли нахустин назорати диспансерӣ таъсис додан ташкил карда шуд.

Ташкилшавии Маркази илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Оила» ва зерсохторҳои он ҳимояи манфиатҳои оила, модарӣ ва кӯдакӣ, на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки аз нуқтаи илмию амалӣ омӯхтан, дар асоси ғояҳои пешқадам мисли таъмини фаровонии оила корҳои хайр сабаб шуда истодааст.

Таъмини фаровонии оила баъд аз истиқлолияти кишвари мо яке аз афзалиятҳои равияҳои устувори давлати мо гардид. Зеро оилаҳои ҷавонро аз ҷиҳати дастгирии молиявӣ ва маънавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ба онҳо кӯмак расонидан, офаридани имтиёз ва имкониятҳо, пеш аз ҳама, таъмин намудан бо манзил – барои ҳамаи ин на танҳо падару модарон, дар навбати аввал, давлат ва ҷомеа масъул аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар давраи кӯтоҳтарини истиқлолияти ҷумҳурӣ дар роҳи фаровонии оила корҳои нек ва хайрнок анҷом дода шуд:

- ҳифзи оила, модар ва кӯдак, баланд бардоштани манфиатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон;
- аз ҷиҳати иҷтимоӣ дастгирӣ намудани оилаҳои серфарзанд, камбизоат, оилаҳои қашшоқ, маъюбон, пиронсолоне, ки бе кас мондаанд, танҳоянд;
- дар оила оиди тарбия намудани шахсони маънан ва ҷисмонан баркамол гузаронидани корҳои васеъ аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар кишварамон оиди инкишоф додани соҳибкории оилавӣ як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шуд. Дар ин санадҳои меъёрӣ, ба воситаи



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Падару модаратон дар оилаи Шумо ё худ бародарону хоҳарҳоятонро навозиш намуда, кадом калимаҳоро бо нияти нек мегӯянд?
2. Матни зеринро хонед ва онро бо чунин ҳолатҳои оилаатон муқоиса кунед.

### ПАДАР ФАРЗАНДИ ХУДРО НАВОЗИШКОРОНА БА ОСМОН ҲАВО МЕДИҲАД

*Ин маънои «писарам, аз ман низ бузург шав»-ро дорад. Ин далели ҳақиқии ғамхорӣ ва ифодаи фарзанди худро аз ҳама чиз, ҳатто аз худаш низ азиз доштанро дорад. Падар вақте ки фарзандаш ба мактаб меравад, ӯро ба оғӯши худ гирифта аз пешониаш мебӯсад. Маънояш «бигузор толеат баланд бошад» аст. Дар он умед ба оянда, меҳр барои иқболи фарзандаш, омодагӣ ба ҳар чиз муҷассам аст. Ҳангоме падар писаращро ба хизмати ҳарбӣ гусел мекунад аз миёни писараш гирифта баланд мебардорад. Ин маънои «дар хидмати Ватан камарат мустаҳкам бошад»-ро дорад. Вақте ки писар таълимро хатм намуда, аз дасти падараш корро мегирад, падар ба дуо даст мекушояд: «роҳат равшан бошад, писарам!». Дар он вақт ашки чашмони ӯро намебинед, ифтихоре, ки дар қалби ӯ вуҷуд дорад, тасаввур карда наметавонед. Вақте, ки корҳои бузурги фарзандашро мебинад «падарҷон, гуфта навозиш мекунад, ба духтараш бошад, «модарҷонам, духтарҷонам» гуфта муроҷиат менамояд.... Дар таги он, чунин ҳикмат аст: «Имрӯз туро навозиш кунам, пагоҳ ба ту такя мекунам!»*

**Маводҳои иттилоот**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

рушди устувори соҳибкории оилавӣ, таъмини устувори иқтисодӣ дар назар дошта шудааст. Соҳибкории оилавӣ ба афзалиятҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад. Дар асоси соҳибкорӣ ва ба тарзи оқилона идоранамудани хоҷагӣ, ба роҳ мондани тарбияи оила дар насли наврас дар ташаккул ёфтани фазилатҳои инсонпарварӣ, иқтисодкунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, ӯҳдаброӣ, зиракӣ, масъулиятнокӣ сабаб мешавад.

**Сабақҳои дарс.** Хушбахт, саодатманд, зебо будани зиндагӣ ва фаровон шудани ҳар як шаҳрванд, айнан ба ҳар як аъзои қалъаи муқаддаси оила, ки ба худаш сер, ӯҳдабаро, ба равнақи ҷомеа ва давлат шахсан дахлдор, маънан баланд, ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ, ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ баркамол шуданаш бевосита вобаста аст.

«Кӯшиши халқамон ба сӯи мақсадҳои мушаххас, давлатманд шуданаш, хушбахт шуда, ёфтани иззату эҳтиром, ҷаҳонгир шудан ё ки заиф шуда хор шуданаш, бори бебахтиро кашидан, аз эътибор монда, ба дигарон тобеъ ва ғулом, асир шуданаш, вобаста ба тарбияе,ки аз падару модар аз кӯдакӣ гирифта аст».

**Шавкат Мирзиёев**

## САВОЛҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНИИ МАВЗӮЪ

1. Серию пурии оила ба чӣ вобаста аст?
2. Оё дар оилаи Шумо соҳибкории оилавӣ ба роҳ монда шудааст? Чаро дар оила ягон ҳунарро аз худ кардан лозим, мегӯянд?
3. Вақте ки «Ту фарзанди миллати таърихаш бой», «Ту дар кишваре, ки мутафаккирон ва алломаҳои бузург ҳаёт ба сар бурдаанд, таваллуд шудаӣ» барин суханонро мешунавӣ, оё дар қалбат ҳиссиёти фахр намудан бо чунин Ватан ва кишвар пайдо мешавад? Фикратонро асоснок намоед.
4. Шумо дар шароити хона бо оилаатон тиҷорати хурд оғоз кардед. Маҳсулотеро, ки шумо мебароред, пеш аз Шумо аз ҳамин маҳалла дигар оила оғоз кардааст ва робитаро ба бозор ба роҳ монда, ба маҳсулоташ харидор ёфтааст. Дар чунин вазъият Шумо чӣ гуна рафтор мекунед?

## ЧИСТОН

Чизи худам ба худам тааллуқ надорад. Ӯ кист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 8 Дар ривоҷи қадриятҳои маънавӣ ягонагии байни миллатҳо



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Вақте ки муносибатҳои ягонагии байни миллатҳо мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед?
2. Қадриятҳои маънавӣ ба ягонагии байни миллатҳо чӣ робита дорад? Фикрҳоятонро ба воситаи суратҳо асос намоед.
3. Имрӯз дар кишвари мо дар соҳаи таъмини ягонагии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ кадом корҳои нек ба амал ҷорӣ шуда истодааст?

Ваҳдат ё ягонагии байни миллатҳо – аҳл будани байни миллатҳо, дӯстии байналмилалӣ аст. Ягонагии байни миллатҳо, яке аз ғояҳои асосии мафкураи истиқлолияти миллӣ ба шумор рафта, мафҳумест, ки мувофиқи он вакилҳои миллатҳои гуногун дар ҳудуд ва давлати муайян, дар ҳамҷиҳатӣ зиндагӣ карда, дар ҳамкорӣ фаъолият мебаранд.

Ваҳдати байни миллатҳо гуфта, асоси маънавии шахсонеро, ки дар як ҷомеа ҳаёт ба сар бурда, дар роҳи мақсади ягона меҳнат карда истодаанд, номидан мумкин аст. Аз назар дур накардани мақсадҳои неку муштарак дар байни миллатҳо, асоси инкишофи қадриятҳои азалиро ташкил менамояд.

Аз 1600 зиёд миллате, ки дар қитъаи Замин вуҷуд дорад, бештар аз 200 миллат соҳиби давлати худ аст. Дар чунин шароит дар тамоми олам барои таъмини



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Қатъи назар аз миллат, шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон халқи Ӯзбекистонро ташкил менамоянд».

**Моддаи 8. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**

ваҳдати байни миллатҳо, манфиатҳо, рӯҳият ва кӯшишҳои онҳоро мунтазам омӯхтан, дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, ҳамеша ба инобат гирифтан зарур аст.

Дар ҳудуди мамлакати мо аз қадим вакилони миллат ва қавмҳо дар ҳамҷиҳатӣ зиндагӣ мекарданд. Дар давоми асрҳои миёна дар байни онҳо ихтилофи миллӣ вуҷуд надошт. Аз азал халқи мо таҳаммулпазирӣ, меҳмондӯстӣ, бахшандагӣ, эъзоз намудани урфу одат ва арзишҳои дигарон барин фазилатҳои умумбашариро нишон додааст.

Ваҳдати байни миллатҳо арзишҳои умумибашарӣ буда, минтақа ва давлатҳое, ки миллатҳои гуногун якҷоя зиндагӣ мекунанд, рушди миллии онҳоро муайян мекунад. Ба инкишофи сиёсӣ ва иқтисодӣ самарабахш таъсир мекунанд, ҳамчун кафили сулҳу субот шуда хизмат менамоянд.

Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 6 миллиард нафар аҳолӣ вуҷуд доранд. Имрӯз дар ҳудуди Ӯзбекистон зиёда аз



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Меҳмоннавозӣ ва таҳаммулпазирии мардуми Ӯзбекистон дар солҳои ҷанг намоён шуд. Дар давраи ҷанг ба Ӯзбекистон беш аз 1 миллион нафар, аз ҷумла 200 ҳазор кӯдакони хурд эвакуатсия карда шуд. Кӯдакони ятимеро, ки ба миллатҳои гуногун мансуб буд, халқи ӯзбек ҳамчун фарзандони худ навозиш намуда, ба воя расонид. Масалан, оилаи Шоаҳмад Шомаҳмудови тошкандӣ намунаи баланди инсонпарвариро нишон дода буд.

Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон оҳангари оддии тошкандӣ Шоаҳмад Шомаҳмудов ва рафиқаи ӯ Баҳрӣ Акрамова кӯдакои бенигоҳубин ва ятим мондаи миллатҳои гуногунро ба фарзандӣ гирифта, таълиму тарбия доданд. Онҳо 13 нафар кӯдаки бесарпаноҳмондаи миллатҳои гуногун ва боз се кӯдакро баъди ҷанг ба тарбияи худ гирифтанд. Инҳо: Ҳабиба, Вова, Шуҳрат – рус, Ҳамидулло – украин, Рафиқ, Раҳматулло – татар, Холида – молдаван, Самув – чуваш, Йӯлдош, Эргаш – яҳудӣ, Ҳалима – қазоқ, Қаробой, Неъмат, Муаззам, Ҳакима, Улуғбек – ӯзбек. Оилаи Шомаҳмудовҳо ҳамчун оилаи башардӯст, далерӣ ва шуҷоатӣ бузург нишон доданд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

130 миллат ва қавмҳо зиндагӣ мекунанд. Давлатҳо соҳиби таркиби бисёрмиллатӣ (полиэтникӣ) ва якмиллатӣ (моноэтникӣ) буда, ҳар яке бо хусусиятҳои ба худ хос аз якдигар фарқ мекунанд.

Аз қадимулайём мавҷуд будани вакилони миллатҳои гуногун дар ҳар як кишвар, ба он гуногунрангии табиии хос бахшидааст. Манфиатҳои умумии ҳар як миллат низ дорои арзишҳои ба худ хос мебошад.

Дар мамлакати бисёрмиллат монанди Ӯзбекистон манфиатҳои миллатҳои гуногунро мувофиқ намудан, дар байни онҳо таъмин намудани ваҳдат, яке аз омилҳои ҳалкунандаи тараққиёт мебошад. Зеро истиқболи миллат ба тараққиёти халқҳо ва мамлакатҳои дигар, вазъияти умумҷаҳонӣ ва имкониятҳои он ҳам вобаста аст. Дар тамоми ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар байни қавмҳое, ки дар мамлакати ҳамсоя паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ мекунанд, бидуни сулҳ, осоиштагӣ, барқарорӣ, ҳамкорӣ, ҳамҷиҳатӣ, муносибати баробарҳуқуқӣ, ҳеҷ кадоми онҳо ояндаи дурахшони худро таъмин карда наметавонанд.

Таърихи чандинҳазорсолаи мо, аз он шаҳодат медиҳад, ки оличанобӣ ва инсонпарварӣ, кӯшиш ба ваҳдати байни миллатҳо яке аз фазилатҳои баланди халқ аст.

Инро қонуни асосиамон низ тасдиқ менамояд.

Ғояи таҳаммулпазирии байни динҳо ҳаёти одамонеро, ки соҳиби эътиқоди гуногуни динӣ буда, дар як замин, дар як Ватан, дар роҳи ғоя ва ниятҳои оличаноб ҳамкор ва ҳамҷиҳат шуда зиндагӣ мекунанд мефаҳмонад. Ҳамаи динҳои ҷаҳон ба ғояҳои некӣ асос ёфтаанд, он ба ростқавлӣ, сулҳ, некӣ ва дӯстӣ барин чанд фазилати нек такя мекунад. Одамонро ба ростӣ ва покӣ, меҳру оқибат, инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ даъват мекунад.

Дар ҳақиқат, ҳар як инсон, ҷомеа ва миллат аз фарҳангҳои гуногуни башарият иборат аст, дарк кардан ва эҳтиром намудани он хеле муҳим аст. Зеро бе таҳаммулпазирӣ осоиштагӣ ва бе сулҳ тараққиёт нахоҳад шуд.

Дар айни замон дар мамлакатамон 16 конфессияи динӣ, зиёда аз 2200 ташкилотҳои динӣ ба асосҳои таҳаммулпазирӣ риоя намуда, дар байни ҳамдигар бо сулҳу ваҳдат умр мегузаронанд, ки далели равшани фикри мост.

Дар айни замон эҳтиёт ва эҳтиром намудани анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои миллии халқияҳои гуногун, масъалаи боз инкишоф додан, ғанӣ кардани онҳо ҳамеша таҳти эътибори доимии давлатамон мебошад. Имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти умумии миёна бо ҳафт забон – забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, қароқалпоқӣ,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Мақбарае, ки дар шаҳри Самарқанд дар давраи Соҳибқирон Амир Темур бо номи Дониёл-пайғамбар бунёд карда шудааст, аз ҷониби намояндагони дини ислом, масеҳӣ ва яҳудӣ низ эъзоз карда мешавад. ... Худи ҳамин мисоли ягонагӣ, олиҷанобӣ, некбинӣ ва дар маънои том аз таҳаммулпазирии фазилатҳои табиии халқ ва асоси менталитети он шаҳодат медиҳад».

**Шавкат Мирзиёев**

русӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва қазоқӣ таълим дода мешавад. Ҳамчунин, воситаҳои ахбори умум бо даҳ забони миллатҳое, ки дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, фаъолият бурданашон ифодаи равшани он аст.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият муносибатҳои байни миллатҳо боз ҳам инкишоф ёфт. Рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва инсонпарварӣ, таҳкими ҳамҷиҳатӣ ва ваҳдати байни миллатҳо ва шаҳрвандҳо, тарбия намудани насли наврасро дар асоси рӯҳияи муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ба вазифаи устувори ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфт.

Хусусан имрӯз дар кишварамон дар соҳаи инкишофи ба худ хоси этникӣ ва мустаҳкам намудани муносибатҳои байни миллатҳо 137-то маркази фарҳангии миллӣ фаъолият нишон медиҳад. Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва робитаҳо бо мамлакатҳои хориҷи ва дӯстӣ ба инкишофи фаъолияти ин марказҳои фарҳангӣ ёрии амалӣ ва услубӣ дода истодаанд.

Стратегияи рушди Республикаи Ӯзбекистон барои солҳои 2017–2021 аз 5 самти афзалиятнок иборат буда – таъмини амният, ваҳдати байни миллатҳо ва таҳам-



## ДОНИСТА ГИРЕД

Дар асарҳои алломаи бузург, асосгузори равияи мотурудия Абӯмансур Мотурудӣ (870–944) таҳаммулпазирии динӣ, ҳамаи динҳоро як хел эҳтиром намудан таъкид карда шудааст. Он ба тафсири Қуръон бахшида шуда, дар олами ислом ба таври васеъ маълум аст. Дар асари «Таъвилот аҳл ас-сунна» дар тафсири ояти 40 сураи «Ҳаҷ» чунин гуфта шудааст: «Вайрон кардани калисоҳо ва синагогҳо манъ карда мешавад. Барои ҳамин онҳо то имрӯз дар мамлакатҳои исломӣ вайрон нашуда нигоҳ дошта шудааст. Дар ин масъала дар байни аҳли ислом ихтилофот вуҷуд надорад».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

мулпазирии динӣ, ҳамчунин манфиатҳои байнихудӣ, дар соҳаи сиёсати хориҷӣ равияҳои устувор буда, вазифаҳои муҳими зеринро дар бар мегирад:

- ҳифзи сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии Республикаи Ӯзбекистон;
- таъмини амнияти иттилоотӣ ва такмил додани низоми иттилоот дар соҳаи системаҳои иттилоотӣ, ба таҳдидҳои соҳаи ахбор муқовимати саривақтӣ ва зиддияти муносиб нишон додан;
- таҳкими шаҳрвандӣ, сулҳу салоҳ байни миллатҳо ва байни конфессияҳо;
- таҳкими қобилияти мудофиавии давлат, баланд бардоштани қудрати ҷанговарӣ ва салоҳияти Қувваҳои Мусаллаҳи Республикаи Ӯзбекистон;
- пешгирии муаммоҳои муҳити зист, саломатии аҳолӣ ва ба генофонд зараррасон;
- пешгирии вазъиятҳои фавқулодда ва такмил додани низоми бартарафкунӣ дар назар дошта мешавад.

**Сабақҳои дарс.** Таваҷҷӯҳ ба ваҳдати байни миллатҳо ва қавмҳое, ки дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, дар касбу корҳои гуногун фаолият бурдан, барои аз урфу одат ва анъанаҳо огоҳ шудан замина меофарад. Ин бевосита ба дар дохили миллат инкишоф ёфта, боз ғанӣ гардидани арзишҳои маънавӣ оварда мерасонад.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Ҷиҳатҳои асосии таъмини ваҳдати байни миллатҳо дар мамлакат ба фикри Шумо дар чӣ аст?
2. Ваҳдати байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии байни динҳо дар робитаи байни ҳамдигарӣ чӣ тавр инкишоф меёбад?

## ЧИСТОН

Аз ғубор ҳам ғуборноктар аст. Чист он?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 9 Мавқеи маънавият дар муошират ва муносибатҳои байни худ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Шумо дар бораи фарҳанги муошират чиро мефаҳмед?
2. Шумо чӣ фикр мекунед? Оё ҷомеа бе фарҳанг ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ зиста метавонад?
3. Дар бораи ворид шудан ба муносибатҳои байнихудӣ қоидаҳо вуҷуд дорад?
4. Вақте ки фарҳанги дӯстшавӣ мегӯянд, Шумо чиро мефаҳмед? Дар интихоб кардани дӯстон ба чиҳо эътибор додан лозим аст?

Ҳар як инсон намояндаи як ҷомеаи мушаххас ҳисобида мешавад ва худро аз фарҳанг ва арзишҳои ҳамин ҷомеа ҷудо тасаввур карда наметавонад.

Мулоқот асоси рафтори инсон дар ҷомеа, муносибатҳои ахлоқӣ, динӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, мафкуравӣ ва монанди онҳо мебошад. То он даме, ки инсон дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, новобаста аз шахсияташ ӯ бо дигарон ба мулоқот медарояд. Ба мулоқот даромадани инсон, ӯ чун узви ин ҷомеа, қувваи ба таҳрикдароранда, инкишофдиҳанда талқин карда мешавад. Дар мулоқот кардан одоби муомила аҳамияти муҳим дорад. Рафтори хуб калиди бахту саодат аст. Аломатҳои ахлоқу одоб, ки дар мулоқотҳои байни инсон намоён мешавад, инҳо аст: хушфеълӣ, хушмуомилагӣ, ширинсуханӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Манбаи асосии муоширатро сухан ташкил медиҳад. Дар халқи мо чунин мақол вуҷуд дорад: «Каломи хуб – ҷони одам, каломи бад – марги одам» аст. Каломи хуб ё бад ба руҳияи инсон бевосита таъсир мерасонад. Алломаи бузург Маҳмуд Замахшарӣ чунин мегӯяд: «Ҷароҳати сухан вазнинтар аст аз ҷароҳати шамшер». Сухан рондан ва шунида тавонистан низ фарҳанги мулоқотро ташкил медиҳад. Дар ин бора Юсуф Хос Ҳоҷиб фармудааст: «Суханбозӣ карда тавонӣ ҳам, бо андеша гӯй». Ё худ беҳуда намегӯянд: «Чунон сухан рон, ки арзиши суханҳои ту ба садаф баробар бошад, чунон сукут кун, ки он ба дурру гавҳар табдил ёбад».

Аз ин боис дар ҷараёни мулоқот калимаҳоро интихоб намуда, сухан рондан, чӣ гуфтан ва чӣ тавр сукут карданро донистан лозим.

Бо сухани ширин, бо мулоҳизаву мушоҳида дар мулоқоти самимӣ будан фазилат ва масъулияти ҳар як инсон аст. Дар маҷмӯъ, мулоқот ба сифати воситаи муносибатҳои байнихудӣ бо ҳамдигар таъсир расондани одамон, тарбия ва худтарбиякунӣ нақши муҳим мебозад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Дар интихоби дӯст ба чӣ эътибор бояд дод? Инсонҳои бофарҳанг ба кадом намуди одамон дӯст мешаванд?
2. Ҳикояи зеринро хонед.

*Ман як дӯсти наздик дорам. Вай ҳамеша либоси ороста мепӯшад: либоси ӯ ҳамеша тоза ва дарзмол кардагӣ аст. Одобаш хуб аст. Ӯ дигаронро боодобона мешунавад, суханҳои боандеша ва таъсирбахш мегӯяд. Вай ба одамон танҳо хурсандӣ бахшида, манфиат расонида зиндагӣ мекунад. Ниятҳои нек дорад. Мехоҳад дар муносибатҳои байни одамон, беадолатӣ, такаббур, хиёнат, ҷаҳолат, дурӯггӯӣ барин иллатҳо бартараф шаванд ... Ба саволи мақсадат чист? – дӯстам каме фикр карду ҷавоб дод: «Умри ғаниматамро ба корҳои хайр ва нек сарф намояму аз худам номи нек гузорам...»*

3. Кадом ҷиҳатҳои зебоии маънавии ин дӯстро ба худ гирифтанатон мумкин?
4. Шумо чӣ фикр мекунед? Дар ташаккулёбии чунин тарбияи арзанда дар инсон волидайн, оила ва муҳит чӣ гуна таъсир доранд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДОНИСТА ГИРЕД

Шайх Азизуддин Насафӣ, ки дар асри XII зиндагӣ мекард, дар китоби худ «Инсони комил» овардааст:

«Аломати инсонӣ чор сифат дорад, яъне сухани нек, кори хайр, ахлоқи шоиста ва маърифат. Касе, ки ин чор хислатро дорад, одамӣ аст, вале, касе ки ин хислатҳоро надорад, аз одамиён нест. Касе, ки ин чор хислатро ба камол расонидааст, инсони комил аст».

**«99 сирри зиндагии осуда»**

Дар дунё ҳама ба ҳамдигар пинҳонӣ ва ошкоро ба мулоқот медароянд. Вале танҳо инсон метавонад бо ҳам дар муоширати бошуурона бошад. Муносибат бо ҳамдигар ин хусусияти муҳимест, ки фазилатҳои инсонии онҳоро ошкор мекунад.

Чун ҳар як чиз мантиқ ва фарҳанг дорад, инчунин дар дӯстӣ ҳам мантиқ ва фарҳанг мавҷуд аст. Пеш аз ҳама, ду шахси шиносшаванда якдигарро дар муддати дароз озмоиш намуда, дар ҳолатҳои мушкил сидқан ба ёрӣ омаданашон хеле муҳим аст. Баъди дӯст шудан дӯсти содиқ шуда, дӯстиро қадр бояд кунанд. Дӯсти ҳақиқӣ дар давоми ҳаёти худ ба душвориҳои гуногун ва санҷишҳо ғолиб омада, ҳамболу ҳампаҳлӯ мешавад. Тавре Ҷалолиддини Румӣ фармудааст: «Шахсе, ки дӯсти хуб дорад, ба оина ниёз надорад». Зеро дӯсти ҳақиқӣ, ҳамчун оина нуқсону хатогҳои шахсро мегӯяд ва ӯро аз одатҳои бад бармегардонад.

**Сабақҳои дарс.** Дар инсон ҳама чиз бояд зебо бошад: ҳам қалбаш, ҳам ақлаш, ҳам намуди зоҳириаш, ҳам муомилааш бо дигарон. Чун одамизод дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, вай бо воситаи муоширати фаъол бо дигарон, шаҳрванди фаъол мешавад. Мазмун ва хусусияти мулоқот қисми таркибии барқароркунии муносибатҳои инсонӣ аст.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Фарҳанги муошират барои чӣ лозим?
2. Фарқияти байни шахси дорои мулоқоти фарҳангии баланд ва инсони бомаърифат дар чист? Фикратонро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Санг об мешавад, вале ӯ об нахоҳад шуд. Кист вай?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 10 Мавқеи салоҳияти зеҳнӣ ва маънавӣ дар неруи созандагии маънавияти ҷомеа



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Вобастагии мафҳумҳои байни «мактаб», «маърифат» ва «маънавият»-ро эзоҳ диҳед.
2. Вақте ки «инсонро илму маърифат воломақом месозад», мегӯянд, Шумо чиро дар назар доред?
3. Ба суратҳои зерин нигоҳ карда, дар бораи соҳибони салоҳияти маънавӣ фикр ронед.



Насли наврас донишро дар мактаб мегирад. Мактаб дар қатори дигар даргоҳҳои илм роҳбалади ҳаёти донишомӯз аст, масканест, ки ба ташаккулёбии сифатии шахс кафолат медиҳад. Мактаб дар асоси муносибати муаллим ва талаба сохта шудааст. Дар он маънавият, маърифат ва фарҳанги баланд бояд устувор бошад. Барои ташкил кардани иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мактаби таълими умумӣ вогузоршуда ва дар давоми фаъолият банақшагирии таълиму тарбия, пеш бурдани чораёни таълимиву педагогӣ, ба роҳ мондани корҳои мактаб ба як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ такя карда мешавад. Аз ҷумла, дар соли 1997, қабули Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи таълим» ва барномаи миллии омода намудани кадрҳо, таълим дар мактабро ба марҳилаи нав баровард.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Тарбия чӣ қадар мукаммал бошад, мардум ҳамон қадар хушбахт зиндагӣ мекунад», – мегӯянд донишмандон. Барои мукаммал будани тарбия бошад, ба пайдо шудани фазои холигӣ мутлақо роҳ додан мумкин нест».

**Шавкат Мирзиёев**

«Гар даҳ сол гурусна гардӣ ҳам, аз роҳи ҷустани илму ҳунар нагард».

**Абӯҳанифа Имоми Аъзам**

Дар ҳақиқат, барномаи омода намудани кадрҳои миллӣ дар дунё чун «модели ӯзбек» эътироф карда шуда, ба қисми ҷудонашавандаи Стратегияи рушди миллӣ табдил ёфт.

Ба воя расонидани ҷавонони баркамол, ба онҳо дониш ва таълиму тарбия додан, дар давлати мо бо мақоми конститутсионӣ мустаҳкам гардидааст. Масъалаи таълим, ки асоси маънавияти моро ташкил медиҳад, қисми ҷудонопазири ҳаёт шудааст. Он ҳамеша дар назари диққат ва эътибори давлат буда, дар Қонуни Асосӣ мавқеи мустаҳкамро дорост.

Ҳар як шахс, ки корҳои таълиму тарбияи мактабро, манфиатҳои ҷомеа ва давлатро зери ҳадаф қарор дода, дар амал ҷорӣ мекунад, барои ҳарҷониба камол ёфтани талабагон шароити мусоид меофарад, аз он ҷумла, барои кори мустақилона ва аз болои худ кор кардан ва дониши иловагӣ гирифтан имкониятҳои бештар фароҳам меоварад.

Табиист, ки чун ҳама муассисаҳои таълимӣ хонандагони мактабро руҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, руҳияи ғояи миллӣ, фазилатҳои ахлоқии баланд ба камол мерасонанд. Ҳадафи асосӣ аз он чун инсони ҳақиқӣ, шаҳрванди садоқатманд ба Ватан тарбия ёфтани хонандагон аст.

Мактаб ба устувории таълиму тарбияи насли баркамол аҳамият дода, дар ниҳоди хонандагон садоқатмандиро ба республикаи соҳибистиқлоли Ӯзбекистон ва Конститутсияи он ташаккул медиҳад, эҳтиром ва интизоми қатъиро ба рамзҳои давлат (парчам, Суруди миллӣ ва герби он), пухта аз худ кардани асосҳои донишро меомӯзонад. Ҳамчунин мактаб вазифадор аст, ки дониш ва фарҳанги талабагонро ташаккул



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

дода, онҳоро чун шахсоне ба воя расонад, ки дар назди оила, ҷамъият, давлат масъулнокии худро дарк кунанд. Шахсонеро ба камол расонад, ки донишҳои гирифтаашонро дар ҳаёт татбиқ карда тавонанд. Мӯҳтавои асосии рушди ҷомеаи имрӯза тарбия намудани насли солими ахлоқан пок, ҷисман қавӣ, садоқатманд ба Ватан, ҷӯянда, инсони фидоии дорои фикри мустақил, ташаббускор аст.

*Чун олам аз одам боло қарор дорад,*
*Инсон барои дониш гирифтан эҳтиёҷ дорад.*

Илму маърифат қувваест, ки тобеияти маънавиро бартараф менамояд. Он ба инсон чун омили бахшан-

## ДОНИСТА ГИРЕД

«Дар ҷое, ки ҳамраъйии тарафайн вуҷуд дорад, дар он ҷо фаровонии оила, равнақи кишвар, бахт ва саодати халқ қарор меёбад».

**«Хазинаи ҳикматҳо»**

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Чаро нисбат ба одамони донишманд ва доно ибораи «мактабдида»-ро истифода мебаранд?
2. Агар мактаб набошад, таълиму тарбияи ҷавонон дар кадом ҳолат мешавад?
3. Ҳикояи зеринро хонед ва фикри худро баён кунед.

*Каримҷон дар синф талабаи аълохон аст. Ӯ ҳар рӯз ғайр аз вазифаи хонагӣ рӯйдодҳо ва ҷараёнҳоеро, ки ба мавзӯи дарс дахл дорад, ба дафтараш қайд мекунад. Вақте ки муаллим аз дарси таърих дар бораи давлати Темуриён пурсид, ӯ аз асари Соҳибқирон «Тузукоти Темурӣ» истифода бурда, дар бораи одилона идора намудани салтанат, дар давлат қарор ёфтани адолат ва боқатъият будани ҳокими давлат илова кард.*

*Дар охири дарс, вақте ки ҳамсинфонаш атрофашро иҳота карда, аз ӯ сирри дар ҳар як дарс маълумоти ҷолибро чӣ тавр ёфтанашро пурсиданд, ӯ ҳар рӯз баъди дарс ба китобхонаи мактаб рафта 2 соат адабиётҳои бадеӣ, қонун ва қарорҳоеро, ки нав баромадааст, мунтазам хонда, ба дафтари худ қайд карданашро гуфт.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE




Таърихи умумии маънавият ҳаминро нишон дод, ки сивилизатсия ин натиҷаи муборизаҳои инсон барои камолот мебошад. Ҳар гуна дину таълимотҳо барои омӯзиши қобилият, рухия ва ахлоқ, тарбия намудани инсони комил, ба роҳи дуруст ҳидоят намудани он машғул аст.

**Н. Комилов, «Корвони тафаккур»**

даи қувваи ақлӣ, рухӣ намоён мешавад. Ӯ одамонро аз чанголи ҷаҳолат озод мекунад, аз корҳои вайрон, бад, гуноҳ бармегардонад, барои соҳиби хулқ ва одоби нек шудан ёрӣ мерасонад. Танҳо одаме, ки соҳиби илми ҳақиқӣ ва маърифат аст, қадри инсон, арзишҳои миллӣ, худшиносӣ, дар ҷомеаи мустақил ва озод зиндагӣ намудан, агар бо як калима гӯем, барои давлати соҳибистиқлоламон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҷои сазовори ба худ муносиб ва обрӯмандро гирифтан фидоигӣ нишон дода метавонад.

Бинобар ин, ҷомеаи аз одамони бомаърифат ташкилёфта равнақ меёбад, ояндаи вай нурафшон мешавад. Масалан, тааҷҷубовар нест, ки дар замони Соҳибқирон Амир Темур халқи мо дар боби маънавият ва маърифат машҳур гардидааст.

Маърифат ба сӯи маънавият мебарад. Ба ҳаёт ворид намудани маънавият на танҳо аз ҷониби маориф, балки тавассути даргоҳҳои маърифат, иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ, ташкилоту муассисаҳо низ амалӣ карда мешавад. Ин ба афзоиши маънавии одамон мусоидат карда, ба афзоиши маънавӣ ва маърифати халқ имконият фароҳам меорад.

Тавассути маърифат иқтидор, истеъдод ва қобилияти инсон вобаста ба кӯшишҳояш ба дараҷаи маълум мерасад. Ноил шудан ба дигаргуниҳои умумиҷтимоӣ дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисодиёт масъулияти аҳли маънавият аст. Зеро инсонҳои ҳақиқии бомаърифат ба рушди кишвар ва ҷои сазовор ёфтани он дар олам ҳиссаи муносиб гузошта метавонанд, онро барои чун гавҳараки чашм нигоҳ доштан низ қодиранд. Ин бошад, дар навбати худ ба устоду мураббиён, ба падару модарон, ба зиммаи тамоми ҷомеа масъулияти калон-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ро вогузор карда метавонад. Ба ҷо мондани эҳтироми устодоне, ки ба ҷавонон таълиму тарбия дода, онҳоро ба маънавияту маърифат даъват менамоянд, барои онҳо шароити мусоид фароҳам овардан аз вазифаҳои муҳим аст.

Маърифатпарвари бузург Абдуллоҳ Авлонӣ гуфтааст: «...халқи бомаърифат ҷасур хоҳад буд. Ҷасурӣ аз матонати қалб ва солимии руҳ иборат аст. Халқе, ки аз маориф илм ва фарҳанг маҳрум аст, дар байни панҷаҳои ҷаҳолат чун хамир мушт зада шуда, дар тахти афъолаш низ аз гиребони нафси худ ҷудо шуда наметавонад. Зеро ки ҷаҳолат ва тарс мусибати аз фақирию мухтоҷӣ даҳшатноктар аст...».

**Сабақҳои дарс.** Дар натиҷаи ислоҳотҳое, ки дар кишвари мо дар амал ҷорӣ шуда истодааст, ҷомеаи мо ба сӯи истиқболи озод ва ояндадор рӯй овард. Рушди маънавият ва маърифат ба самти аз ҳама устувори сиёсати давлат табдил ёфт. Зеро инсон, халқ, қудрати ҷомеа ва давлат, таърихи маънавӣ ва маърифии шаҳрвандон, асосҳои миллию қавмӣ, арзишҳои миллӣ, асоси салоҳияти халқ – ин натиҷаи таълиму тарбия дар мактаб аст.

## САВОЛҲОИ БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Имрӯз дар таъмини рушди устувори тараққиёт дар Ӯзбекистон нақши таълим ва тарбияро асоснок намоед.
2. Нақши маърифат дар баланд бардоштани салоҳияти зеҳнӣ ва маънавии инсон чӣ гуна аст?
3. Кадом намуди одамонро шахси салоҳиятноки ақлӣ мешуморем? Фикратонро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Ба онҳо соҳиб шудан, онҳоро дар худ ҷамъ намудан, онҳоро пайдо кардан осон нест. Онҳоро дуруст сарф намудан, дар ҷояш, самарабахш истифода бурдан аз он ҳам душвортар аст. Онҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 11 Адабиёт — ифодаи маънавии дили халқ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Чаро адабиётро асоси ба маънавият баранда мегӯянд? Дар асоси суратҳо фикратонро асоснок намоед.
2. Нақши адабиёт дар баланд бардоштани маънавият чӣ гуна аст?
3. Оё бе адабиёт мероси маънавиро ба наслҳои оянда расонидан имконпазир аст?

Як шахс дар корхонаи истеҳсолӣ кор мекунад, ӯ телефон, телевизор, мошин ё пойафзор истеҳсол мекунад. Истеъмолкунандагоне, ки аз маҳсулоташ истифода мебаранд, ба меҳнати ӯ баҳо доданашон мумкин. Одами дигаре эҷод мекунад. Ӯ шеър ё романи бадеӣ менависад. Кӣ арзиши онро мебарорад? Умуман, ба эҷоди бадеӣ баҳо дода метавонем? Баҳои қобилияти эҷодӣ, истеъдод ва эҳсосотҳои ботинӣ чӣ гуна аст? Ҷавоби он хеле душвор аст. Ба истеъдоди илоҳӣ, қобилият, адабиёт баҳо додан ғайриимкон аст. Ҳар як кас ба ҳоли худ баҳо медиҳад, дар чаҳорчӯбаи ҷаҳонбинии худ қабул менамояд.

Баҳои эҷоди инсоне, ки дарду ташвишҳои миллат, кишвар, халқ ва муваффақиятҳояшро аз қалбаш баровnapда ба қоғаз сабт мекунад, хеле мушкил мешавад. Ин аст баҳои адабиёт.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Вақте ки мо шоир мегӯем, пеш аз ҳама, бузургони беназиреро, ба монанди Алишер Навоӣ дар назар дорем, вақте ки нависанда мегӯем, Абдуллоҳ Қодирӣ, Ойбек барин инсонҳои бузург ва мӯътабарро, ки на танҳо истеъдоди ноёб, балки тамоми ҳаёташонро барои халқаш бахшидаанд, тасаввур мекунем.

Агар бо як ибора гӯем, халқи мо адабиётро як даргоҳи муқаддас ва бузург медонад. Чунин баҳо дар ҳаёти халқу кишвар, ба дараҷаи баланд будани эҳтирому эътиборро ба намояндагони ин соҳа, боварӣ ба суханҳои ҳақ, ба асарҳои пурмаънои онҳо, пурра нишон медиҳад.

**«Эътибор ба адабиёт – эътибор ба оянда»**

Адабиёт (арабӣ. маҷмӯи одоб) – қисми таркибии маънавияти умумбашарӣ, натиҷаи фаъолияти адабӣ, соҳаи эҷод, ки дар такмил ёфтани ҳаёти ҷомеа аҳамияти муҳим касб менамояд.

Адабиёт бо ду маъно истифода бурда мешавад:

1) ба маънои васеъ — ҳамаи навъҳои китобҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо;
2) ба маънои маҳдуд – адабиёти бадеӣ, маҷмӯи асарҳои бадеии жанрҳои гуногун.

Баъди ба миён омадани хат, инкишофи нутқи хаттӣ фарҳанги навишти адабиёти бадеӣ низ ташаккул ёфт. Адабиёти бадеӣ ба яке аз воситаҳои асосии маънавияти ҳар як халқро аз наслҳо ба наслҳо гузаронанда табдил ёфт. Адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ ба кадом халқ мансуб бошад, бо номи ҳамон халқ номида мешавад.

Мақсади асосии омӯзиши адабиёт дар муассисаҳои таълими умумӣ ташаккул додани олами маънавии инсонҳои комиле мебошад, ки ҳиссиёти дигаронро мефаҳманд, ба арзишҳои миллию умумибашарӣ содиқ буда, диди баланд доранд, баркамол буда, ҳатту ҳаракатҳои худро идора карда метавонанд.

«Асари бадеӣ ҳамин гуна дарахтест, ки дар шохҳои он меваҳои умумбашарӣ пухта мерасанд ва решаҳои он дар заминаи миллӣ ҷой доранд».

**Ӯткир Хошимов**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Сухан чун қимати инсон арзишманд аст».

**Ҷалолиддини Румӣ**

Дар ҳамаи мамлакатҳо мафҳуми Ватан ва ғояҳои ватандӯстӣ вуҷуд дошта, чунин ҳиссиётҳо ба манфиатҳои давлат, тафаккури халқ, тарзи ҳаёт, масъалаи ташаккул додани руҳия бевосита вобаста аст.

Дар ҳикматҳои Чин, ки дар тамаддуни дунё ҳиссаи бузург гузоштааст, эътибори ба таълим нигаронида шудаи Ҷопон, рушди Корея мо бузургии ғояҳои ватандӯстиро мебинем. Ғояҳои ватандӯстӣ, ки дар дарсҳои адабиёт омӯзонида мешавад, ҷавононро ба ташкил кардани зиндагии орому осоишта, эҳтиром намудани урфу одат ва анъанаҳои дигар халқҳо, арзишҳои умумибашарӣ ба сӯи ҳаёти устувор илҳом мебахшад.

Ба воситаи омӯзиши асарҳои бадеӣ ҷавонон кӯшиш менамоянд, ки чун қаҳрамонҳои асар ватандӯстии худро намоиш дода, рафтор кунанд. Дар ҷараёни рушди ҷомеаи одамӣ мероси маънавӣ, боигариҳои маънавӣ, ёдгориҳои таърихии қадимаи бо ақлу заковати наслҳои бисёре офаридашуда калиди ҳамаи ганҷҳо мебошад.

Табиӣ аст, ки манбаъҳои хаттие, ки барои худшиносии миллат хизмат мекунанд, на танҳо аз гузаштаи ӯ



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Тасаввур кунед, ки як дӯсти наздики Шумо эҷод мекунад. Шеърҳое, ки ӯ навиштааст, хеле таъсирбахш аст, онҳоро хонда ба фикр фӯру меравед. Дар чунин вазъият қалби шуморо чӣ гуна эҳсосот фаро мегирад?
2. Дар яке аз шабакаҳои телевизионҳои хориҷӣ дар бораи ҳаёти алломае, ки ҳамватани мо мебошад, намоиши телевизионӣ рафта истодааст. Вақте ки Шумо ин ҳолатро мебинед, Шуморо ҳисси ифтихор фаро мегирад? Чаро?
3. Ақидаи зерини маърифатпарвари бузург Абдулло Авлониро эзоҳ диҳед:

*«Оинаи ҳаёти ҳар як миллате, ки дар дунё вуҷуд дорад, забон ва адабиёти ӯ мебошад. Барҳам додани забони миллӣ, нест кардани руҳияи миллат аст».*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Ҳар як инсон ҳуқуқи озодии фикр, баёни сухан ва эътиқод дорад. Ҳар шахс метавонад ахбори ба худ заруриро ҷустуҷӯ намояд ва паҳн кунад, ахбори ба сохти конститутсионии дар амал зид ва дигар маҳдудиятҳои бо қонун муайяншуда аз ин истисност»...

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 29**

дарак медиҳанд, балки чун арзишҳои маънавии имрӯза хизмат мекунанд. Масалан, ёдгории маънавии «Авесто», ки таърихи қариб сеҳазорсола дорад, достони «Алпомиш», ки дурдонаи ноёби эҷодиёти шифоҳии халқ аст, асарҳои аҷдоди бузургамон Имом Бухорӣ, Имом Термизӣ, Имом Мотурудӣ, Муҳаммад Мӯсо Хоразмӣ, Ал-Фарғонӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Амир Темур, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ ва дигар аҷдоди ҷадиди мо мероси бузурги маънавию маърифӣ, илмӣ, иҷтимоию фалсафӣ мебошанд. Танҳо дар «Авесто» бадӣ ва некӣ, некӣ ва рӯшноӣ, ягонагии инсон ва табиат, рушди аввалини асосҳои фаровонию баркарорӣ ифодаи худро ёфтааст. Эҷодиёти шифоҳии халқ, ки омили ганҷинаи маънавӣ низ ба шумор меравад, маънавияти миллӣ, ватандӯстиву қаҳрамонӣ, дониш ва таҷрибаҳои вобаста ба давлатдориро дар худ муҷассам карда, имрӯз ҳам ба сифати хазинаи бебаҳои маънавӣ дар рушди ҳамаҷонибаи мамлакат, ба истиқболи нурафшони он хизмат карда истодааст.

Тавассути адабиёт эътироф шудани арзишҳои халқҳои дигар ба воситаи асарҳои бадеӣ аён мешавад. Инчунин, аз тарафи халқҳои дигар, ки ба воситаи намунаҳои асарҳои бадеӣ баён карда шудааст, эҳтироми хосаро нисбат ба таърихи ҳамон халқ ифода мекунад.

«... Ҳаёти ибратбахши бисёр зиёиёни маърифат мисли Аҳмади Дониш, Абдурауфи Фитрат, Файзулло Хӯҷаев, Садриддин Айнӣ, ки дар ин кишвари бостонии мо тавлид ёфта эҷод кардаанд, имрӯз ҳам дар барпо намудани ҷамъияти нав дар кишварамон, дар тарбия намудани насли баркамол, дар баланд бардоштани маънавиятамон ба мо қувваи бузург бахшида истодааст».

**Шавкат Мирзиёев**



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«...эътибор ба адабиёт ва санъат, ба маданият — ин аввало эътибор ба халқамон, баояндаамон буданашро, чунонки, шоири бузургамон Чўлпон гуфтааст, адабиёт, маданият зинда бошад, миллат зиндагӣ карданаш имконпазир буданашро ҳеҷ гоҳ барои фаромўш кардан ҳақ надорем».

**Шавкат Мирзиёев**

Чунин эътироф барои боз ҳам баланд бардоштани ғурур ва ифтихори халқ худшиносии миллӣ, ифтихор аз адабиёт, эътиборро ба фазилатҳои маънавӣ зиёд мекунад. Қувва ва силоҳи адабиёт ҳам дар ҳамин намоён мешавад. Халқи мо мероси ниҳоят қадима, хазинаи бойи фарҳангӣ дошта, он аз насл ба насл мегузарад. Он аз урфу одат ва анъанаҳо, идҳо, навиштаҷот (матн)-ҳои бостонӣ ва бозёфтҳои археологӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ, намунаҳои бадеии адабиёти хаттӣ, санъати тасвирӣ ва амалӣ, инчунин обидаҳои ёдгориҳои беназири меъморӣ иборат аст.

**Сабақҳои дарс.** Адабиёт – воситаи аз ҳама самарабахшест, ки пеш аз ҳама, барои ба ҷамъияти ҷаҳонӣ бо тарзи фаъол ва табиӣ ворид шудани инсони бомаънавият ва бомаърифат худро ба сулҳ, ба ҳамкории баробар бо сулҳ, ба демократия, ба ҳуқуқҳои инсон ва арзишҳои умумбашарӣ, содиқ буданашро нишон медиҳад.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Нақши адабиёт дар маънавияти инсон дар чист?
2. Тавассути адабиёт кадом хусусияти инсонӣ ташаккул дода мешавад?
3. Фикри «Адабиёт зинда бошад, миллат зинда аст»-ро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Обҳои зулоли чашмаи тафаккур. Онҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 12 Муштаракии маданияти экологӣ ва маънавият



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Дар ташаккул додани маънавияти инсон экология чӣ гуна робита дорад?
2. Мафҳуми экологияро фаҳмонед.
3. Фикри «Ҳимояи экология — ҳимояи инсоният»-ро эзоҳ диҳед.
4. Ба расмҳои зерин нигаред. Муҳофизи экология бояд соҳиби кадом фазилатҳо бошад?

Камолот ва бофарҳангии инсон на ба намуди зоҳирии он, балки бо ҷаҳонбинӣ ва ба салоҳияти ӯ муайян карда мешавад.

Маданияти экологӣ – нишондиҳандаи баланди фаъолияти амалӣ буда, ба дониши чуқур оид ба муҳити зист, ҳифзи табиат, ғамхорӣ нисбат ба растаниҳо ва ҳайвонот, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва рушди онҳо нигаронида шудааст.

Барои аз об сарфакорона истеъмол намудан, ҳавзаҳои обро ифлос накардан, партовро ба ҳар куҷо нарехтан, ҷойҳои истиқоматро озода нигоҳ доштан, ғамхорӣ нисбат ба ҳайвонот, парвариш намудани паррандаҳо ниҳоят мураккаб будани раванди чараёни экологӣ, аз аъзоёни ҷомеа ба тарзи нав тафаккур кардан, ҷаҳонбинии нав, ахлоқ, фарҳанг, камолоти маъ-



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Агар заминҳои харобшуда бесоҳиб бошанд, аз ҷониби холиса (яъне маҳкамае, ки заминҳои давлатиро идора мекунад) обод карда шудаанд.

Агар замин соҳиб дошта бошаду барои обод кардан қурбаш нарасад, ба ӯ асбобу ускунаҳои гуногун ва чизҳои заруриро додан лозим аст, то ки ӯ замини худро обод кунад.

Боз амр намудам, ки дар заминҳои харобшуда корезҳо созанд, пулҳои вайроншударо таъмир кунанд, ба болои ҷӯю дарёҳо кӯпрукҳо созанд, дар шафати роҳҳои ҳар як манзилгоҳ работҳо обод кунанд».

**«Тузукоти Темурӣ»**

навӣ талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, таълим ва тарбияи экологиро ба инсон наомӯзонида, ӯро инсони фазилатҳои воло дошта гуфта наметавонем.

Дар ин ҷо аз ҳама вазифаи муҳим ташаккули фаҳмиши ягона оид ба муҳити зист, эҳтиёт намудани табиат, таъсири байни худи табиат ва ҷомеа аст.

Ҳифзи Модар-табиат, эҳтиёт намудани захираҳои табиӣ, тозаву покиза нигоҳ доштани муҳити атроф ва бартараф намудани муаммоҳои мавҷудаи экологӣ вазифа ва масъулияти асосии ба пеши худ мондаи инсон дар назди давлат ва ҷомеа ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, ба ташаккули фарҳанги экологии ҷавонон ва дар ин соҳа аз мероси ғании халқ ба таври васеъ истифода бурдан эътибори алоҳида додан лозим.

Амиқтар омӯхтани мероси қадима ва ғании аҷдодамон дар соҳаи фарҳанги экологӣ, хоки ватан, об, боду ҳаво, табиатро ҳафз карда дар ҳолати мусаффо ба наслҳои оянда гузаштан, ташаккул додани фарҳанги экологӣ дар ҷавонон барин муаммоҳо тарафт зиёд шуда, масъалаи ҳифзи муҳити табиӣ ҳатто дар Конститутсия оварда шудааст.

Дар ин бора Нахустин Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов бо дилсӯзӣ таъкид карда буд: «Дар паллаи ба асрҳо ҳамшафат омада, тамоми инсоният, аҳолии кишварамон ба хавфи экологии ниҳоят калон дучор омад. Инро ҳис накарда, дастҳо беҳаракат нишастан, ба маҳкум намудани худ баробар аст...»

Аҷдодамон барои пешгирии вайроншавии муҳити экологӣ кӯшиш кардаанд, ки нисбат ба табиат ниҳоят эҳтиёткор бошанд, ӯро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоянд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Дар асари Абурайҳони Берунӣ «Сайдана» оиди 1118 намуди растаниҳо, аз он ҷумла 750 намуди растаниҳои шифобахш, ҳамчунин 101 намуди ҳайвонот таърифи муфассал дода шудааст. Ӯ дар кори худ оид ба 4500 растанӣ, ҳайвон, номҳои маъданӣ ва маҳсулотҳое, ки аз онҳо гирифта мешавад ба забонҳои арабӣ, забони юнонӣ, ҳиндӣ, форсӣ, суғдӣ ва ғайраҳо маълумот ҷамъ намуда, мафҳумҳои ҳамондавраи дорушиносиро ба тартиб даровардан ҳиссаи калони худро гузоштааст. Бузургии илми ӯ дар он аст, ки дар тадқиқоту таҷрибаҳояш ба хулосае омадааст, ки тамоми ҳодисаҳои дар табиат буда дар асоси қонуниятҳои муайяни табиӣ рӯй медиҳанд.

Агар ба ёдгории таърихӣ ва адабии халқи мо бо номи «Авесто» эътибор диҳем, шоҳид мешавем, ки аҷдодамон ба муҳит, ба Замин-модар ниҳоят эҳтиёткор будаанд. На танҳо эҳтиёт буданд, балки ҳавою замин, обро муқаддас медонистанд. Мо вобастагии мустаҳками ҳаёт ва табиатро бо олами руҳӣ дарк намуда, аз бисёр чизҳо воқиф мешавем. Дар ташаккул ёфтани дунёи маънавии инсон аз замонҳои қадим муҳит таъсири зиёд дорад.

Фоҷиаи экологии Арал хатари ҷаҳонӣ буда, ин фоҷиаро мамлакати мо ва кишварҳои ҳамсоя дар танҳоӣ бартараф карда наметавонанд. Барои ин ҳамаи давлатҳои ҳамсоя бояд дастҷамъона кор бурда, ба натиҷаҳои мусбат ноил шаванд. Шахсе, ки дар ҳамин кишвар таваллуд шуда ба воя расидааст, ҳеҷ гоҳ ба тақдири кишвари худ бефарқ шуда наметавонад. Ватандӯстӣ ва инсонпарварии инсонӣ низ дар чунин вазъиятҳо пурра намоён мешавад. Барои соҳиби фазилатҳои маънавию ҳақиқӣ шудан, ба ҳама муаммоҳоро чун муаммои худӣ назар кардан лозим аст. Аз ин рӯ, ҳамаи мо

«Шаҳрвандон маҷбур ҳастанд, ки бо муҳити табиӣ дар муносибати эҳтиёткорона бошанд».

**Моддаи 50, Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон**



**ДОНИСТА ГИРЕД**

Ҳикмати Берунӣ, ки гуфтааст: «Агар инсонҳо нисбат ба табиат зӯроварӣ карда, қонунҳои онро ба тарзи дағал вайрон кунанд, рӯзе табиат ба сари онҳо чунон кулфатҳоро андохтанаш мумкин, ки ӯро ягон қуввае гардонда наметавонад» нишонаи аз ин ҳазор сол пеш муаммоҳои глобалии имрӯзаро башорат доданаш мебошад».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ин кишварро на танҳо чун хонаи умумӣ, балки барои ҳамаамон қалби ягона гуфта, дарк карданамон лозим аст.

Муаммои дар як минтақа паҳн шуда, муаммои на як миллат, инсон, давлат шахс буда, ба муаммои як минтақа бояд табдил ёбад. Одамон ба ҳамдигар шарик шуда, дар ҳамкорӣ онро бояд бартараф намоянд. Дар ин раванд маънавият бояд асоси кори ҳамагон бошад.

Имрӯз барои батартибдарории ҳифзи муҳит, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ, асоси мустаҳками

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Агар ба муҳит ягон зарар расида бошад, барои бартараф кардани он Шумо кадом роҳро пеш мегиред? Пешгирии он ба Шумо чӣ хел фоида меорад?

2. Вазъияти зеринро хонед ва ба муносибати Анвар фикри худро гӯед.

*Вақте ки Анвар аз мактаб бозмегашт, насоси обкашии ҳамсояаш вайрон шуда, аз кран беист об мерафтагӣ шуд. Рӯи ҳавлӣ ва ҳатто девори ҳамсоя низ зери об монда, ба афтидан наздик шуда буд. Ӯ лаҳзае нигоҳ карда истод. «Ба фикрам ҳеҷ кас дар хона нест», – гуфту гузашта рафт. Ба хона расида либосҳояшро иваз кард, баъди хӯроки нисфирӯзӣ бояд ба маҳфили шоҳмот мерафт. Боз ба мактаб баргашт. Дид, ки дар ҳавлии ҳамсоя, ки ба об ғарқ шуда буд, одамон ҷамъ омадаанд. Девори ҳамсоя низ афтида буд. Ҳама чизҳое, ки дар ҳавлӣ буд – гулҳо, кати чӯбӣ ва дигар чизҳо ба ҳолати барқарорнашаванда омада буданд. Ӯ ба ҳавлӣ даромадан замон: «Эҳа, ҳама ҷой вайрон шудааст-ку, барои чӣ дарвозаи обро кушода монда рафтед?» – гуфт. Дар ин ҳангом духтари ҳамсоя «Чӣ тавр донистед, ки дарвоза кушода аст?» – гӯён пурсид. Анвар аз суханҳои худ пушаймон шуда, на «ҳа» ва на «не», гуфтанашро донист. Ӯ сахт пушаймон шуд, ки ҷумаки кранро дар вақташ маҳкам карда натавонист.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ҳуқуқӣ офарида шуд. Дар Ӯзбекистон дар ин масъала тақрибан 30 қонуни муҳим ва садҳо санадҳои меъёрӣ қабул шудаанд. Дар қонун «Дар бораи назорати экологӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ ташаккули фарҳанги экологии ҷомеа, ҳимояи ҳифзи муҳити атроф инъикос гардидааст.

**Сабақҳои дарс.** Имрӯз таълим ва тарбияи экологиро ба шуур ва тафаккури одамон ворид накарда, ҷомеаи баландпояи бомаънавият ва бомаърифат сохта намешавад.

«Масъалаи муҳимтарин он аст, ки мо бояд ба баланд бардоштани фарҳанги экологии аҳолӣ ҷиддан диққат диҳем. Албатта, ин гуна мушкилотро танҳо бо усулҳои маъмурӣ ҳал карда намешавад, ба ин фақат дар дили насли наврас меҳру муҳаббатро нисбат ба модар табиат, ба воситаи тарбия намудани ҳисси дахлдорӣ ба он ноил гаштан мумкин».

**Шавкат Мирзиёев**

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Вазифаҳои асосии ташаккули фарҳанги экологӣ дар тарбияи насли ояндаи камолёфта аз чиҳо иборатанд?
2. Шумо фикри «Табиат ва инсон дар асоси қонуниятҳои муайян бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд. Вайрон намудани ин қонуниятҳо ба фоҷиаҳои экологие, ки онро дар оянда ислоҳ кардан номумкин аст, оварданаш мумкин» чӣ фикр доред?
3. Имрӯз барои ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи табиат дар мамлакати мо кадом саъю кӯшишҳо дар амал ҷорӣ карда мешаванд?

## ЧИСТОН

Чун вай ором аст, одамизод низ ором аст. Агар вай ноором бошад, ҳаёти одамӣ дар зери хавф аст. Чист он?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 13 Ташаккул додани маънавияти баланд дар фаолияти ҷавонон





## САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Асоси фаъолияти иҷтимоии ҷавононро чиҳо ташкил менамояд?
2. Кадом фазилатҳо бояд барои «Ман фарзанди кишвари азизам ҳастам, ман авлоди аҷдоди бузургам, ман соҳиби таърихи бостонӣ ва фарҳангӣ ҳастам» гуфтан қарор ёбанд?
3. Ба суратҳо диққат намуда, дар бораи он чизҳое, ки ин ҷавононро бо ҳамдигар наздик мекунанд, фикр кунед.

Кӯдак аз рӯзи таваллудаш дар муҳити оила зиндагӣ мекунад. Анъанаҳо, арзишҳо, урфу одатҳое, ки ба оила хос аст, барои ташаккул ёфтани кӯдак ҳамчун шахси комил асос мешаванд. Фарзандон тавассути мактаби ҳаёти оилавӣ талаботҳои ҷомеаро дарк намуда, эҳсос мекунанд, ки ин ҳама беҳуда нест.

Имрӯз ҷавонони кишварамон дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт бо шуҷоат фаъолият пеш мебаранд. Онҳо донишҷӯ ва талаба, коргару шифокор, педагог ва муҳандис, соҳибкоранд. Ҷавонони мо дорои малакаҳои хуби компютерӣ, техникаи интернетӣ буда, чанд забони хориҷиро медонанд ва дар мамлакатҳои пешрафта таҳсил намуда, ба майдони ҷаҳонӣ низ баромада истодаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Барои дар оянда чун давлати абарқудрат шудани Ӯзбекистон кадрҳои бонуфуз ва мутахасисони соҳибмалакаро тарбия бояд намояд. Имрӯз барои ин вазифаи бузургро бошарафона иҷро намудан, зарурат ба кадрҳои педагогӣ, ки бо технологияи муосири таълимӣ мусаллаҳанд, торафт меафзояд. Дар кишвари мо 14 сентябри соли 2016 қабул карда шудани Қонун



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Вақте, ки «Фарзандони фидоии Ватан» мегӯем, айнан кадом ҷавонҳоро дар назар дорем?
2. Оё ҷавонони ҷисмонан солимро маънан солим гуфтан мумкин аст?
3. Матнҳои зеринро хонед ва ба чунин муваффақиятҳо чӣ тавр соҳиб шуда тавонистанро бо фикрҳои худатон гӯед.

*Шоҳмотбозони ҷавони Ӯзбекистон истеъдод ва маҳорати худро дар чемпионати ҷаҳони шаҳри Минск дар байни бачагон оид ба шоҳмоти рапид ва блитс нишон дода, ба ғалабаҳои бузург ноил гаштанд. Дар чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳмати блитс дар байни писарбачагони синни даҳсола, Исломбек Синдоров медали тиллоро ба даст даровард, Абдулбосит Шарифҷонов бошад, сазовори медали нуқра гардид.*

*Исломбек Синдоров аз нуҳ партия дар ҳашт бозӣ ғалаба ба даст оварла,- бо 8 хол ба баландтарин зина баромад. Ӯ Константин Котелников, Арсений Чумак, Всеволод Тимофеев, Патрик Першин, Тамерлан Чиндигири россиягӣ, Мотеус Дудникаси литвонӣ, Игор Нагорнии украинагӣ ва ҳамҷамоааш Абдулбосит Шарифҷоновро мағлуб кард. Исмоилбек дар чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳмоти рапид низ бомуваффақият иштирок намуда, соҳиби ҷои дуюм гардид. Ӯ дар мусобиқа бо Александр Черкашин, Сергей Погорелов, Всеволод Пономарев, Тамерлан Чиндигирии россиягӣ, Олексий Поповский, Юрий Хриновский, Кемал Башированы украинагӣ ва Пан Хиэм Доани вйетнамӣ ғолиб омада, дар ҳамин баҳс бо Михей Науменкои белорус, ки чемпион буд, як хел – 8 хол ҷамъ намуда, бо нишондодҳои иловагӣ медали нуқраро ба даст даровард.*

***Маводҳои ЎзА***



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Дар бораи асосҳои сиёсати давлат оид ба ҷавонон дар Республикаи Ӯзбекистон» ғамхории олӣ ва эътибори баланди давлатро нисбат ба ҷавонон таҷассум менамояд.

Рағбатноккунии иштироки фаъоли ҷавонон дар ҷараёни амалисозии ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, шароити зарурӣ фароҳам овардан барои нумӯ бахшидани салоҳияти маънавиву аълоқӣ, ғоявӣ-назарӣ ва дар асоси тадқиқот бурдан сиёсати доир ба ҷавононро амалӣ намудан айни замон аҳамияти муҳим касб мекунад. Қабул гардидани ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, дар баробари такяи ғояҳои адолати иҷтимоӣ, инсондӯстӣ, меҳру оқибат тамоюлҳои асосии фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷавононро мустаҳкам менамояд. Ислоҳотҳои дар асоси Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи таълим» ва Барномаи тайёркунии кадрҳои миллӣ гузаронидашаванда, барои амалӣ кардани вазифа ва мақсадҳои омода намудани кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир равона гардидааст.

| | |
|---|---|
| Муҳими бардани сиёсати ҷавонон | озодбаёнӣ ва шаффофият; |
| | иштироки бевоситаи ҷавонон; |
| | дастгирӣ ва ҳавасмандкунии ташаббуси ҷавонон; |
| | устувории арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ; |
| | баланд бардоштани эътибор ба меъёрҳои маънавӣ; |
| | роҳ надодан ба поймол шудани ҳуқуқи ҷавонон; |
| | дар дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа дар сафи пеш будан; |
| | иштироки фаъол дар татбиқи ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ва ғайра. |

Тарбия намудани арзишҳо ва сифатҳои волои миллӣ, арзишҳои умумбашариро ба инобат гирифта, дар шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, инкишоф додани худшиносии миллӣ, кӯшиш ба маҳорати касбӣ, барқарор кардани сифатҳои ба меҳнат, ба таври мунтазам баланд бардоштани малакаҳои худ равонакунанда, омода намудан ба ҳаёти оилавӣ, тарбия намудани ҳисси масъулият ва ҷавобгарӣ дар назди оила, падару модар ва хешовандон барин масъалаҳо ифода ёфтаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тарбия намудани насли баркамол – асоси ташаккул додани маънавият ва тафаккури ҷавонон аст. Ӯзбекистон кишвари ҷавонон аст. Ояндаи давлат, рушди миллат ба дониш, ғайрату шуҷоат, ҷаҳонбинӣ, ҳиссиёти ватанпарварӣ ва чӣ қадар баланд будани дараҷаи камолоти ҷавонони имрӯза вобаста аст. Ҷавонони оянда бояд фикрронии озод дошта, мустақилона кор бурда тавонанд, аз забонҳои хориҷӣ ба хубӣ хабар дошта, соҳиби тафаккури баланди технологӣ бошанд, манфиатҳои худро боло аз манфиати мардум ва Ватан нагузоранд ва, агар зарур бошад, ҷони худро барои Ватан фидо карда тавонанд.

Беҳуда нест, ки аз панҷ стратегияи устувор, ки рушди Республикаи Ӯзбекистонро барои солҳои 2017–2021 муайян менамояд, чорумаш дар мазмун ва моҳияти инкишофи соҳаи иҷтимоӣ низоми таълими бардавомро такмил додан, баланд бардоштани имкониятҳои таълими босифат, зиёд намудани шабакаи муассисаҳои таълими томактабӣ ва дар ин муассисаҳо барои инкишофи ҳартарафаи интеллектуалӣ, эстетикию ҷисмонии кӯдакони шароитҳои зарурирро таъмин намудан, дар натиҷаи такмил додани сиёсати давлат оид ба ҷавонон, тарбия намудани ҷавонони ҷисман солим, руҳан ва ақлан инкишофёфта, мустақил фикркунанда, ба Ватан содиқ, нуқтаи назари ҳаётан қатъӣ дошта, ҷараёни ислоҳотҳои демократиро муайян кардан ва дар ҷамъияти шаҳрвандӣ фаъолияти иҷтимоии онҳоро баланд бардоштан барин масъалаҳои муҳим дар назар дошта шудаанд.

Танҳо инсонҳое, ки зарурияти якҷоягии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро амиқ мефаҳманд, донишҳои муосир, салоҳияти интеллектуалӣ, технологияҳои пешрафтаро идора карда метавонанд, ба ҳадафҳои рушди стратегии худ ноил шуданаш мумкин.

Табиист, ки ҳар як давлат бо ҷавонони худ ифтихор дорад. Албатта, ин сабабҳо дорад. Дар кишвари мо:

- ҷавонон дар кишвари мо ҳамчун қувваи асосӣ дар ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ иштирок мекунанд;
- аз зиёда аз 32 миллион аҳолии кишвар 10 миллионашро ҷавонон ташкил мекунанд;
- имрӯзҳо аз байни ҷавонон чемпионҳои ҷаҳон ва қитъа, ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ, фестивал ва озмунҳо ба воя расида истодаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Конститутсияи мо, қомусест, ки арзишҳои ахлоқиро бар асоси мустаҳкам ниҳодааст. Дар он арзишҳои миллии мо инкишофи худро ёфтааст. Масалан, дар моддаи 45-уми Қонуни Асосӣ: «Ҳуқуқи ноболиғон, маъюбон ва пиронсолон аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад», гуфта шудааст.

**Сабақҳои дарс.** Имрӯз қарзи фарзандон дар назди падару модар, масъулияти падару модар дар назди кӯдак дар асоси қонунгузории миллӣ мустаҳкам карда шуда, дар назди ҷавонони Ӯзбекистон заминаи мустаҳкамро барои эҳтиром намудани анъана ва арзишҳои миллӣ, қарор ёфтани фазилатҳои маънавӣ мегузорад.

«Боиси ғурур ва ифтихор аст, ки ҷавонони мо қодир ҳастанд, барои ояндаи Ватанамон масъулиятро ба дӯши худ гирифта, ба қувваи ҳалкунандаи имрӯз ва ояндаи мо табдил ёбанд».

**Шавкат Мирзиёев**

«Ман дар мактабҳои кишваратон борҳо будам. Нигоҳҳои дурахшандаи бачаҳо ин натиҷаи сиёсати аз ҳама хуби роҳбарияти Ӯзбекистон дар соҳаи таълим аст».

**В. Садовничий, Ректори Донишгоҳи давлатии ба номи Михаил Ломоносови шаҳри Москваи Федератсияи Русия**



## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Дар татбиқи сиёсати давлат оиди ҷавонон дар кишвари мо саҳми Шумо чӣ хел аст?
2. Вобастагии узвии фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон дар чӣ акс меёбад? Бо мисолҳо фаҳмонед.
3. Имрӯз дар мамлакати мо барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши ҷавонон чӣ гуна аст? Фикратонро эзоҳ диҳед.



## ЧИСТОН

Гоҳ чун замин наздик, гоҳ чун осмон дур аст. Он чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 14 Дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳдидҳо бар зидди маънавияти миллӣ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мазмун ва моҳияти мафҳуми «глобализатсия» (ҷаҳонишавӣ)-ро шарҳ диҳед. Ба расмҳо назар карда фикратонро асоснок намоед.
2. Вақте ки «глобализатсия ин ба дараҷаи беқиёс тез шудани суръати ҳаёт» мегӯянд, чиро мефаҳмед?
3. Глобализатсия ба равнақи маънавии ҷомеа ва давлат чӣ гуна таъсир дорад? Фикратонро асоснок намоед.



Дар шароити глобализатсияи имрӯза ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар, таъмини амният ва баркарорӣ, мустаҳкам намудани истиқлолият, аз ҳарвақта дида муҳимтар аст. Дар чунин шароит ба он ноил шудан лозим аст, ки таҳкурсиҳои маънавию ахлоқии давлат, арзишҳои миллию умумибашарӣ, мавқеи мероси маънавӣ нигоҳ дошта шаванд. Зеро дар замири давлатдории миллӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ҷамъияти шаҳрвандии ташаккулёфта ниҳон аст.

Глобализатсия (лотинӣ: глобус – кура, сайёраи замин) – мафҳумест, ки дар нимаи дуюми асри XX – ибтидои асри XXI ташаккул ёфта, дар тараққиёти ҷаҳон тартиботҳои нави умумисайёравӣ – васеъшавии робитаҳои байниҳамдигардии давлатҳо ва одамон, фазои иттилоотӣ, паҳншавии сармоя, мол ва интегратсияшавии бозори меҳнат, васеъшавии



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

«Аз ҷумла, терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, низоъҳои динӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, савдои одам, муаммоҳои экологӣ, дар баъзе мамлакатҳо зиёд шудани камбизоатии иқтисодӣ, бекорӣ, қашшоқӣ, тамоми инсониятро ба хавотир оварда истодааст».

**Шавкат Мирзиёев**

намунаҳои оммавии фарҳанг, зиёд шудани хуруҷҳои ахбори мафкуравӣ ва динию экстремистиро ифода мекунад.

Ҳамчунин, ин мафҳум байни ҳамдигарии мамлакатҳои ҷаҳон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ, аз доираи як мамлакат баромада, ба миқёси умумҷаҳонӣ соҳиб шудан, ҳамаи кураи заминро фаро гирифтан характернок аст. Аввалин Президенти Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба мафҳуми ҷаҳонишавӣ чунин таъриф дода буд: «Имрӯз тараққиёт ва равнақи ҳар як давлат на танҳо дар ҳамсояҳои наздик ва дур, балки дар миқёси ҷаҳонӣ бо дигар минтақаву ҳудудҳо чунон вобастааст, ки аз ин ҷараён дар берун истодани ягон давлат ба натиҷаҳои мусбӣ наоварданашро фаҳмидан ва дарк намудан душвор нест. Ба ин маъно, глобализатсия, пеш аз ҳама, суръати ҷараёни ҳаётро аз ҳад зиёд тезонидан аст».

Асоси таҳдидҳои зидди маънавияти миллиро ҷараёнҳои вобаста ба асосҳои ахлоқ, арзиш, маданият, дин ва тарбия зид, таназзулёбии шахсияти инсон, риоя накардан ба меъёрҳои иҷтимоӣ, маънавиву ахлоқӣ



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Тадбирҳои оид ба пешгирӣ намудани таъсири манфӣ ба align ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ аз чиҳо иборат аст?
2. Шахсе, ки ба таъсири таҳдидҳои мафкуравӣ дучор меояд, ӯро аз ин мафкураи бегона чӣ хел халос кардан мумкин?
3. Фикри зеринро хонед ва муносибати худро баён кунед.

*Ба ақидаи Д.Вилкарсон дар ҷомеаи Ғарб сабабҳои авҷ гирифтани вайроншавии ахлоқӣ, ин ба воситаи телевизиони кабел иллатҳои ғайриинсониро бо тарзи васеъ тарғиб кардан аст. Аз ҳама хатарнокаш он аст, ки мамлакатҳои Ғарб кӯшиш карда истодаанд, ки ҷаҳонбинии худ, андоза ва тарзи ҳаёташонро ба воситаҳои гуногун, хусусан, ба воситаи таъсири ғоявию мафкуравӣ ба ҳаёти миллат ва халқҳои дигар ворид намоянд.*



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

ташкил медиҳад. Кишварҳои дунё, қувваҳои муайян, марказҳо, аз тарафи шахсоне, ки манфиатҳои худро аз ҷиҳати мафкуравӣ таъмин намудан, ҳадафҳои ғаразнокро ба нишон гирифта, кишварашон ва давлатҳои дигар, хусусан ҷавононро ба роҳи нодуруст бурдан, аз усул ва технологияҳое, ки барои ба шуури онҳо ғоя ва нуқтаи назарҳои ғайриинсонӣ ва ғайриахлоқиро ворид менамоянд, истифода бурда таҳдидҳои гуногунро ба ҷо меоранд.

Аз ин рӯ, нисбат ба таҳдидҳои ғоявию мафкуравӣ, бодиққат, огоҳу ҳушёр зистан, ба манфиатҳои мамлакат, ғояҳои бегона, назарҳое, ки ба анъанаҳои миллӣ ва арзишҳоямон зид аст, мақсад ва муддаоҳои онҳоро амиқ фаҳмидан, махсусан, ҷавононамонро аз чунин хавфу хатарҳо ҳимоя намудан, низоми тарбияи маънавиро боз такмил додан дар мубориза бар зидди таҳдидҳои маънавӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Мо таҳдидҳои маънавӣ гуфта, қатъи назар аз забону дину эътиқод хуруҷҳои ғоявӣ, мафкуравӣ ва инфарматсиониеро мефаҳмем, ки озодона зиндагӣ кардани ҳар гуна инсон муқобил гузошта шуда, зарба задан ба олами руҳии вайро назди худ мақсад ниҳодааст. Инчунин, таҳдидҳои маънавӣ шакли муайяни вайронкории маънавие мебошанд, ки аз ҷониби қувваҳои вайронкор бо назардошти манфиатҳои молиявӣ ва сиёсии худ, аз марказҳои гуногун нисбат ба ягон мамлакат аз дохил ё берун ба ҷо оварда мешаванд. Онҳо барои ба ҳадафҳои худ расидан барои аз ҳар гуна усулҳои ба ҳиссиётҳои маънавӣ-руҳии одамон, эҳсосотҳои миллӣ, муаммоҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ, ки дар ҳама ҷо мавҷуд аст, инчунин, аз технологияи муосир, телекоммуникатсия, ВАО, интернет моҳирона истифода бурдан кӯшиш мекунанд.

Ҳар гуна таҳдиду таҷовузҳое, ки бар зидди маънавият нигаронида шудаанд, бехатарии мамлакат, манфиатҳои миллии он, ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ дар роҳи таълимини оияндаи насли ҷисман ва маънан солим табдил ёфта, дар охир ҷомеаро ба инқироз оварда расонданаш мумкин аст.

| ТАҲДИДҲО | |
|---|---|
| **ДОХИЛӢ** | **БЕРУНӢ** |
| Риоя накардани қонун, бепарвоӣ, хиёнат, маҳалгароӣ, ришвагирӣ, беэътиноӣ, нописандӣ нисбати дигарон, ҳасад, хиёнат, бемасъулиятӣ ва ғайра. | Фундаментализм, шовинизм, фашизм, «маданияти оммавӣ», ғоя ва мафкураҳои бегона, халои ғоявӣ, таназзули маънавӣ ва ахлоқӣ, ахлоқи вайрон ва зӯроварӣ, эгосентризм, қочоқи маводи мухаддир, сепаратизм, нажодпарастӣ, нописандӣ ба арзишҳои миллӣ ва маънавӣ ва ғайра. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Раванди ҷаҳонишавӣ ба дониш, илму техника, иқтисод ва дигар соҳаҳо, инчунин, ба масъалаи демократикунонии давлат низ таъсири калон мерасонад. Дар натиҷаи ҷараёнҳои глобализатсия мултимаданият, ки (ба ном маданияти хурд) ба худшиносии миллӣ хатар меорад, ворид шудааст. Акнун дар зери таъсири он аломат ва хислатҳое, ки ба ҳар як миллат хос аст, бо аломатҳои фарҳангии умумӣ омехта шуда истодааст. Мутаассифона, он ҷавонони зиёдеро ба зери таъсири худ даровардааст.

Имрӯз дар кишвари мо ба масъалаи рушди маънавӣ, ахлоқии ҷомеа, камолоти маънавию ахлоқии шаҳрвандҳо бахусус, ҷавонон эътибори калон нигаронида, дар ин самт мақсад ва вазифаҳои равшан муайян карда шуд. Дар натиҷаи барнома ва чорабиниҳои, дар ҳамкории узвии давлат ва ҷомеа омода карда шуда пеш аз ҳама, худшиносиву худогоҳӣ, арзишҳои таърихӣ ва миллӣ, урфу одатҳо ва анъанаҳои қадимаро барқарор намудан ва боз ғанӣ кардан, ҳурмат ва эҳтиром ба рӯҳи ниёгони мо, аз нав барқарор намудани ёдгориҳои таърихӣ ва қадамҷойҳо ва аз ҳама муҳимтараш, асос гузоштан ба ғояи истиқлоли миллӣ барин як қатор корҳои мусбӣ ба анҷом расид.

| Таъсири ҷаҳонишавӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ | |
|---|---|
| *Ҷиҳатҳои мусбати ҷаҳонишавӣ дар чист:*<br>Робитаҳои интегратсия ва ҳамкорӣ дар байни давлатҳо ва халқҳо пурзӯр шуда истодааст, барои ҳаракати озоди сармоя ва молҳо, шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда истодааст, технологияҳои иттилоотӣ ва комуникатсияи муосир, дастовардҳои илму фан ба зудӣ паҳн шуда истодааст, арзишҳо дар асоси умумибашарӣ мунтарак шуда истодааст. Дар айни замон мулоқотҳои байни тамаддунҳо сифати нав касб менамояд, ки дар натиҷаи он дар вақти офатҳои экологӣ имкониятҳои ёрии байниҳамдигарӣ афзуда истодааст ва ғайра. | *Ҷиҳатҳои манфии ҷаҳонишавӣ дар чиҳо намоён мешавад:*<br>Башариятро ба гирдоби зиддиятҳои байниҳамдигарӣ баранда, харобкунандаи маънавият, дар охири оқибат ба фоҷиаҳо бурда, ба ташаккул ёфтани шаклҳои нави «арзишҳо» оварда мерасонад. Имрӯз шуур ва қалби мардуме,ки дар минтақаҳои гуногуни дунё мебошанд, ба майдони ворид намудани ғояҳои гуногун, ба майдони мафкуравӣ табдил ёфта истодааст. Васеъ паҳн шудани экстремизми динӣ ва фундаментализм дар Осиёи Марказӣ ба пурзӯр шудани ҳаракатҳои фаъолияти тахрибкорӣ оварда расонд ва ғайра. |



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

## ДОНИСТА ГИРЕД!

Барои зиддият нишон додан ба оқибатҳои зараровари ҷаҳонишавӣ:

- баланд бардоштани салоҳияти зеҳни миллӣ;
- мероси миллӣ-маънавиро ба қисми ҷудонашавандаи шуур ва ҷаҳонбинии ҷавонон табдил додан;
- ба ҷавонон фаҳмондани худшиносии миллӣ ва дар онҳо ташаккул додани ҳиссиёти ватанпарварӣ;
- ташаккул додани шуури таърихӣ ва хотираи таърихӣ, афзоиш додани таваҷҷӯҳи таърихӣ;
- тарғиб намудани шаъни оила, меҳру муҳаббат ба маҳалла, хондани китобҳо, дониш ва маърифатнокӣ;
- тарбия намудани эҳтиром ба арзишҳо ва урфу одатҳои миллӣ.

**Сабақҳои дарс.** Бар зидди таҳдидҳое, ки ба инкишофи ҷомеа таъсири мусбӣ доранд, ба оқибатҳои зараровар оварда мерасонанд, тамоми аъзоёни ҷамъият, пеш аз ҳама, имон ва эътиқоди ҷавононро мустаҳкам карда, иродаи онҳоро бақувват намудан, онҳоро ҳамчун инсонҳои баркамоли ақидаи мустақил дошта тарбия кардан лозим.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Имрӯз кадом хатарҳоеро, ки ба ҳаёти маънавиямон хавф доранд, таъсири глобализатсия гуфта метавонем?
2. Шумо фикри «Хонаи худро худат нигоҳ дор»-ро чӣ гуна эзоҳ медиҳед?
3. Кадом хатарҳо ба мо хурд менамоянд, вале оқибатҳои калон доранд, зарари онро талофӣ кардан мумкин аст? Фикратонро асоснок намоед.

## ЧИСТОН

Аксар вақт одамонро ба роҳи нодуруст мебарад. Он чист?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# § 15 Таъсири медиафарҳанг барои баланд бардоштани маърифати ҷомеа



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА:

1. Мафҳумҳои «интернет», «медиафарҳанг» ва «амнияти иттилоотӣ»-ро шарҳ диҳед.
2. Дар ҳикмати бебаҳои ҳазрати Алишери Навоӣ: «Агар ту огоҳӣ, ту шоҳӣ» чӣ гуна маъно муҷассам аст?
3. Имрӯз таъсири медиафарҳангро ба маънавияти ҷомеа дар чиҳо ҳис кардан мумкин? Тавассути суратҳо фикратонро асоснок намоед.

Донистани шабакаҳои иҷтимоӣ, унсурҳои фарҳангӣ, яке аз вазифаҳои муҳими имрӯза мебошад. Мо дар даври технологияҳои олӣ зиндагӣ мекунем: он маълумоте, ки ба мо хеле зарур аст, дар ҷустуҷӯи он аз рӯзномаҳои иҷтимоию сиёсии гуногун, аз китобҳо ва намоишҳои телевизионӣ дида интернетро маъқул мешуморем. Чаро ин тавр?

Чун маълумотҳои интернет, тез тез нав мешаванд, истифода бурдани он ба мо душвориҳо намеорад. Ҳазрат Алишер Навоӣ ба аҳамияти ахбор дар ҳаёти шахс ва ҷомеа баҳои баланд дода, панҷ аср пеш «Агар ту огоҳӣ, ту шоҳӣ» барин сатрро навишта буд.

Дар шароити босуръат инкишофёфтаи технологияҳои иттилоотӣ амнияти иттилоотӣ дар таъмин намудани манфиатҳои миллии шахс, ҷомеа ва давлат аҳамияти калон дорад.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Тавре, ки шумо медонед, дар зери ҳар як маълумот манфиат вуҷуд дорад. Аммо аз ахбор бар зидди манфиатҳои миллӣ ва байналхалқӣ истифода бурдан ҷиноят аст. Дар айни замон иттилоот дар дасти як қатор мамлакатҳо ва созмонҳои террористии байналхалқӣ ба силоҳи асосӣ ва даҳшатовар табдил ёфта истодааст. Сабаби асосии он – ба эътибори одамон бо тарзи қулай, зуд ва аз ҳама самаранок рафта расидани иттилоот мебошад. Ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи мо, аз он ҷумла тараққиётро дар соҳаи таълим бе интернет, телевизион, радио ва нашрияҳои оммавӣ тасаввур карда наметавонем.

Воқеаҳои гуногуне, ки дар олам рӯй медиҳад ва маълумоте, ки ба маънавиятамон зид аст, тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, интернет ва васоити ахбори омма дастрас шуда истодааст. Баъзе ҷавонон ин иттилоотро нафаҳмида ба он бовар мекунанд, ки ин ба шуури онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Нақши воситаҳои ахбори оммавӣ дар баланд бардоштани савияи медиафарҳанги ҷавонон хеле бузург аст. Ба воситаи он ташкил кардани намоишҳои гуногун, омӯхтан ва таҳлил намудани дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки дар ҷаҳон рӯй медиҳад роҳи аз ҳама самарабахши роҳнамоии ҷавонон мебошад. Вақте, ки ҷавонон шабакаи интернетро истифода мебаранд, аз сайтҳои расмӣ (филтршуда) зиёдтар истифода кунанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Раванди тағйирёбии ҷиддӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва экологӣ, хусусан, дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ба инкишофи пуриқтидори захираҳои ахбор оварда расонид. Ин аз истеъмолкунандагон зарурияти самаранок истифода бурдани иттилоотро талаб мекунад.

Дар вебсаҳифаҳои интернет маълумотҳои гуногун ҷойгир карда шудааст. Инҳо санадҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, расмҳо, аудио, клипҳои видеоӣ, китобҳо ва маҷаллаҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, бадеӣ ва ғайра мебошанд.

Дар баробари иттилооти мусбат, ба усул ва воситаҳои ба шуури одамон, хусусан, ҷавонон ворид намудани ахбори манфӣ низ айнан тавассути интернет оғоз ёфт.



**ДОНИСТА ГИРЕД**

Хотираи инсон ба воситаи телефон 10 фоиз маълумот қабул мекунад. Тавассути видео бошад, 60 фоиз маълумотро аз худ мекунад.

Дар медиабозор таҳиякунанда, таъминкунандаи ахбор (маҳсулот) ва истеъмолкунандаи иттилоот иштирок мекунад. Таҳиякунанда, ин муаллифи ғоя маводҳоро ҷамъ менамояд, таҳлил мекунад, медиаматнро омода мекунад ва паҳн мекунад, маҳсулот (ахбор) — иттилооте, ки дар матн, аломат, суратҳо ва рамзҳо ифода ёфтааст; паҳнкунанда (канал) — ВАО — васоити ахбори омма (медиа); истеъмолкунанда — қабулкунандаи ахбор, шахси омӯзанда, талқинкунанда.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Имрӯз замон бошиддат тағйир меёбад. Ҳаёт дар ҳамаи соҳаҳо аз ҳамаи мо кӯшишҳои далерона, ташаббусҳои фаъол, муносибатҳои ҳаққонӣ ва одилонаро талаб карда истодааст. Мардуми бисёрдида, босабру тоқат, заҳматкаш ва оличанобӣ мо тағйиротҳои муҳими ба амал ҷорӣ шудаистода ва натиҷаҳои онро интизор аст.

**Шавкат Мирзиёев**



**ДОНИСТА ГИРЕД!**

Вақте ки дар компютери бегона аз почтаи электронӣ ё хидматҳои дигар истифода мекунед, аз он баромаданро фаромӯш накунед. Дар акси ҳол, бегонаҳо аз иттилооти махфии Шумо истифода намуда, ба шумо фармоиш ё худ талабномаҳо фиристонданашон мумкин.

Бо пайдошавии интернет дар хусуси таъсири ҷиҳатҳои муайяни ӯ ба ахлоқи ҷомеа мубоҳисаҳои гуногун шуда гузаштааст. Он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ, яъне дар оқибати мулоқот доштан бо одамоне, ки дар шароити гуногуни фарҳангӣ истиқомат мекунанд ва тарбияи гуногун доранд, ба паст шудани арзишҳои миллӣ оварда расонданаш намоён шуд. Ҳамчунин, паҳн шудани иттилоот бо суръати раъду барқ дар навбати худ ахбори ҳақиқиро аз дуруғ ҷудо карда натавонистан, ба паҳншавии маълумотҳои гуногуни мазмуни манфӣ дошта, ба пайдошавии сайтҳое, ки ба агрессивӣ ва зӯроварӣ даъват менамоянд, сабаб шуд.

Зеро инсони бомаънавияту бофарҳанг ҳеҷ маҳал тавассути сайт, почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо суханҳое, ки бе восита ба руҳияти инсон таъсири манфӣ мерасонад, наменависад. Мурочиатҳое, ки ба воситаи чат ва форумҳо мешаванд, аз доираи одоби сухан намебароянд. Пас, Шумо ҳангоми истифодаи интернет ба чиҳо бояд диққат диҳед:

- ҳар гуна ахбори ба оромӣ хатаррасон, характери вайроннорӣ дошта, ба ҳаёти шахсии истифодабарандагони дигар ва ашхоси сеюм дахлдорро боргирӣ, нигоҳ доштан, чоп кардан, паҳн намудан ва дар ҳолатҳои дигар истифода бурдан;
- вайрон кардани ҳуқуқҳои ноболиғон;
- бор гирии тасвирҳои азоб додан ба ҳайвонҳо ва зӯроварӣ, даъвати ба ҳамин монанд, тасвирҳо;



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

- акс намудани ғояҳои душманӣ, иркӣ, динӣ ва этникӣ;
- дастурҳо барои тарғиб намудани фаъолияти ҷинояткорӣ;
- ҷойгир намудани ахбори маҳдудшуда;
- ҷойгир кардани ахбороти паҳн намудани маводи мухаддир ва усулҳои истеҳсоли онҳо;
- ҷо намудани матнҳое, ки характери фиребгарӣ доранд.

Медиафарҳанг фарҳангест, ки дар зери таъсири воситаҳои ахбори оммавӣ (пеш аз ҳама телевизион, пас матбуот, радио, интернет) ташаккул ёфтааст.

Он эҳтиёҷи одамонро ба иттилоот таъмин менамояд, шавқи одамонро идора мекунад, монанди меҳригиёҳ ба худ ҷалб менамояд, намудҳои гуногуни таъсир, усул ва воситаҳоро ба кор меандозад. Имрӯз шуур ва тафаккури ҷавононро медиафарҳанг идора карда истодааст. Як мисол, ҳар як ҷавон даркор аст ё не, барои онро истифода бурдан эҳтиёҷ дорад ё не, хоҳиш дорад, то дар дасташ телефони мобилии муосир дошта бошад. Бо касе беист гап занад, нависад, ахбор иваз намояд. Замон барои соҳиб шудан ба шуур ва қалби одамон ба мубориза даҳшатовар ворид шудааст. Табиист, ки дар он медиафарҳанг нақши асосӣ дорад.

Дар бораи ояндаи одамоне, ки саводи медиавӣ надоранд, фикрҳои дар боло гуфта шударо фаҳмонед.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Вақте ки Шумо дар интернет бо истифодабарандагон тавассути почтаи электронӣ ё худ форумҳои дар сайт буда муошират мекунед, ба чиҳо эътибор медиҳед?
2. «Пешакӣ миннаторӣ баён мекунам», «бо эҳтиром», «ташаккур ба шумо барои боварӣ»,«ақидаи Шумо ба мо хеле муҳим», «барои ба мо муошират карданатон вақт ҷудо карданатонро қадр мекунем» барин ҷумлаҳои оддӣ ба медиасаводхонӣ чӣ алоқа дорад?
3. Ба фикрҳои зерини Президенти аввалини Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов эътибор диҳед: «Нерӯҳои зӯровар ва таҷовузкори дар дунё буда, кадом як халқ ё худ мамлакатро ба худ тобеъ намудан, шикастан, захираҳои ӯро соҳиб шуданӣ бошад, пеш аз ҳама барои ӯро бесилоҳ кунонидан, барои онҳоро аз бузургтарин сарват — арзишҳои миллӣ, таърих ва маънавият ҷудо кардан кӯшиш мекунад».



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

Медиафарҳанги ба ҷомеаи мо ҳамчун алафи печак часпидааст. Аз он ягон илоҷи бегона шудан нест. Акнун тақозое ба миён омадааст, ки ба медиафарҳанг ворид шудани ҷавонон ва ҷараёни вобасташавии он ба тарзи оқилона идора карда шавад.

Мафҳуми медиафарҳанг аз мафҳуми «фарҳанги оммавӣ» фарқ мекунад. Медиафарҳанг – ҳосилаи раванди ҷаҳонишавӣ аст. Бинобар ин, ҷаҳонишавӣ барин он ҷонибҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Тарафи мусбии онро қабул ва инкишоф дода, аз оқибатҳои манфии он эҳтиёт шуда, худамонро бояд аз натиҷаҳои даҳшатовари он нигоҳ дорем.

Дар замоне, ки ҷустуҷӯ аз ахбори гуногун ва имкониятҳои тасарруф кардани он васеъ шуда истодааст, фарҳанги ҳуқуқии хонандагонро ташаккул додан, аз ҷараёнҳои гуногун ҳифз намудан, аз хуруҷҳои ахбори гуногуне, ки тавассути шабакаи интернет меояд, огоҳ намудан, вазифаи умдатарини рӯз шудааст.

**Сабақҳои дарс**. Дар давраи глобализатсияи имрӯза дар баробари талаб намудани фаъолии иҷтимоӣ, камолоти маънавӣ, ахлоқи ҷавононро аз ҳарвақта дида ба дараҷаи муҳимтар бардоштан зарур аст. Зеро ба медиафарҳанг соҳиб шудан дар асоси азхудкунии рушди арзишҳои маънавӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ одамон ба ҳамдигар, ба оила, ба ҷомеа, ба Ватан ва ба тақдири тамоми инсоният муносибатҳои инсондӯстиро намоён мекунанд ва ба рушди ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонанд.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАҲКИМИ МАВЗӮЪ

1. Имрӯз медиафарҳанг, ки торафт оммавӣ шуда истодааст, ба меъёрҳои ахлоқӣ чӣ робита дорад?
2. Оё шуур ва тафаккури ҷавононро тавассути медиафарҳанг идора кардан мумкин аст? Фикратонро асоснок намоед.
3. Фикри «Ахбор дар дасти ҳар касе бошад, ӯ оламро идора мекунад»-ро чӣ хел эзоҳ медиҳед.

## ЧИСТОН

Ҳамеша бо инсон якҷоя аст. Вале фоидаи он ҳеҷ гоҳ намерасад. Онҳо чиҳоянд?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# ДАРСИ ҶАМЪБАСТӢ

Донишомӯзи азиз!

Дар давоми ду соли охир, худшиносиву худогоҳӣ, дар айни замон ба қадри вақт, оила, Ватан расидан, нисбат ба дигарон дар муносибати оличанобӣ будан, ҳамчунин, ба онҳо меҳру мурувват нишон доданро тавассути китоби дарсии «Асосҳои маънавият» дониста гирифтед. Маънавият – танҳо маҷмӯи мафҳумҳои назариявӣ нест. Он ифодаи қудрати халқу миллат, асосҳои арзишҳо, ҳадафҳои нек аст. Маънавият – ахлоқ ва одоб, дониш, қобилият, таҷриба, виҷдон, эътиқод ва ҷаҳонбинии инсон буда, низомест, ки дар якҷоягӣ бо рушди ҷомеа таъсири мусбӣ расонданашро дар давоми аз худ кардани мавзӯъҳои китоби дарсӣ фаҳмида гирифтед.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва модернизатсияи имрӯз ба маънавият ба сифати мизони ҳифзи халқ, миллат, ҳатто инсон ва барқарориву фаровонии дунё муносибат карда мешавад. Аз ҷумла, маънавият тараққиёти Ӯзбекистони ҷонаҷонамон ва ҷавононеро, ки дар он ба воя мерасанд, аз касе кам набудани онҳо, ҷисман пурқудрат, ақлан бо салоҳият шуда ба воя расиданашон чун неруи руҳии ниҳоят муҳим хизмат мекунад.

Шумо донишомӯзи азиз, дар доираи мавзӯъҳои китоби дарсӣ оид ба дар кадом ҷомеа зиндагӣ кардани худ ва ҷамъиятро ташкил кардани одамоне, ки ба меъёрҳои олии маънавият ҷавоб дода метавонанд, устувории қонун, ки махсусан дар ҳаёти ҷавонон намоён мешаванд, шинос шудед. Мавзӯъҳои китоби дарсӣ, ки мазмуни онро хеле бой гардонидааст, ба арзишҳои ахлоқӣ ва шаҳрвандии фаъолро тарбия намудан хизмат мекунанд. Боварӣ дорем, ки онҳо ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-маънавии Шумо низ таъсир кардаанд.

Донишомӯзи азиз! Нурҳои тафаккур, ки дар китоби дарсӣ ҷо гирифтаанд, саршор аз адабиёту маърифат аст, ки Шуморо ба роҳи дуруст, ба ҳадафи дуруст ва ташаккул додани эътиқод даъват менамояд. Барои ин ҷавонони имрӯза ақидаи озод ва мустақил дошта, бо имону эътиқод, бо ақлу заковатманд, боирода, донишманду доно буда, таърихи кишвари худро, арзишҳои миллӣ, инчунин, мероси илмию маънавиро, ки аз аҷдоди бузургамон мондааст, ба шууру қалби худ ҷо намуда бояд нигоҳ доранд. Инчунин,



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

китоби дарсӣ барои Шумо маҷмӯаи мафҳум ва фикрҳо буда, ба оянда даъват менамояд. Боварӣ дорем, ки Шумо донишҳои худро такмил дода, ба қуллаҳои баланд хоҳед расид.

Донишомӯзи азиз! Бояд таъкид кард, ки ноил шудан ба мақсадҳои нек, ба бахту омад расидан ин чараёнест, ки худ аз худ ҳал намешавад. Барои ин дар баробари заҳмати беист, кӯшишу шуҷоат, иродаи матин доштан, заминаи мустаҳками истиқлолият, фаровонӣ, сулҳ, осоиштагӣ дар кишвар бояд ҳукмфармо бошад.

Шоири дӯстдоштаи мо Эркин Воҳидов дар шеъри худ таъкид карда буд:

*Ҳуррият нанг асту номус, ор низ*
*Халқи соҳибқадрро ҷовид ният.*
*Ҳуррият худ нест бахти созгор,*
*Балки баҳри он бувад имконият*[1].

Бигузор, зиёи илм чун ситораи бахт роҳи ҳаёти Шуморо нурафшон намояд.

[1] Тарҷимаи муҳаррир.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Ҷавоби чистонҳо

**Барои синфи 10-ум**

§1. Фарзанди хушхулқ, доно.
§2. Тарбияи ба намунаи шахсӣ асосшуда, ба гуфта фирефта нашуда амал кардан.
§3. Фарзанди ба насиҳати волидайи бепарво.
§4. Натиҷаи корҳои нек ё амалҳои бад.
§5. Одамизод.
§6. Китоб.
§7. Дониш, касбу ҳунари муфид.
§8. Масъулияти вазифа, бори садоқат, ҳолати ғамгинӣ.
§9. Шахси нодон ва ношуд.
§10. Эътиқоди мустаҳкам ва иродаи собит.
§11. Навраси хоҳиши таълим, дониш гирифтан надошта.
§12. Устод – мураббӣ .
§13. Тарбияи мақбули ба хулқу атвори нек асоснок.
§14. Шахси бешарму ҳаё.
§15. Феълу атвор.

**Барои синфи 11-ум**

§1. Шахси китобҳоро ба ҷевон чида, аммо ягонтаашро нахонда.
§2. Инсонҳои фозил.
§3. Эҳсоси муҳаббат ба Ватан — модар, масъулияти тарбияи фарзанди қобил, ҳаракат дар роҳи ҳаёти муносиб гузаронидан.
§4. Тарбияи нек.
§5. Амри виҷдон, нидои қалб.
§6. Одоби зебо, хушхулқӣ.
§7. Фарзанди ноқобил.
§8. Ҳасад.
§9. Шахси дилсахт.
§10. Ақл, дониш, сарват.
§11. Маънавият, маданият, адабиёт ва санъат.
§12. Офатҳои табиат.
§13. Орзуву умед.
§14. Балои нафс.
§15. Беқатъиятӣ дар сухан, лоқайдӣ ба кор, беписандӣ нисбат ба арзишҳои муқаддас.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мундарича

Муқаддима ........................................... 3
§ 1. Маънавият — қудрати беҳамто......... 5
§ 2. Дарки инсон ва худшиносӣ ............. 10
§ 3 Маънавияти оила............................... 14
§ 4. Мавқеи маҳалла дар ташаккули маънавияти ҷомеа............................ 19
§ 5. Инсон ва ҷомеа ................................ 23
§ 6. Тафаккури инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ...................................... 27
§ 7. Ҳаёти моддӣ ва маънавӣ – зеби инсон................................................ 31
§ 8. Масъулияти шаҳрвандӣ ва ӯҳдадориҳои он ................................ 35
§ 9. Амнияти маънавӣ............................. 40
§ 10. Иродаи мустаҳкам — кафолати маънавияти воло .............................. 45
§ 11. Маънавият сӯи камолот мебарад ... 50
§ 12. Нақши маърифат дар маънавияти инсон................................................ 54
§ 13. Нафосат (эстетика) ва маънавият .. 58
§ 14. Нақши имиҷ дар ташаккул ёфтани маънавияти инсон ............... 62
§ 15. Нақши этикет дар маънавияти инсон ............................................... 67
Синфи 10-умро ҷамъбаст менамоем!..... 70
§1. Инсон – офарандаи ҷамъияти инсонӣ .. 72
§ 2. Маънавият — қиёфаи миллат .......... 76
§ 3. Камолоти маънавӣ............................ 81
§ 4. Асосҳои маънавӣ ва ахлоқии инкишофи Ӯзбекистон..................... 85
§ 5. Таъсири анъанаҳои миллӣ ба баландшавии маънавияти инсон..... 89
§ 6. Таъсири мероси маънавӣ ба маънавияти инсон............................ 92
§ 7. Оила — қалъаи муқаддас аст........... 96
§ 8. Дар ривоҷи қадриятҳои маънавӣ ягонагии байни миллатҳо ............. 101
§ 9. Мавқеи маънавият дар муошират ва муносибатҳои байни худ ........... 106
§ 10. Мавқеи салоҳияти зеҳнӣ ва маънавӣ дар нерӯи созандагии маънавияти ҷомеа.......................... 109
§ 11. Адабиёт — ифодаи маънавии дили халқ.........................................114
§ 12. Муштаракии маданияти экологӣ ва маънавият ..................................119
§ 13. Ташаккул додани маънавияти баланд дар фаолияти ҷавонон ...... 124
§ 14. Дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳдидҳо бар зидди маънавияти миллӣ............................................. 129
§ 15. Таъсири медиафарҳанг барои баланд бардоштани маърифати ҷомеа............................................. 134
Дарси ҷамъбастӣ .................................. 139
Ҷавоби чистонҳо .................................. 141



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**VAHOB QO‘CHQOROV,**
**OBIDDIN MAHMUDOV,**
**ZOKIRJON ZAMONOV**

# «MA’NAVIYAT ASOSLARI»

*O‘quv nashri*

O‘rta umumta’lim massasalarining 10-11-sinflari uchun darslik

*(Tojik tilida)*

*Ikkinchi nashr*

Toshkent – «Yangiyo‘l Poligraf Servis» – 2018

Nashriyot litsenziyasi AI №185, 10.05.2011 y.

Тарҷумон — Зебунисо Файзуллоева
Муҳаррир — Х. Саъдуллоҳ
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – Ҷ. Азимов

Аз оригинал-макет ба чоп 25.05.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи «Times New Roman».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,0. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53.
Теъдоди нашр нусха. Супориши №

Дар чопхонаи ҶММ «Yangiyo‘l Poligraf Servis» чоп карда шуд.
112001, вилояти Тошканд, шаҳри Янгийўл, кўчаи Самарқанд, 44.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора дода шуда**

| Р/т | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Китоби дарсӣ ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали боло аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қач шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад. Аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст. Дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE